ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 07:802.0+809.155.0 (76.12:81.2 Анг+81.2 Тоҷ)

РАҲМАТУЛЛОЕВ МАҲМАДУЛЛО САИДУЛЛОЕВИЧ

ТАҲЛИЛИ СОХТОРӢ-МАЪНОӢ ВА ЭТИМОЛОГИИ ИСТИЛОҲОТИ ЖУРНАЛИСТИКА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филология, профессор Мамадназаров Абдусалом

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО…… 5

МУҚАДДИМА…….. 7

БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШУ ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ИСТИЛОҲОТИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

1.1. Омӯзиш ва заминаи назариявии таҳқиқи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ……. 17

1.2. Мафҳуми «истилоҳ», «системаи истилоҳот», «истилоҳшиносӣ» ва «майдони истилоҳӣ» дар забоншиносӣ…….…… 32

1.2.1. Мафҳуми «истилоҳ» дар осори классикии форсу тоҷик……..... 32

1.2.2. Мафҳуми «истилоҳ» дар забоншиносии русу аврупоӣ……. 33

1.2.3. Мафҳуми «истилоҳ» ва забоншиносии тоҷик…… 36

1.2.4. Истилоҳшиносӣ…… 39

1.2.5. Майдони истилоҳӣ……..... 41

1.2.6. Системаи истилоҳот…….…… 42

1.3. Таърихи пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ……. 45

1.3.1. Пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ…….. 45

1.3.2. Пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ……..... 49

Хулосаи боби I. …….…… 57

БОБИ II. ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ВИЖАГИҲОИ СОХТОРӢ-МАЪНОИИ ИСТИЛОҲОТИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

2.1. Роҳҳои асосии вожасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....…….. 59

2.1.1. Истилоҳ-вожаҳо……..…… 60

2.1.2. Ибора-истилоҳот……..... 68

2.1.3. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти сода……..... 74

2.2. Роҳи сарфии ташаккули истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. …….…….. 77
2.2.1. Вандафзоӣ……..... 77
2.2.2. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти сохта дар забони англисӣ..... 79
2.2.3. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти сохта дар забони тоҷикӣ…… 88
2.3. Роҳҳои ташаккули истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. ……..... 98
2.3.1. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти мураккаб дар забони англисӣ…….…… 98
2.3.2. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти мураккаб дар забони тоҷикӣ…… 102
2.3.3. Вижагиҳои сохтории ибора-истилоҳот дар забони англисӣ…... 107
2.3.4. Вижагиҳои сохтории ибора-истилоҳот дар забони тоҷикӣ……. 112
2.4. Майдони семантикии истилоҳи рӯзноманигорӣ/journalism дар забонҳои таҳқиқшаванда…….…… 120
Хулосаи боби II …….….. 134

БОБИ III. ТАҲЛИЛИ ЭТИМОЛОГИИ ИСТИЛОҲОТИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

3.1. Шарҳи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ……..... 137
3.1.1. Истилоҳоти рӯзноманигории аслӣ дар забони англисӣ……... 137
3.1.2. Истилоҳоти рӯзноманигории иқтибосӣ дар забони англисӣ….. 138
3.1.3. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони лотинӣ…….. 139
3.1.4. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони юнонӣ……..... 146
3.1.5. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони фаронсавӣ…… 149
3.1.6. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони ҳоландӣ…… 149
3.1.7. Истилоҳоти иқтибосии дигар…… 150
3.1.8. Истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ аз забонҳои гуногун……... 151
3.2. Шарҳи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони

тоҷикӣ……... 158
3.2.1. Истилоҳоти аслии рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ…… 159
3.2.2. Истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ аз вожаҳои арабӣ……. 162
3.2.3. Истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ аз вожаҳои русӣ ва байналмилалӣ…… 164
3.2.4. Истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ аз забонҳои гуногун……... 167
Хулосаи боби III…….. 173
ХУЛОСА……..... 175
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..... 181
ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ……... 182
ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..... 199

РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

АЗГ – Асоси замони гузашта

АЗҲ– Асоси замони ҳозира

ВАО – Васоити ахбори омма

ГЗТ – Грамматикаи забони тоҷикӣ

ГЗАҲТ – Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик

ЗАҲТ – Забони адабии ҳозираи тоҷик

Л – Лотинӣ

ЛФ – Лотинию фаронсавӣ

ЛИ – Лотинию итолиёвӣ

ЛО – Лотинию олмонӣ

ОИЯ – Основы иранского языкознания

РБ – Русию байналмилалӣ

РТС – Русско-таджикский словарь

Т – Тоҷикӣ

ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

Ҳ – Ҳоландӣ

ЮФ – Юнонию фаронсавӣ

ЮФЛ – Юнонию фаронсавию лотинӣ

A adjectiv**e** – сифат,

Adv adverb – зарф,

AdjPs adjective phrases – ибораҳои сифатӣ

AdvPs adverb phrases – ибораҳои зарфӣ

Chris – Christopher

If infix – миёнванд

Inf infinitive – масдар

N noun – исм

Num numeral – шумора

NPs noun phrases – ибораҳои исмӣ

Pf prefix– пешванд

PN pronoun – ҷонишин

PP1 present participle 1– сифати феълии I

PP2 past participle 2 – сифати феълии II

PPs prepositional phrases – ибораҳои пешояндӣ

PrP preposition – пешоянд

Sf suffix – пасванд

V verb – феъл

VPs verb phrases – ибораҳои феълӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар замони муосир таваҷҷуҳи олимони забоншиносро бештар масъалаҳои низоми истилоҳотӣ дар забонҳои гуногунсохтор ҷалб менамояд. Дар ин замина таҳиқи равандҳои ташаккули ифодаҳои истилоҳӣ дар забонҳое, ки аз ҷиҳати сохтор мухталифанд, ошкор намудани монандӣ ва тафовути онҳо аҳаммияти хоса пайдо менамояд. Баррасии илмии низоми истилоҳотии рӯзноманигорӣ дар ин раванд мубрам арзёбӣ мегардад.

Таҳқиқи вижагиҳои сохторию маънои истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кор карда баромадани тавсияҳои амалиеро дар назар дорад, ки барои мураттаб гардондани низоми истилоҳотии зикршуда дар забонҳои муқоисашаванда мусоидат мекунанд. Беш аз ҳама ба ин тавсияҳо забони тоҷикӣ ниёзманд аст, зеро низоми истилоҳотии он дар риштаи рӯзноманигорӣ ҳанӯз ба тарзи пурра ташаккул наёфтааст.

Мавзуи таҳлили қиёсии истилоҳҳои рӯзноманигории забонҳои англисию тоҷикӣ то ба имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳидаи монографӣ қарор нагирифтааст. Дар забоншиносии тоҷик оид ба паҳлуҳои гуногуни низоми истилоҳоти соҳаҳои гуногун корҳои муайяни илмӣ анҷом ёфта бошанд ҳам, дар бораи вижагиҳои сохториву маънои истилоҳоти ин соҳа таҳқиқоте сомон дода нашудааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Ба мавзуи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ миқдори зиёди таҳқиқоти донишмандони забоншиноси ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ бахшида шудааст: О. Вюстер [Wüster, 1931, 1979], Д. С. Лотте [1961, 1968, 1969, 1971, 1982, 1931], А. А. Реформатский [1959, 1961, 1967], Ҷ. Сейгер [Sager,1974, 1980, 1990], Ҷ. А. Фодор [Fodor, 1975], В. П. Даниленко [1971, 1977], Т. Л. Канделаки [1977], А. Рей [Rey, 1979, 1995], Г. Рондо [Rondeau, 1980], Р. Ҷекендоф [Jackendoff, 1983], Г. Фелбер [Felber,1984], Х. Пичт ва Ҷ. Драскау [Picht & Draskau, 1985], Б. Н. Головин [1987], В. М. Лейчик [1989, 2009], А. А. Суперанская [2012], М. Т. Кабре [Cabré, 1992,

2003], С. В. Гринёв [1966, 1993, 2008], Н. Шарофов [1960, 1988], А. Бухоризода [1961], М. Шакурӣ [1964, 1991, 1997], Я. И. Калонтаров [1971], А. М. Байзоев [1992] М. Қосимова [2003, 2007], С. Назарзода [2003, 2004, 2013], Мирзо Ҳасани Султон [2008а, 2008б, 2011, 2015], С. Сулаймонов [1997], Ш. Каримов [2014], А. Мамадназаров [2016], С. Ҷоматов [2017] ва дигарон.

О. Вюстер дар асараш «Меъёрикунии байналмилалии забон дар техника, махсусан дар электротехника» (Internationale Sprachnormung in der Technik, besonders in der Elektrotechnik) [1931] таъкид мекард, ки ҳангоми хоста гирифтани истилоҳҳо аз соҳаи луғавии забони миллӣ бояд бештар ба асосҳои лотинӣ ва юнонӣ бартарӣ дода шавад. «Concept» (мафҳум) бояд ҳамчун предмети асосии истилоҳшиносӣ пазируфта шавад [Ахметова, 2014, с. 22]. Баъдтар ӯ дар илми истилоҳшиносӣ равияи худ («мактаби Вена»)-ро ба вуҷуд овард. Асари ҷамъбастии ӯ «Муқаддима ба назарияи умумии истилоҳшиносӣ ва лексикографияи истилоҳшиносӣ» (Introduction to the general theory of terminology and terminological lexicography, 1979) пас аз вафоташ нашр гардид [Wüster, 1974, p. 15].

Муҳаққиқ Сейгер дар баробари истилоҳҳо васеъ ба кор бурдани забонҳои махсус ба мисли «забони эҳтиёҷоти махсус» (language for special purposes – LSP)-ро қайд карда менависад, ки ин гуна забонҳо «оид ба корбурд ва худи корбарон маҳз «махсус» мебошанд, чунки чунин забонҳо ба мақсадҳои касбӣ истифода мешаванд» [Sager, 1990, p. 40].

Олими рус Д. С. Лотте дар асарҳои худ «Асосҳои созмони истилоҳоти илмию техникӣ» (1961), «Бо истилоҳот чӣ гуна бояд кор кард» (1968) ва «Масъалаҳои иқтибос ва мураттаб гардонидани истилоҳҳо ва унсурҳои истилоҳии бегона» (1982) ба масъалаҳои истилоҳофарӣ, иқтибоси вожаҳои истилоҳшаванда, сохтани низомҳои мафҳумию истилоҳӣ ва мушкилоти тарҷумаи истилоҳҳои илмӣ-техникӣ диққати асосӣ додааст.

Забоншиноси рус А. А. Реформатский бо мақолаи худ «Истилоҳ ва истилоҳшиносӣ чист» (1961) ва боби «Истилоҳот» дар асари машҳураш

«Муқаддимаи забоншиносӣ» (1967) масъалаҳои мансубияти истилоҳ ба истилоҳоти муайян, якмаъноии вожа ҳангоми табдил ёфтан ба истилоҳ, набудани муродифҳо дар истилоҳот ва ғайраро мавриди муҳокима қарор додааст.

Рисолаи номзадии М. Ҳ. Султон «Истилоҳоти илмии «Китоб-ут-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ» (1999) ба масъалаҳои вожасозӣ ва истилоҳофаринии форсӣ-тоҷикии асари энсиклопедии Берунӣ «Китоб-ут-тафҳим» бахшида шудааст. Муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки ин асари Берунӣ ба мисли «Донишнома»-и Ибни Сино пурарзиштарин сарчашмаи бостонии истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ мебошад.

Таҳқиқоти М. Н. Қосимова «Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик» (2003) ва «Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар)» (2007) дар бораи истилоҳҳои қадима дар осори забоншиносии садаҳои X-XI, инчунин истилоҳоти «Донишнома» ва «Ҳудуд-ул-олам» бахшида шудааст.

Бояд таъкид кард, ки махсус оид ба назарияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ асари мукаммали таҳқиқотие дар забоншиносии англису тоҷик вуҷуд надорад, аммо фарҳангу донишномаҳое, дар онҳо истилоҳоти рӯзноманигорӣ ҷамъ оварда шарҳ дода шудаанд, дар забонҳои муқоисашаванда ва забони русӣ ба дараҷаи кофӣ мавҷуданд ва махсусан дар забони англисӣ хеле зиёд таълиф гардидаанд. Аз он ҷумла: Ч. М. Пеппер [Pepper,1959], Н. Г. Богданов ва Б. А. Вяземский [1971], Р. В. Ҳадсон [Hudson, 1987], А. В. Виноградский [1993], В. Н. Крупнов [1993], Е. И. Курянов [1993], Ф. М. Малколм [1993], Э. П. Кессарийский [2002], А. А. Князев [2002], Д. Ҳ. Ҷонстон [Johnston, 2003], Ҷ. Орлебар [Orlebar, 2003], М. Муродов [2011, 2016], Т. Ҳаркап [Harcup, 2012, 2014], А. Аминов, А. Афсаҳзод, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, Ҷ. Саъдуллоев [2013], А. С. Катсев [2013], М. Иматшоева, А. Мамадназаров ва М. Муродов [2015], Л. Р. Дускаева [2015], С. Л. Страшнов [2016] ва дигарон.

Чунин фарҳангу донишномаҳо Christopher H. “Encyclopedia of Journalism” (2009); Harcup T. “A dictionary of journalism” (2014), Салихов Н. Н., Афсахзод А. А. “Журналистика в терминах и понятиях: Энциклопедический словарь системы СМИ” (2007); Муродов М. “Краткий словарь терминов и понятий журналистики” (2011); Аминов А., Афсаҳзод А., Нуралиев А., Саъдуллоев А., Саъдуллоев Ҷ. “Фарҳанги тафсирии русӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика” (2013); Мамадназаров А. “Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ” (2015); Мюллер В. К. “Большой англо-русский и русско-английский словарь” (2007); Иматшоева М., Мамадназаров А., Муродов М. “Луғати мухтасари тафсирии англисӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика” (2015); Муродов М. “Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ” (2016) истифода шудаанд.

Бо вуҷуди мавҷудияти як қатор корҳои илмӣ то имрӯз дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ оид ба муқоисаи истилоҳоти рӯзноманигорӣ кори илмие рӯйи кор наомадааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ бо роҳи таҳлили қиёсӣ омӯхтани вижагиҳои вожасозӣ, сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти рӯзноманигории забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот дар мувофиқат бо мақсади таҳқиқ ба тарзи зайл муайян карда мешаванд:

1. Таҳқиқи заминаҳои назарии омӯзишу таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Ҳангоми омӯзиш муайян кардани:

– мафҳуми «истилоҳ», «системаи истилоҳот», «истилоҳшиносӣ» ва «майдони истилоҳӣ» дар забоншиносӣ;

– вазифаҳои асосии истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муосир;

– таърихи пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.

2. Анҷом додани таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Зимни таҳқиқ аниқ ва асоснок намудани:

– вижагиҳои сохтории истилоҳот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; а) роҳҳои асосии вожасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Истилоҳ-вожаҳо; б) роҳҳои асосии иборасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Ибора-истилоҳот;

– вижагиҳои сохтории истилоҳоти сода;

– роҳи сарфии сохтори истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Вандафзоӣ. Истилоҳоти сохта; вижагиҳои сохтории истилоҳоти сохта дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

– роҳҳои сарфию наҳвӣ ва наҳвии сохтори истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Вожабандӣ. Истилоҳоти мураккаб. Ибора-истилоҳот;

– вижагиҳои маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда.

3. Корбаст кардани шарҳи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Зимни он анҷом додани:

– шарҳи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ;

– шарҳи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ;

– муайян кардани хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи этимологияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.

Объекти таҳқиқот истилоҳоти рӯзноманигории забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Ҳамчунин бо тарзҳои санҷишу муқоиса муайян кардани вижагиҳои сохторӣ-вожасозӣ, вожагӣ-маъноӣ, этимологӣ ва корбурдии истилоҳоти рӯзноманигории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот Предмети таҳқиқ воҳидҳои истилоҳии рӯзноманигорӣ мебошанд, ки интихоби сартосарии онҳо аз сарчашмаҳои муътамад анҷом дода шудааст. Пеш аз ҳама, фарҳангҳои тафсирии забони англисӣ ва тоҷикӣ, фарҳангу луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, русӣ-тоҷикӣ ва донишномаю луғатҳои тафсирии истилоҳоти рӯзноманигорӣ истифода гардиданд. Дар рисола зиёда аз 1600 адад воҳидҳои луғавии истилоҳии рӯзноманигории забони англисӣ ва зиёда аз 1500 истилоҳи рӯзноманигории забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои бунёдии назарияи забоншиносӣ ташкил медиҳад, ки бо номҳои А. А. Реформатский, А. М. Кузнетсов, В. Виноградов, Х. Свит, Р. О. Якобсон, Т. В. Гамкрелидзе, В. В. Иванов, В. С. Расторгуева, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, Ҳ. Каримов, Р. Л. Неменова, А. Мирзоев, Р. Ғаффоров, С. Ҳалимов, Н. Бозидов, Қ. Тоҳирова, Б. Камолиддинов, Т. Бердиева, Д. Саймуддинов, С. Назарзода, М. Қосимова ва дигарон марбут аст. Инчунин асарҳои П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, Д. М. Искандарова, Х. Шанбезода, С. Хоҷаева, Х. Мирзоев, С. Ҷоматов, Ҳ. Саидов, М. Бекмуродов, Р. Аслитдинова, З. Валиев, Д. Ҳайдарова, М. Ҷӯраева ва бисёр

дигарон, ки ба ҷанбаи муқоисавӣ-типологии омӯзиши забонҳо бахшида шудаанд, ба ин гурӯҳ шомил мешаванд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро осори илмии забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил менамояд. Аз ҷумла:

– дар бахши вожасозӣ ва сарф таҳқиқоти В. Адамс, А. Карстейрз-Маккарти, И. Плаг, И. В. Арнолд, П. М. Карашук, Л. П. Крисин, О. Д. Мешков, В. А. Москович, А. И. Смирнитский, О. Л. Рублева, В. С. Расторгуева, Ш. Рустамов, С. Ҳалимов, К. Шукурова, М. Н. Қосимова, Д. Саймиддинов, С. Ҳалимиён ва диг.

– дар соҳаи иборасозӣ ва наҳв таҳқиқоти Б. Аартс, Й. Т. Леви, А. Риггс, А. И. Смирнитский, В. Л. Каушанская, И. П. Иванова, В. В. Бурлакова, Г. Г. Губина, В. С. Расторгуева, Б. Ниёзмуҳаммадов, М. Исматуллоев, Р. Ғаффоров, А. Мирзоев, М. Акрамов ва диг.

– дар қисми вожашиносӣ ва этимология таҳқиқоти О. Барфилд, А. Бауг, О. Ф. Эмерсон, Л. Липка, Г. К. Роланд, З. А. Харитончик, В. Г. Судиловская, О. Л. Рублева, Н. В. Фомина, Л. П. Крисин, Я. Витюховская, Қ. Тоҳирова, М. Муҳаммадиев, Д. Саймиддинов, Т. Бердиева, Г. М. Мирсаминова ва диг.

– дар соҳаи семантика, полисемия ва фразеология таҳқиқоти А. Д. Крюз, О. П. Эдмондз ва Г. Ҳирст, Р. Ҷекендоф, Т. Л. Канделаки, Д. Н. Шмелев, В. А. Москович, И. М. Кобозева, Ҳ. Маҷидов. Л. С. Каримова ва диг.

– дар соҳаи назарияи рӯзноманигорӣ ва истилоҳоти он пажуҳишҳои А. Андреас, М. Броерсма, К. Фовлер-Ватт, К. Ваал-Йоргенсен ва Т. Ҳанич, М. Палакиос, Ҷ. Э. Марфи, Ҷ. Мандей, И. Ҳаргривес, Ҷ. Грэй, Д. Доминго, А. Л. Дэвид, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, Д. Давронов, П. Гулмуродов, М. Муродов, А. Набавӣ, Б. Қутбиддин, Ҷ. Қуддус, Ҷ. Муқим, С. Хоҷазод, М. И. Атоев ва диг.

Методҳои таҳқиқ. Дар ҷараёни таҳияи диссертатсия ва таснифу коркарди маводи таҳқиқ методҳои асосии зерини забоншиносӣ истифода

шуданд: методи индуктивӣ-дедуктивӣ (фаҳмиш ва бандубасти маводи назарӣ ва амалӣ); усули муқоисавӣ (муайян кардани омилҳои умумӣ ва мушаххас); усули таҳлили муқоисавию этимологӣ; методи таҳлили сохторӣ. Усули таснифоти сохторӣ-маъноӣ дар кори таҳқиқоти мазкур барои ташхис ва таъини истилоҳоти гирдовардашуда мавриди амал қарор гирифтааст.

Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола тавсифи сохторӣ-вожасозӣ ва маъноии истилоҳҳои рӯзноманигории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст таҳқиқ мегардад. Ҳамчунин амсилаҳои истилоҳофарини истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар ҳар ду забон муайян карда шудаанд. Гузашта аз ин дар таҳқиқот бори нахуст этимологияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ ҳар ду забони муқоисашаванда ба тарзи аниқ ва мушаххас таҳлил карда шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

– муайян карда шуд, ки низоми мураттаби истилоҳҳои рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ бо нашри нахустин рӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» (1912) ба вуҷуд омад. Минбаъд ин раванд дар солҳои 20-уми садаи гузашта ривоҷ ёфт, дар замони Истиқлол пурра шакл гирифтааст;

– истилоҳҳои сохта дар забонҳои муқоисашаванда бо роҳи вандафзоӣ ташаккул меёбанд. Дар истилоҳҳои англисӣ *inter-, re-, im-*; дар истилоҳҳои забони тоҷикӣ *бе-, ҳам-* пешвандҳои серистеъмол мебошанд. Пасвандҳо дар вожасозӣ назар ба пешвандҳо сермаҳсултаранд. Дар истилоҳҳои англисӣ *-ion, -ing, -ity, -ism, -or, -er*; дар истилоҳҳои тоҷикӣ *-ият, -а, -ӣ, -от, -иш* пасвандҳои серистеъмол мебошанд.

– исбот карда шуд, ки аксари истилоҳоти мураккаб исмҳо мебошанд. Дар забони англисӣ амсилаи исмсози *N + N,* инчунин *N + V+-ing* ва *N + V* бартарӣ доранд. Намудҳои сохтории маъмули истилоҳҳои мураккаби рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ *N + V(азҳ)+-ӣ, N + N, N + V(азҳ), A + V(азҳ)+-ӣ, N + V(азҳ)+-анда* мебошанд;

– дар сохтори ибора-истилоҳҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ибораҳои исмӣ мавқеи асосӣ доранд;

– таҳлили семантикӣ – таҳлили майдони истилоҳии рӯзноманигорӣ, ҳамчунин майдонҳо ва микромайдонҳои семантикии (маънои) ба он шомилшаванда мавҷудияти сермаъноӣ (полисемия), муродифот (синонимия), мутазодот (антонимия), ҳамгунӣ (омонимия) ва маҷозро дар майдони истилоҳӣ муайян намуд;

– таҳлили этимологӣ нишон дод, ки миқдори истилоҳоти аслии забони англисӣ ва тоҷикӣ ниҳоят кам аст. Бахши бузурги истилоҳҳои англисӣ аз вожаҳои иқтибосии лотинӣ ва юнонӣ ташаккул ёфтаанд. Бештари истилоҳҳои тоҷикӣ аз вожаҳои иқтибосии арабӣ иборатанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ аз он иборат аст, ки бо таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ ва маъноӣ меъёрҳои асосии таснифи истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз рӯйи мансубияти сохторӣ, маъноӣ, соҳавӣ ва мавзуӣ муқаррар карда шудаанд. Усулҳои таҳлили сохтории қиёсӣ ва этимологии истилоҳоти забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар омӯзиши истилоҳоти соҳаҳои дигар низ метавонад истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои муайян намудани қонунҳои умумӣ ва мушаххаси амалкард ва инкишофи низоми истилоҳоти рӯзноманигорӣ, аниқ кардани васила ва тарзҳои пурсамари истилоҳофаринӣ дар риштаи рӯзноманигорӣ равона шудаанд.

Аҳаммияти амалии пажуҳиши мазкур аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ҳамчун маъхаз ва асоси назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти рӯзноманигорӣ истифода шуда метавонанд. Маводи таҳқиқ ҳамчун дастурамал барои кормандони васоити ахбори омма ва дастури таълимӣ барои соҳаҳои забоншиносӣ ва журналистика дастрас мегардад. Маводи амалии ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлили он барои истифода дар назария ва амалияи тарҷума, хусусан ҳангоми таҳияи луғатҳои соҳавӣ, муҳим арзёбӣ мешавад. Натиҷаи илмии рисолаи мазкурро барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, таҳияи маводҳои махсус барои ВАО,

навиштани корҳои илмӣ барои факултетҳои забоншиносӣ ва журналистика истифода бурдан мумкин аст.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур ба ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми диссертант дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 3 сол ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи ҷамъовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмӣ машғул шуда, дар ин самт мақолаҳои илмӣ таълиф намуда, дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун бо маърузаҳои илмӣ суханронӣ кардааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия. Муҳтавои диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 11 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ дар шакли силсиламаърузаҳо пешниҳод гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, ҳаҷман 194 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

БОБИ 1

ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШУ ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ИСТИЛОҲОТИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

1.1. Омӯзиш ва заминаи назариявии таҳқиқи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Чи тавре ки дар муқаддима қайд гардид, истилоҳот ва истилоҳгузинӣ яке аз мавзуҳои мавриди таваҷҷуҳи олимони ватаниву хориҷӣ буда, қабл аз он ки дар бобати ин қабати луғавӣ дар соҳаи рӯзноманигорӣ сухан гӯем, ҷоиз аст, ки баъзе корҳои ба ин мавзуъ бахшидашударо мухтасар баррасӣ намоем.

Коршиносони хориҷӣ бар онанд, ки таърихи истилоҳшиносии аврупоӣ баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон бо номҳои О. Вюстер ва Д. С. Лотте оғоз мегардад. Муҳандиси австриягӣ О. Вюстер (E. Wüster) бо рисолаи докториаш «Меъёрикунии байналмилалии забон дар техника, махсусан дар электротехника» (Internationale Sprachnormung in der Technik, besonders in der Elektrotechnik, 1931) ва олими рус Д. С. Лотте бо мақолаи «Вазифаҳои навбатии истилоҳшиносии илмию техникӣ» (1931) ба истилоҳшиносӣ ҳамчун илм асос гузошта буданд.

Дар пайравии мактаби Вюстер таҳқиқоти Ҷ. А. Фодор «Забони фикр» (J. Fodor. The Language of Thought, 1975), А. Рей «Истилоҳшиносӣ: номҳо ва мафҳумҳо» (A. Rey. La terminologie: noms et notions, 1979) ва «Муқаддимаи истилоҳшиносӣ» (Essays on Terminology, 1995), Г. Рондо «Муқаддимаи истилоҳшиносӣ» (G. Rondeau. Introduction a la terminologie, 1980), Р. Ҷекендоф «Семантика ва дониш» (R. Jackendoff. Semantics and Cognition, 1983–1999), Ҳ. Пичт ва Ҷ. Драскау «Истилоҳшиносӣ: муқаддима» (H. Picht, J. Draskau. Terminology: an Introduction, 1985), Б. де Бессе, Б. Нквенти-Азе, Ҷ. Сейгер «Вожаномаи истилоҳоти дар терминология

истифодашуда» (B. de Bessé, B. Nkwenti-Azeh, J. Sager. Glossary of Terms Used in Terminology, 1997) ва дигарон ба инкишофи назарияи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии англис ва аврупоӣ саҳми сазовор гузоштанд.

Дар истилоҳшиносии англис ҳиссаи Ҷ. Сейгер (J. Sager) назаррас аст. Соли 1980 китоби дастаҷамъии Ҷ. Сейгер, Д. Дангуорт ва П. Ф. Макдоналд «Забонҳои махсуси англисӣ: принсипҳо ва амалия дар илму фановарӣ» (J. C. Sager, D. Dungworth, P. F. Mac Donald. English Special Languages: Principles and Practice in Science and Technology) чоп шуд. «Муқаддимаи дефинитсия» бо сарсухани муфассали Alain Rey маҷмуаест аз осори баргузидаи файласуфони машҳур оид ба дефинитсия (Definition): Афлотун, Арасту, Исидори Севилӣ, Паскал, Спиноза, Локк, Лейбнитс, Беркли, Кант ва ғ.

Солҳои 90-уми садаи гузашта дар истилоҳшиносӣ ҷавобан ба назарияи умумии истилоҳотии Вюстер равияи нав – назарияи коммуникативӣ ба миён омад, ки поягузораш забоншиноси испанӣ М. Т. Кабре (M. T. Cabré) буд. Ӯ дар асарҳояш [Cabré, 1992; 2003] истилоҳотро *sets of conditions* (шабакаи шартҳо) меномад. Барои фаҳмиш ва таҳлили воҳидҳои истилоҳотӣ Кабре «назарияи дарҳо» (*the theory of doors*)-ро кор карда баромадааст. Ӯ пешниҳод мекунад, ки консепт ҳамчун ҷисми фазоӣ – бисёррӯя тасаввур карда шавад (шумораи рӯяҳо метавонад гуногун бошад). Дар намуди сода консепт се андоза дорад: маърифатӣ, забоншиносӣ, коммуникативӣ. Ҳар андоза – як дар аст, ҳангоми интихоби як дар дарҳои дигарро набояд фаромӯш кард [Cabré, 2003, pp. 184, 186-187].

Дар мактаби истилоҳшиносии русу шуравӣ минбаъд забоншиносон В. П. Даниленко, Т. Л. Канделаки, Б. Н. Головин, В. М. Лейчик, А. А. Суперанская, С. В. Гринёв ва дигарон фаъолият намуда, кори Д. С. Лоттеро давом додаанд.

Дар забоншиносии тоҷик танҳо аз солҳои шастум сар карда асарҳои илмие (А. Бухоризода, М. Шукуров, Н. Шарофов ва диг.) ба вуҷуд

омаданд, ки раванди озод ва табиии истилоҳофаринии тоҷикиро таҳқиқ карда, беҳтар ва мукаммалтар намудани онро тарғиб мекарданд.

Забоншинос А. Бухоризода дар мақолаи худ корбурди истилоҳоти матбуотро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки барои ифодаи мафҳуми мушаххас дар чаҳорчӯбаи як забон ва як низоми истилоҳӣ мавҷудият ва истифодаи ду воҳиди луғавӣ қобили қабул нест. Дар ин бора ӯ истилоҳоти *съезд* ва *анҷуман*-ро мисол меорад [Бухоризода, 1961, с. 4].

М. Шакурӣ дар асарҳояш «Чанд мулоҳиза оид ба терминологияи тоҷикӣ» (1964), «Забони мо – ҳастии мост» (1991), «Хуросон аст ин ҷо» (1997) ба масъалаҳои истилоҳофарӣ, ба кор бурдани вожаҳои решагӣ, кӯтоҳу хушоянд будани истилоҳ, ҳангоми тарҷумаи истилоҳ пурра ба кор бурдани имконоти забони тоҷикӣ сухан меронад. Ӯ таъкид мекунад, ки «ҳар калима истилоҳ шуда наметавонад. Калима бояд рехта ва зебо, сазовори интихоб шудан чун номи илмии ҳодисае бошад. … Бинобар ин ҳар калимаро истилоҳ қарор додан ва аз рӯйи принсипи «ҳар чӣ пеш ояд, хуш ояд» амал кардан мумкин нест» [Шукуров, 1991, с. 204].

Н. Шарофов дар таҳқиқоташ «Дар бораи инкишофи терминологияи илмӣ-техникии тоҷик» (1960), «Роҳҳои инкишофи лексикаи забони адабии муосири тоҷик» (1988) доир ба вожагузинӣ ва истилоҳгузинии забони тоҷикӣ сухан ронда, роҷеъ ба истилоҳоти иҷтимоию сиёсӣ, истифодаи вожаҳои русию байналмилалӣ, махсусан ташаккули истилоҳоти ҳарбӣ баҳс мекунад.

Пас аз истиқлоли ҷумҳурӣ ва оғози худшиносии воқеии миллӣ забоншиносии тоҷик тавонист, ба таври муназзам ба истилоҳшиносӣ рӯй оварад. Пеш аз ҳама, омӯзиши истилоҳоти бостонӣ дар заминаи аввалин асарҳои илмии тоҷикӣ (осори Ибни Сино, Берунӣ ва диг.) оғоз гардид.

А. М. Байзоев дар рисолаи худ «Забони «Донишнома»-и Абуалӣ ибни Сино: истилоҳот ва вожасозӣ» (1992) масъалаҳои зеринро таҳқиқ кардааст: нақши Ибни Сино дар инкишофи истилоҳоти забони тоҷикӣ, сарчашмаҳои

ташаккули истилоҳоти «Донишнома», истилоҳшавии вожаҳо, мавқеи калка дар рушди истилоҳоти «Донишнома» ва масъалаҳои дигар.

Рисолаи С. Сулаймонов «Ташаккули истилоҳоти арабӣ ва тоҷикии фалсафа: дар заминаи осори фалсафии Ибни Сино» (1997) дар баробари таҳлили истилоҳоти арабии асарҳои фалсафии Ибни Сино, таҳқиқи истилоҳоти тоҷикии осори фалсафии ӯро низ дар бар мегирад. Зимни таҳқиқоти худ муаллиф ба аҳаммияти бузурги тарҷумаи русии «Донишнома»-и Ибни Сино аз тарафи академик А. Баҳоваддинов ишора мекунад [Сулаймонов, 1997, с. 15].

С. Назарзода дар асарҳои худ «Забон ва истилоҳот: Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот» (2003), «Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX» (2004), «Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо» (2013), «Имло ва забони адабӣ» (2015) масъалаҳои гуногуни ба истилоҳот ва истилоҳшиносӣ вобастаро мавриди баҳс қарор додааст. Аз он ҷумла: имкониятҳои вожасозӣ дар забони тоҷикӣ, таърихи луғатсозӣ ва истилоҳофаринӣ, усулҳои луғатсозӣ ва истилоҳофаринӣ, истилоҳшиносӣ ва проблемаҳои назарии он, вожасозӣ ва истилоҳофаринӣ дар даврони классикии рушди забони тоҷикӣ, истилоҳоти забони тоҷикӣ дар давраи маорифпарварӣ, заминаҳои инкишофи истилоҳоти нави иҷтимоӣ ва сиёсии забони тоҷикӣ ва ғ.

М. Ҳ. Султон дар рисолаи доктории худ «Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ: дар заминаи осори илмии асрҳои IX-XI» (2008) 16 номгӯй асарҳои илмии садаҳои IX-XI-ро ҳамчун нахустин манобеи истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ таҳқиқ намуда, бо ин рисола дар қатори С. Назарзода ба назарияи мукаммали истилоҳшиносии тоҷик поя гузоштааст. Ӯ аввалан мафҳумҳои «истилоҳ» ва «истилоҳшиносӣ»-ро аз ҷиҳати назариявӣ ҳамаҷониба асоснок намуда, сипас ба таҳлили замина ва омилҳои ташаккули забон ва истилоҳоти форсии тоҷикӣ, марҳилаҳои ташаккули забон ва истилоҳоти илмӣ, баррасии манобеи нахустини

истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ мепардозад. Ба андешаи М. Ҳ. Султон, «мақсад аз таҳқиқи таърихи ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ таъйини шеваву равишҳои асосии истилоҳнигориву истилоҳгузинӣ дар давраи аввали ташаккули он аст, ки барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи забони илмии форсӣ, вижагиҳои забони илм, имкону тавонмандиҳои ин забон дар баёни матолиби илмӣ ва ғ. замина муҳайё мегардонад» [Султон, 2008б, с. 7].

Рӯзноманигорӣ на танҳо як соҳаи муайяни ҳаёти ҷомеа, балки дар амал як ниҳоди (институти) мукаммали иҷтимоӣ аст. Бояд қайд кард, ки ҳатто номи ин соҳаи муҳим ҳанӯз дар забони тоҷикӣ ҳамчун истилоҳ тасбит наёфтааст. Дар ВАО ва адабиёти илмӣ бархе онро «журналистика» ва бархе «рӯзноманигорӣ» ном мебаранд.

Пеш аз он ки суханро идома диҳем, бояд ки мавқеи худро дар ин масъала муайян намоем.

Рӯзноманигорӣ ё журналистика? Истилоҳи мураккаби «рӯзнома» вожаи бостонии забони тоҷикӣ буда, ҷузъҳои он ҳанӯз дар забонҳои эронии бостон, авастоӣ, форсии бостон ва форсии миёна истифода мешуданд:

рӯз <= ф.м. **rōč, rōz** <= ф.б. **raucah-** <= ав. **raočah-** («рӯз»);

нома <= ф.м. **nāmak, nāmag** <= э.б. ***nāmaka** – («мактуб», «китоб»)

[MacKenzie, 1986, с. 57, 72; Roland, 1950, с. 205; Ҳасандӯст, 2014, с. 2717**]**.

Вожаи «*рӯзнома*» дар ибтидо ба маънои «дафтари ҳисоботи рӯзона» корбурд мешуд. Чунон ки Ҳаким Фирдавсӣ дар мавриди ҳисоботи боҷу хироҷ мегӯяд:

Газету хироҷ он чӣ буд, ном бурд,

Ба се *рӯзнома* ба мубад супурд.

Газети сару божҳо бишмаранд [Фирдавсӣ, 2009, с. 361].

Аз ин навиштаҳои Фирдавсӣ бармеояд, ки рӯзнома дар замони Хусрави Анӯшервон барга (варақа) ё дафтаре будааст, ки дар он ҳисоботи

ҳаррӯзаи ғундоштани боҷ, хироҷ ва газет (ҷизя)-и саронаро менавиштаанд ва аз он якчанд рӯнавишт (нусха) мебардоштаанд.

Баъдтар ин вожа мафҳуми «дафтари қайди хотироти ҳаррӯза»-ро гирифт. Масалан, Носири Хусрав дар «Сафарнома» менависад: «Ин маънӣ дар ҷомеъи Байтулмуқаддас дида будам ва тасвир карда ва ҳамон ҷо бар *рӯзнома*, ки доштам, таълиқ зада» [Хусрав, 2003, с. 58]. Инчунин дар осори гузаштагонамон дар замонҳои гуногун мафҳуми «дафтари хариду фурӯши рӯзона» ва маҷозан маъниҳои «тақдир», «тақвим», «таърих»-ро ифода мекард.

Рӯзнома ба маънии имрӯзааш, яъне «номае, ки ҳамарӯза як бор чоп шавад ва ахбору вақоеи (воқеаҳои) рӯзонаро мунташир кунад» [Амид, 1389, с. 585] дар ибтидои садаи XIX дар Эрони коҷорӣ бо оғози нашри рӯзномаҳо аз қабили «Коғазбор» роиҷ гардид. Дар Осиёи Марказӣ бошад, нахустин бор истилоҳи «рӯзнома»-ро ба мафҳуми имрӯза дар охири садаи XIX Аҳмади Дониш ба кор бурдааст, ки дар ин бора дар саҳифаҳои оянда муфассалтар сухан хоҳем ронд.

Истилоҳоти «*рӯзноманигор*» ва «*рӯзноманигорӣ»* низ вожаҳои деринаи форсии тоҷикианд. Муҳаққиқи рӯзноманигорӣ М. Муродов барҳақ қайд мекунад, ки: «ҷойи инкор нест, ки истилоҳи *рӯзноманигорӣ* бо вуҷуди дар фарҳанги тоҷикӣ бегона набудан ва дар адабиёти классикии тоҷикӣ фаровон истифода шудан, аз нигоҳи касбӣ падидаи нисбатан нав буда, бо чопи нахустрӯзномаи миллии «Бухорои шариф» маъмул гардидааст» [Муродов, 2018, с. 261].

Истилоҳи «*журнал*» (аз вожаи фаронсавии **journal** – рӯзнома, дафтари қайди ҳаррӯза) низ мисли вожаи «рӯзнома» таҳаввулоти таърихиро аз сар гузаронидааст. Дар замонҳои гуногун ва ҳоло ҳам дар забонҳои русӣ ва аврупоӣ мафҳумҳои «дафтари қайди ҳаррӯза», «рӯзнома барои қайдҳои шахсӣ», «рӯзона», «суратҷаласа», «рӯзнома» ва «маҷалла»-ро ифода мекунад.

Бо чопи нахустин рӯзномаи олмонии «Франкфуртер ҷурнал» (соли 1615) дар Аврупо [Тендит, 2012, с. 27] истилоҳоти *journal*, *journalist*, *journalism* мустаъмал шуданд, ки муродифи «газета», «журналист» ва «журналистика»-и русӣ, «рӯзнома», «рӯзноманигор» ва «рӯзноманигорӣ»-и тоҷикӣ мебошанд. Истилоҳоти *journal* аз садаи XVII ва *journalism* аз соли 1833 инҷониб дар забони англисӣ ба маъноҳои зикршуда истифода мешаванд. Дуруст аст, ки *журнал* дар забони русӣ ва баъд дар забони тоҷикии замони шуравӣ мафҳуми «маҷалла»-ро касб кард.

Аммо мафҳуми «рӯзнома»-ро дар забони русӣ ва забони тоҷикии давраи шуравӣ истилоҳи *газета* ифода мекард, ки бо нашри нахустин рӯзномаи «Ля Газетт» (30 майи соли 1631, баъдтар аз январи соли 1762 «Ля Газетт де Франс») роиҷ гардид ва аз забони фаронсавӣ ба русӣ иқтибос гардид [Прутсков, 2018, с. 79-81]. Истилоҳи *газета* (аз итолиёии **gazetta**) чунин пайдо шудааст: дар садаи XVI «тадричан варақаҳои дастнавис, ки сараввал танҳо ахбори тиҷоратӣ доштанд ва минбаъд навигариҳои гуногунро низ дар бар мегирифтанд, маъмул шуданд. Дар Рум (Венетсия) ин гуна варақаҳо бо пули майда, яъне *газета* фурӯхта мешуданд. Ҳамин тавр вожаи «газета» пайдо шуд» [Шелястина, 2018, с. 19; Прутсков, 2018, с. 73].

Имрӯз дар матбуот ва асарҳои илмӣ дар истифодаи мафҳумҳои «рӯзнома», «рӯзноманигор» ва «рӯзноманигорӣ» гуногуннависӣ ба назар мерасад. Мо инро ҳангоми аз назар гузаронидани мақолаҳои ба мавзуи рӯзноманигорӣ бахшидашудаи маҷаллаҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2012-2022), Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (2015-2020) ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (2011-2020) мушоҳида кардем. Як гурӯҳ муаллифон ҳанӯз ҳам пурра аз истилоҳоти *газета, журнал, журналист, журналистика* истифода мебаранд. Гурӯҳи дигар, ки аксарият мебошанд, истилоҳи «рӯзнома»-ро пазируфта бошанд ҳам, бесуботона дар як матн дар ҷумлаҳои гуногун ҳам

«рӯзноманигор», ҳам «журналист», ҳам «рӯзноманигорӣ» ва ҳам «журналистика»-ро баробар ба кор мебаранд.

Чунон ки дар боло таҳлил кардем, «рӯзнома» ва «журнал» бо тамоми ҳосилаҳояшон бо ҳам муодилҳои айнианд. Модом ки чунин аст, месазад, ки ба мисли кишварҳои ҳамзабонамон истилоҳоти худии «рӯзнома», «рӯзноманигор», «рӯзноманигорӣ»-ро ба кор барем.

Самти асосии омӯзиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забон – ин гирдоварӣ, тасниф ва шарҳи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар луғатномаҳо, донишномаҳо ва маълумотномаҳои махсус мебошад. Ин гуна фарҳангу донишномаҳо барои забони англисӣ хеле зиёд таълиф гардидаанд. Масалан, асарҳои муаллифони аврупоӣ ва амрикоӣ: Ч. М. Пеппер [1959], Р. В. Ҳадсон [1987], Р. Т. Элморе [1991], Ф. М. Малколм [1993], Д. Ҳ. Ҷонстон [2003], Ҷ. Орлебар, [2003], Ҷ. Д. Ҳ. Доунинг [2004], С. Андерсон [2006], Ҷ. Ватсон ва А. Ҳилл [2006], Н. Аберкромби ва Б. Лонгҳурст [2007], В. Донсбаш [2008], Т. Ҳаркап [2012, 2014] ва диг., луғатҳои дузабонаи англисӣ-русӣ ва англисӣ-тоҷикии истилоҳоти ВАО: А. В. Виноградский [1993], В. Н. Крупнов [1993], Е. И. Курянов [1993], М. Иматшоева, А. Мамадназаров ва М. Муродов [2015] ва диг.

Аз он ҷумла, дар китоби Ч. М. Пеппер «Луғати истилоҳоти рӯзнома ва чоп» (C. M Pepper. Dictionary of Newspaper and Printing Terms, 1959) истилоҳоти англисӣ ва испании рӯзнома ва чоп гирд оварда шудаанд.

Асари Р. В. Ҳадсон «Воситаҳои ахбори омма: Донишномаи хронологии телевизион, радио, синамо, маҷалла, рӯзнома ва китоб дар Иёлоти Муттаҳида» (R. V. Hudson. Mass Media: A Chronological Encyclopedia of Television, Radio, Motion Pictures, Magazines, Newspapers, and Books in the United States, 1987) донишномаест, ки таърихи Амрикоро ба 16 давра тақсим мекунад ва расонаҳои ҳар даврро ҷудо-ҷудо таҳлил менамояд. Ҳар давра бо хулосаҳои кӯтоҳи судманд ҷамъбаст мегардад. Алқисса, китоб барои пайгирии таърихи истилоҳоти рӯзноманигорӣ сарчашмаи хубест.

Китоби Р. Т. Элморе «Луғати воситаҳои ахбори оммаи NTC» (R. T. Elmore. NTC's Mass Media Dictionary, 1991) 20 ҳазор истилоҳро дар бар мегирад, ки ба ҳама гуна расонаи ВАО мансубанд.

«Луғати англисӣ-русӣ барои воситаҳои ахбори умумӣ (бо тафсираш)»-и Е. И. Курянов 12 ҳазор истилоҳотро дар бар мегирад, ки аксари онҳо бо шарҳашон омадаанд ва ба доираи телевизион, радиошунавонӣ, аудио, видеосабт, кинофототехника, матбуот, нашриёт ва реклама мансуб мебошанд. Масалан, истилоҳи *column* (сутун) чунин шарҳ ёфтааст: «**column** 1. сутун; сутунча; графа 2. фасл, боб (*дар рӯзнома*) 3. *амер*. фелетон; сутуни ҳаҷв» [Курянов, 1993, с. 65].

«Донишномаи расона ва алоқаи байналмилалӣ», ки дар 4 ҷилд зери таҳрири Д. Ҳ. Ҷонстон (D. H. Johnston, 2003) аз чоп баромадааст, 219 мақоларо дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо 10-15-саҳифагӣ мебошанд. Иловатан ба маълумоти фаровон дар бораи расонаҳои бисёр кишварҳо, китоб роҷеъ ба тип ва формати расонаҳо, истилоҳот, таърих ва дурнамои онҳо баҳс мекунад.

Китоби Ҷ. Орлебар «Луғатномаи амалии ВАО» (J. Orlebar, 2003) роҳнамо-маълумотномаест оид ба истилоҳоти аудио, видео, синамо ва чандрасонаи (мултимедӣ)-и Британия. Муҳтавояш – истилоҳоти фаъолияти коршиносон, таъиноти касбӣ, ташкилӣ, чандрасонаӣ, графикаи компютерӣ, инчунин истилоҳоти студия ва ҷойгиршавии он мебошад.

Маълумотнома-роҳнамои Ҷ. Д. Ҳ. Доунинг ва диг. (Downing, 2004) 26 очерки муфассалро дар бар гирифта, аз ҷиҳати мундариҷа ба донишномаи Д. Ҳ. Ҷонстон монанд аст.

Нашри ҳафтуми луғат-донишномаи Ҷ. Ватсон ва А. Ҳилл «Луғати омӯзиши расона ва алоқа» (J. Watson, and A. Hill, 2006), ки бештар аз 20 сол пеш чоп шуда буд, ислоҳшуда ва такмилёфта мебошад. Ин роҳнамои қулай ва судманд оид ба назария, тамоюл, реклама, пахши иттилоот, мудирияти расона, истилоҳот ва фановарӣ, ахлоқи расонаӣ ва ғ. баҳс мекунад.

Муаллифони британӣ Н. Аберкромби ва Б. Лонгҳурст дар «Луғатномаи омӯзиши расонаҳо» (N. Abercrombie, 2007) бо тартиби алифбо истилоҳоти асосии ҳама гуна расонаҳоро бо шарҳашон овардаанд. Онҳо ҳар ду ҷомеашинос буда, дар китоб садҳо истилоҳ ва маълумоти кӯтоҳи тарҷумаиҳолиро гирд овардаанд.

Асари таҳриркардаи В. Донсбаш «Донишномаи байналмилалии алоқа» (W. Donsbach, 2008) аз 12 ҷилд иборат буда, бештар аз 1300 мақоларо фаро мегирад, ки ба назария, таҳқиқи расона, мушкилоти асосӣ, мафҳумҳо ва фановарӣ бахшида шудааст.

Китобҳои С. Л. Ваугн «Донишномаи рӯзноманигории амрикоӣ» (S. L. Vaughn, 2008), Ҳ. С. Кристофер «Донишномаи рӯзноманигорӣ» (H. S. Chris, 2009), С. В. Литтлҷон ва К. А. Фосс «Донишномаи назарияи алоқа» (S. W. Little john, K. A. Foss, 2009) то андозае ба ҳам монандӣ доранд. Донишномаи С. Л. Ваугн тақрибан 400 мақолаи калон дорад, ки санадҳои таърихӣ оид ба шахсиятҳо, хусусиятҳои хоси расонаҳо, нақлҳои ҷолибро дар бар мегирад. Сохтори ду донишномаи дигар бо ҳам умумиятҳои бештаре доранд.

Асаре, ки таҳти таҳрири К. Ваал-Ҷоргенсен ва Т. Ҳанич мураттаб шудааст, «Раҳнамои омӯзиши рӯзноманигорӣ» (K. Wahl-Jorgensen, 2009) ном дорад. Дар 5 боб 30 мақолаи илмӣ гирд оварда шудаанд, ки дастоварди илмӣ-таҳқиқотии олимони Аврупо ва Амрикоро дар муайян намудани паҳлуҳои гуногуни рӯзноманигорӣ ҷамъбаст мекунад. «Ин роҳнамо аз таҳқиқоти фаврӣ ва беҳамто, ки дар ҳудуди ин соҳаи муҳимми таҳқиқ анҷом ёфтаанд, ва то чӣ андоза мураккаб, ғанӣ ва умедворкунанда будани истилоҳоти назария ва таҳқиқот шаҳодат медиҳад»[Wahl-Jorgensen, 2009, p. xi].

Китобе, ки ба қалами Р. Эаман мансуб аст, «Луғати таърихии рӯзноманигорӣ» (R. Eaman, 2009) ном дорад. Муаллиф дар садҳо зербобу зербахш дар бораи шахсиятҳо, воқеаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, барномаю

созмонҳои намоишу пахш (шунавонидан), таҳаввули истилоҳот ва тамоюлҳои рӯзноманигорӣ маълумот дода, хулосабарорӣ мекунад.

Нахустин луғати Оксфорд оид ба рӯзноманигорӣ «Луғати рӯзноманигорӣ»-ро Т. Ҳаркап навиштааст (T. Harcup, 2014). Ӯ дар муқаддимаи китоб менависад: «Нахустин луғати Оксфорд оид ба рӯзноманигорӣ танҳо луғат аст, донишнома нест. Он бештар аз 1300 истилоҳро шарҳ медиҳад ва тақрибан 150 мақолаи эзоҳӣ дорад» [Harcup, 2014, p. Preface].

Дар ин саф инчунин асарҳои таҳқиқотии Ф. М. Малколм «Маълумотнома барои рӯзноманигорони Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ» (Ф. М. Малколм 1993), С. Андерсон «Луғати омӯзиши расонаҳо» (Seaman, 2006), Ҷ. Грэй «Маълумотномаи рӯзноманигории додаҳо» (J. Gray, 2012) ва ғайраро номбар кардан мумкин аст.

Пеш аз он ки ба чашмандози заминаҳои назарии рӯзноманигорӣ дар Тоҷикистон гузарем, лозим мешуморем, ки каме оид ба ин мавзуъ дар адабиёти русизабон дар фазои имрӯзаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) сухан ронем. Бо гузаштан аз рӯзноманигории анъанавӣ ба рӯзноманигории расонаӣ ва чандрасонаӣ зарурати шарҳу баёни истилоҳоти нав ба миён омад. Аз ин рӯ дар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ пайдарпай ба забони русӣ луғату донишномаҳои истилоҳоти рӯзноманигорӣ мураттаб гардиданд. Аз он ҷумла, дар *Федератсияи Русия*: Э. П. Кессарийский. Журналистский словарь (2002); И. И. Романовский. Масс медиа. Словарь терминов и понятий (2004); Б. Н. Лозовский. Журналистика и средства массовой информации: краткий словарь (2007); С. Л. Страшнов. Актуальные медиапонятия: опыт словаря сочетаемости (2016); Л. Р. Дускаева. (ред.). Медиалингвистика в терминах и понятиях: словарь-справочник (2018); дар *Қазоқистон*: С. К. Козыбаев. Масс-медиа: словарь-справочник (2007); дар *Қирғизистон*: А. А. Князев. Энциклопедический словарь СМИ (2002); А. С. Кацев (сост.). Журналистика. Реклама. PR: Электронный словарь (2013); дар *Тоҷикистон*:

Н. Н. Салихов, А. А. Афсаҳзод. Журналистика в терминах и понятиях: Энциклопедический словарь системы СМИ (2007).

Луғат-роҳнамои энсиклопедии А. А. Князев «Луғатномаи энсиклопедии ВАО» (2002) истилоҳ ва мафҳумҳоеро шарҳ медиҳад, ки дар муҳити касбии воситаҳои ахбори омма корбурд мешаванд. Маводи китоб инчунин дар соҳаҳои ҳамҷавор – дар забоншиносӣ, дар коммуникативистика, ки ҳамчун илм вазифаҳои ВАО ва таъсири онро ба ҳаёти ҷомеа, ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар равандҳои умумибашарӣ меомӯзад, истифода мешавад.

Луғат-донишномае, ки олимони тоҷик Н. Н. Салихов ва А. А. Афсаҳзод ба забони русӣ омода кардаанд – «Рӯзноманигорӣ тавассути истилоҳот ва мафҳумҳо» (2007), ба асари А. А. Князев аз ҷиҳати тарзи тафсири истилоҳот-моддаҳои луғавӣ шабоҳат дорад. Дар ҳақиқат, ин китоб «кӯшиши аввалин аст дар мураттаб кардани луғати донишномавӣ оид ба истилоҳоти касбии низоми ВАО. Вай 1500 адад вожа ва мафҳумҳоро, ки барои мутахассисони низоми ВАО зарур аст, дар бар мегирад» [Салихов, 2007, с. 2].

Дар адабиёти илмӣ миқдори кофии таҳқиқот оид ба таҳлил ва танзими истилоҳоти соҳаҳои мухталиф бо ҷалби забонҳои гуногун, аз ҷумла тоҷикӣ ва англисӣ мавҷуд аст. Вале масъалаи омӯзиши муқоисавии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то ҳол мавриди таҳқиқоти мустақил қарор нагирифтааст. Ин падида якчанд сабаб дорад.

Сабаби асосӣ дар он аст, ки рӯзноманигории тоҷик нисбат ба дигар риштаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ хеле дертар ба вуҷуд омада умри каме бештар аз садсола дорад. Чунон ки донишмандони соҳа қайд мекунанд, матбуоти тоҷик аввалан аз варақаҳои инқилобии оғози садаи бист ва рӯзномаи «Бухорои Шариф» (1912) оғоз меёбад. «Давраи пурсамари фаъолияти социал-демократҳои Туркистон ба соли 1900 рост омад. Зеро маҳз ҳамон сол саросари Осиён Миёнаро мавҷи ҳаракати революционӣ

фаро гирифта буд. Аввалин даъватномаву варақаҳо-хитобаҳои бо забони тоҷикӣ, туркманӣ ва дигар халқҳои Осиён Миёна таълифшуда низ дар ҳамин давра ба вуҷуд омадаанд [Нуралиев, 1989, с. 14].

Вале танҳо аз солҳои 80-уми садаи гузашта сар карда силсилаи маълумотномаҳо ва луғатҳои дузабонаи истилоҳоти соҳаҳои гуногун дар шакли китобча (брошюра)-ҳо ба нашр расиданд. Ба сифати асарҳои солҳои 80-90-уми садаи гузашта чопшуда инҳоро мисол овардан мумкин аст: С. Табаров (1980, 1987); Х. Ҳусейнов ва К. Шукурова (1983); Н. Турсунов (1985); Г. Нуриддинов ва И. Обидов (1988); У. Тоиров (1991); Х. Мирзозода (1992); А. Насриддин (1992); С. Назарзода (1993); Н. Ҳакимов (1994); Ш. Розиқов ва диг. (1995); Д. Саймиддинов (1995); К. С. Қодиров (1997); С. Ҳабибов (1999) ва даҳҳо китобҳои дигар.

Дар оғози садаи XXI ин раванд тавсиа ёфта, қариб тамоми соҳаҳои илм, истеҳсолот ва ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифт. Дар баробари фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабона нашри луғатҳои сезабона (тоҷикӣ-русӣ-англисӣ) маъмул гардид. Маҳз дар ҳамин давра ба тартиб даровардан ва нашри луғатҳои истилоҳоти рӯзноманигорӣ оғоз шуд, ки ба қалами донишмандон – коршиносони соҳаи рӯзноманигорӣ – А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, Д. Ашуров, М. Б. Муродов ва дигарон тааллуқ дорад: Ашуров Д. Фарҳанги рӯзнома ва маҷаллаҳои Тоҷикистон (1999); Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ (2011); А. Аминов, А. Афсаҳзод, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, Ҷ. Саъдуллоев. Фарҳанги тафсирии русӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика (2013); М. Иматшоева, А. Мамадназаров, М. Муродов. Луғати мухтасари тафсирии англисӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика (2015); М. Муродов. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ (2016).

Дар ин миён «Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ»-и М. Муродов (2016) дар рӯзноманигории тоҷик луғати энсиклопедии нисбатан мукаммал ба забони тоҷикӣ мебошад. Он дар асл як навъ таҷдиди нисбатан мукаммали китоби муаллиф «Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои

рӯзноманигорӣ» (2011) мебошад. Дар донишномаи мазкур 2014 адад (ҳисоби ман – М. Р.) истилоҳи рӯзноманигорӣ шарҳу тафсир ёфтаанд, ки аз ҷиҳати мансубият ба ҳамаи расонаҳои шомили ВАО дахл доранд.

Ҳаҷм ва тамоюлҳои пешрафти таҳқиқот оид ба истилоҳот ба инкишофи таърихии халқҳо, сатҳи рушди фарҳангии онҳо дар тӯли асрҳо алоқаманд аст. Раванди инкишоф ва ғанисозии истилоҳоти рӯзноманигории тоҷикро бояд махсус таъкид кард, ки дар он фаъолияти ВАО нақши муҳим мебозад. Истилоҳоти забони тоҷикӣ бо мурури замон аз ҳисоби дигар забонҳо васеъ ва бою ғанӣ мегардад. Доираи лексикаи истилоҳоти иқтибосӣ бо характери мафҳумҳои нави илмию техникӣ ва рӯйдодҳои ҳаёт ва маишати халқ муайян карда мешавад.

Омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳот яке аз масъалаҳои душвортарини ҳар кадом забон мебошад. Дар даҳсолаи охир дар таҳқиқоти истилоҳоти забони тоҷикӣ ба муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шудаанд.

Омӯзиши истилоҳоти забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ дар оғози садаи нав суръати тоза пайдо карда даҳҳо рисолаҳои илмӣ оид ба истилоҳоти соҳавии забони тоҷикӣ, муқоисаи вожасозӣ ва вижагиҳои сохторӣ-маънои истилоҳоти забонҳои тоҷикӣ ва бо забонҳои дигар ба миён омаданд. Аз он ҷумла: Л. М. Мамаджанова. Семантико-структурный анализ юридических терминов в английском и таджикском языках (2006); М. Б. Султонов. Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии (на материале научного наследия IX-XI (2008); М. М. Раджабова. Структурно-семантические особенности коммуникативных фразеологических единиц в таджикском и английском языках (2010); Т. С. Шокиров. Формирование и развитие юридических терминов таджикского языка (2011); С. Абулфайзов. Лексико-семантический анализ дипломатических терминов таджикского языка (2013); А. Мамадназаров. Становление и развитие таджикской переводной лексикографии XX и начала XXI вв. (2013); Х. А. Саидов. Дипломатическая терминология в таджикском и английском языках (2013); Х. А. Ҷӯраев. Таҳлили сохторӣ-

маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (2019); М. М. Комилов. Структурно-семантический анализ философских терминов в таджикском и английском языках (2020) ва дигарон.

Омӯзиши падидаҳои гуногунҷанбаи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забоншиносии ҳар як забони мушаххас ҳамеша яке аз ҷойгоҳҳои марказиро ишғол мекунад ва таҳқиқи онҳо бемайлон таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқонро аз нигоҳи забоншиносии умумӣ ба худ ҷалб мекунад. Дар солҳои ахир бархе мақолаҳои илмӣ ба табъ расиданд, ки каму беш ба мавзуи ин таҳқиқот алоқаманданд, масалан мақолаҳои Т. Бердиева «Вожагони рӯзнома ва масъалаҳои истилоҳот» (1982), С. Хоҷазод «Оид ба истилоҳоти рӯзноманигории кунунӣ» (2012)…

Аммо то ҳол тавсифи вожасозӣ ва вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти рӯзноманигории забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ омӯхта нашудааст. Ҳамчунин зарур аст, ки таснифи мавзуии истилоҳот, омӯзиши ҳамгунӣ (омонимия), муродифот (синонимия), сермаъноӣ (полисемия) ва мутазодот (антонимия)-и истилоҳоти рӯзноманигории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ анҷом дода шавад.

1.2. Мафҳуми «истилоҳ», «системаи истилоҳот», «истилоҳшиносӣ» ва «майдони истилоҳӣ» дар забоншиносӣ

Истилоҳ (арабӣ – إصطلاح, русӣ – *термин,* англисӣ – *term*) вожаи махсус, аниқтараш вожа ё ибораест, ки вазифаи махсусро ба ҷо меорад. Вай тобиши вижаи маъноӣ дошта, дар ҳудуди фаъолияти ягон илм ё соҳаи техника ба шакли муҷаз мафҳуми муайянеро ифода мекунад. Сарчашмаи пайдоиши истилоҳот фонди луғавӣ ва таркиби луғавии забон аст. Ҳангоми ба истилоҳ табдил ёфтани вожаи маъмул ҳамаи маъниҳои дигари он қатъи назар мегардад. Бояд гуфт, ки истилоҳ берун аз ҳудуди истеъмоли худ вазифа ва маънии истилоҳии худро аз даст медиҳад ва ҳамчун вожаи маъмули забон истифода мегардад. Яъне «маънои терминологии бисёр калима-терминҳо берун аз матн зоҳир шуда истад ҳам, маънои терминологии баъзе калимаҳо танҳо дар матн равшан мегардад» [ЗАҲТ, 1982, с. 56].

1.2.1. Мафҳуми «истилоҳ» дар осори классикии форсу тоҷик

Дар забони арабӣ «istilāh» إصطلاح масдари шакли VIII феъли صلح «salaha» ё «saluha» буда, феъли ин шакл «istalaha» إصطلح аст ва маънои имрӯзааш «1) беҳтар шудан, ислоҳ шудан; 2) созиш кардан (*бо касе*); 3) розӣ шудан, аҳд бастан (*бо касе*), забон як кардан, паймон кардан, пазируфтан (чизеро)» аст. Маънои худи вожаи (масдари VIII) «истилоҳ» – «1) шартӣ будан, созишу ризоияти умумӣ; корбурди вожаҳо ба тарзи одӣ; «истилоҳан» – шартан; 2) ифодаи махсус; истилоҳ (термин)» [Баранов, 2006, с. 442-443].

Мафҳуми *истилоҳ* дар забони форсии тоҷикӣ таърихи дерина дорад. Ҳанӯз дар садаи XI донишманди забардасти тоҷик Абуалӣ ибни Сино аз нахустин олимоне буд, ки бо навиштани «Донишнома» ба татбиқи истилоҳоти илмии тоҷикӣ асос гузошт. Ин асар дар солҳои 1022-1026 дар Исфаҳон бо фармоиши ҳокими он Алоуддавла ба форсии тоҷикӣ (порсии дарӣ) навишта шудааст ва чунон ки худи Ибни Сино менависад «бояд ки

мар ходимони маҷлиси вайро (Алоуддавларо – М. Р.) китобе тасниф кунам ба порсии дарӣ, ки андар вай аслҳо ва нуктаҳои панҷ илм аз илмҳои ҳикмати пешинагон гирд оварам ба ғояти ихтисор: яке илми мантиқ, ки вай илми тарозуст ва дувум илми табииёт, ки илми он чизҳост, ки ба ҳис бишояд дидан ва андар ҷунбишу гардишанд ва севум илми ҳайату ниҳоди олам ва ҳоли сурати ҷунбиши осмонҳою ситорагон, чунонки бознамудаанд, ки чун бишоист ҳақиқати он донистан ва чаҳорум илми мусиқӣ ва боз намудани сабаби созу носози овозҳо ва ниҳодани лаҳнҳо ва панҷум илми он чи берун аз табиат аст» [Сино, 1980, с. 29].

Дар фарҳангномаи машҳури садаи XIX «Ғиёс-ул-луғот» «истилоҳ» ҳамчун мафҳуми аз маънии аслӣ сивошуда (ҷудошуда) шарҳ дода шудааст: «**Истилоҳ** اصطلاح – дар луғат бо ҳам сулҳ кардан; ва маънии истилоҳии лафзи истилоҳ ҳам иттифоқ намудани қавме. Барои муайян доштани маънии лафз сивои маънии мавзуи он лафз ва истилоҳ маъхуз аз сулҳ аст». [Ромпурӣ, 1987, с. 65]

Дар замони шуравӣ дар забони тоҷикӣ барои ифодаи мафҳуми «истилоҳ» мисли забонҳои аврупоӣ вожаи «термин», ки аз забони лотинӣ тавассути забони русӣ иқтибос шудааст, корбурд мешуд. Термин (terminus) дар забони лотинӣ маънои «марз, поён, анҷом»-ро ифода мекунад. Вожаи «истилоҳ» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст:

«Истилоҳ а. 1. бо ҳам сулҳ кардан; оштӣ кардан; 2. калима ё иборае, ки хоси як гурӯҳи мардум (мас. аҳли як касб) аст ё дар байни онҳо маънои махсусе пайдо кардааст; калимае ки дар соҳаи илму фан барои ифодаи маънои махсуси ғайри аслӣ қабул шудааст, термин.

Баҳри тафҳими маънии ашё

Истилоҳе зи ғайб кард иншо. *Бедил*» [ФЗТ, 1969а, с. 500].

1.2.2. Мафҳуми «истилоҳ» дар забоншиносии русу аврупоӣ

Дар забони англисӣ вожаи *term* – истилоҳ сараввал дар садаи XII «ҳудуди вақт, муҳлати аниққарда ё таъиншуда»-ро ифода мекард. Баъдтар

дар ҳуҷҷатҳои соли 1454 ба маънои «фосилаи вақт дар мактаб ё ҷаласаи мурофиаи судӣ» сабт гардидааст. Баромади ин вожа аз фаронсавии қадим буда *terme* «ҳудуди вақт ё ҷой»-ро, ки дар навбати худ аз вожаи лотинии *terminus* «интиҳо, хатти марз» баромадааст, мефаҳмонд. Ғайр аз ин дар осори илмии соли 1378 барои ифода кардани мафҳуми вожаи юнонии *horos* «марз» дар риёзиёт ва мантиқ, вожаи *term* (лотинии миёна) истифода бурда шудааст, ки маънои «вожа ва ибораҳое, ки ба тариқи маҳдуд ё аниқ истифода мешаванд»-ро мефаҳмонд [Online dict., 2001, с. Teo-Thi].

Нахустин назарияҳои истилоҳ дар илми забоншиносӣ дар ибтидои садаи XX дар собиқ ИҶШС ва Аврупо (Австрия, Чехословакия) падид омадаанд, ки бо номҳои О. Вюстер ва С. Лотте вобастаанд. Дар мактабҳои забоншиносии шуравӣ ва аврупоӣ мафҳуми «истилоҳ» ба тарзҳои гуногун шарҳ ёфтаанд.

Дар забоншиносии аврупоӣ бештар бар он ақида буданд, ки предмети истилоҳшиносӣ на истилоҳ, балки мафҳум (concept) аст. О. Вюстер таъкид мекард, ки ҳангоми хоста гирифтани истилоҳот аз соҳаи луғавии забони миллӣ бояд бештар ба асосҳои лотинӣ ва юнонӣ бартарӣ дода шавад. «*Concept*» (мафҳум) бояд ҳамчун предмети асосии истилоҳшиносӣ пазируфта шавад. [Ахметова, 2014, с. 22]. Баъдтар ӯ дар илми истилоҳшиносӣ равияи худ («мактаби Вена»)-ро ба вуҷуд овард.

Асоси назарияи тавсифи истилоҳотӣ ва стандартикунониро дар асарҳои Вюстер дастовардҳои файласуфон, асарҳои назарияи маърифат (эпистемология), мантиқ, забоншиносӣ ва равоншиносӣ оид ба вожа ва мафҳум (*concept*) ва муносибати байни онҳо, тарзҳои пешниҳоди тафсир (*definition*), интихоби истилоҳи мувофиқи мафҳум ташкил медод.

Назарияи умумии истилоҳотии Вюстер 5 принсипи асосиро дар бар мегирифт:

1. Дар истилоҳот усули ономасиологӣ (номгузорӣ) ба кор меравад (истилоҳшиносӣ пеш аз истилоҳ аввал мафҳумро меомӯзад).

2. Мафҳумҳо аз дигарон қатъиян ҷудо тавсиф ёфта, метавонанд дар низоми мафҳумҳо ҷой гиранд.

3. Мафҳумҳо бояд ба тарзи анъанавӣ муайян карда шаванд.

4. Истилоҳ барои мафҳум ба тарзи ҳамешагӣ таъин мегардад.

5. Ҳам истилоҳ ва ҳам мафҳум синхронӣ омӯхта мешаванд [Packeiser, 2009, p. 10].

Чӣ хеле ки мебинем, дар назарияи мазкур мавқеи асосӣ ба мафҳум вогузор шудааст, ки бояд аниқ бошад. Аммо истилоҳ, ки аз нуқтаи назари синхронӣ омӯхта мешавад, бояд якмаъно бошад ва танҳо ба як мафҳуми аниқ муайяншуда нисбат дошта бошад.

Ба ақидаи Вюстер стандартикунонии истилоҳот имкон медиҳад, ки ба раванди истеҳсолоти саноатӣ корхонаҳои хурд низ пайваст гарданд. Ӯ қайд мекунад, ки мақсади стандартикунонӣ «якнавохт кардани мафҳумҳо ва низоми мафҳумҳо, муайян кардани онҳо, кам кардани омонимия, истисно кардани имконияти синонимия ва агар зарурат бошад, мувофиқи принсипҳои истилоҳотӣ сохтани истилоҳоти нав аст» [Wüster, 1974, p. 15].

Маҳз бо шарофати назарияи стандартикунонӣ соли 1971 Infoterm (Созмони байналмилалии ташкили ахбор ва фановарӣ, ки ба ҳамоҳангсозии фаъолияти истилоҳотӣ ва гирдоварии додаҳои библиографӣ машғул аст) ва ISO (International Organization for Standardization) (Созмони байналмилалии стандартикунонӣ таъсис ёфтанд. Ҳуҷҷати машҳури кумитаи техникии (СБС), ки ба он 117 нафар намояндагони кишварҳои гуногун шомил ҳастанд, ҳуҷҷати ISO/TC 37 аст, ки «Кори истилоҳотӣ – принсипҳо ва усулҳо» ном дорад. Дар ин ҳуҷҷат низ ба мафҳум (*concept*) нақши асосӣ дода шудааст.

Ин равияи консептологӣ аз тарафи пайравони Вюстер, масалан Ҳ. Фелбер (H. Felber) давом дода шуд [Felber, 1984, p. 103].

Акнун шарҳи мафҳуми «истилоҳ»-ро аз ҷониби забоншиносони аврупоӣ ва рус дида мебароем:

Ҳ. Фелбер: Аломати лингвистии ба як ё якчанд мафҳумҳо додашаванда, ки бо мафҳумҳои дигари ҳамин соҳа муайян карда мешавад. Он метавонад вожа ё гурӯҳи вожаҳо (ибора) бошад. Ҳамчунин он метавонад ҳарф ё аломати тасвирӣ, аббреватура (ихтисора), акроним, нишона ва ғ. бошад [Felber, 1984, p. 168].

В. де Бессе ва Ҷ. Сейгер: истилоҳро воҳиди луғавие, ки аз як ва бештар аз он вожа иборат буда, мафҳуми соҳаи муайянро муаррифӣ мекунад, гуфтааст [Bessé, 1997, p. 151].

А. А. Реформатский: «Терминҳо – вожаҳои махсусанд, ки бо вазифаи вижаи худ маҳдуданд; вожаҳое, ки ба якмаъноӣ майл мекунанд, ҳамчун ифодаи айнии мафҳумҳо ва номи чизҳо» [Реформатский, 1998, с. 115].

В. П. Даниленко: «Ҳамчун термин мо вожа (ё ибора)-и соҳаи вижаи корбурди махсусро мефаҳмем, ки номи мафҳуми вижа мебошад ва тафсир (дефинитсия) мехоҳад» [Даниленко, 1977, с. 15].

Т. Л. Канделаки: «Ҳамчун термин вожа ё ибораи лексикондашуда фаҳмида мешавад, ки барои насби маънии худ дар системаи дахлдори мафҳумҳо тартиб додани тафсирро (дефинитсияро) талаб мекунад» [Канделаки, 1977, с. 7].

Ба фикри мо ҳамин панҷ иқтибос кифоя аст, ки дар таърифи истилоҳ набудани якнавохтиро нишон диҳем. Аз ҳамин сабаб Лейчик В. М. дуруст қайд мекунад: «То имрӯз таърифи мавриди қабули умум барои мафҳуми «истилоҳ» мавҷуд нест» [Лейчик, 2009, с. 20].

1.2.3. Мафҳуми «истилоҳ» ва забоншиносии тоҷик

Яке аз муаллифони «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (1973; 1982) Ҳ. Рауфов менависад: «Термин (аз terminus-и лотинӣ – ҳад, ҳудуд) калима ё ибораест, ки мафҳуми муайяни ягон соҳаи илм, техника, маданият ва ё истеҳсолотро ифода менамояд... Термин дар соҳаи худ фақат як маънои муайянро ифода менамояд. Якмаъноӣ (моносемия) хусусияти асосии термин мебошад» [ЗАҲТ, 1973, с. 63; 1982, с. 56].

Дар асарҳои забоншинос Мирзо Ҳасани Султон мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати таърихию амалӣ ҳамаҷониба таҳлил гардидааст. Бояд гуфт, ки дар таърихи забоншиносии тоҷик ӯ ягона муаллифест, ки ба ин мавзуъ даст задааст ва муваффақ ҳам шудааст.

М. Ҳ. Султон таърифи истилоҳро ба тарзи зайл пешниҳод мекунад: «Истилоҳ калимаест (ё ибораест), ки дар ҳавзаи амалкарди як илм мафҳуми комилан мушаххасеро ифода мекунад ва ҳамзамон бо воҳидҳои дигари забонӣ, ки бо онҳо дар робита қарор дорад, як системи муназзаму томи истилоҳотро ташкил медиҳад» [Султон, 2008б, с. 25].

Барои пурра кардани таърифи худ муаллиф фарқиятҳои миёни вожа ва истилоҳро меорад. Ба фикри ӯ:

1. Истилоҳ – ин вожа ё ибораест, ки бар вазифаи махсус аст. Дар ин ҷо муаллиф бо А. А. Реформатский, Ҳ. Фелбер, В. де Бессе ва Ҷ. Сейгер ҳамфикр аст.

2. Истилоҳ маънии ягона, вижа ва дақиқ дорад, вале вожаи маъмулӣ метавонад сермаъно бошад. Ин ҳукм назари А. А. Реформатский ва В. П Даниленкоро тақвият медиҳад.

3. Истилоҳ бо мафҳум тобеияти ногусастанӣ дорад, ки инро ҳар вожа надорад. Бо ин муҳаққиқ бо ҳамаи муаллифони номбурда (А. А. Реформатский, В. П. Даниленко, Т. Л. Канделаки, Ҳ. Фелбер, В. де Бессе ва Ҷ. Сейгер) ҳамфикр аст.

4. Истилоҳ ҳадди муайяни маъноӣ дорад [Султон, 2008б, с. 25-26]. Ин ҳам шарҳи фикри А. А. Реформатский аст.

Аз ҳамин сабаб, истилоҳот ба ягон соҳаи илм мансуб мебошанд. Онҳо худ ба худ мустақил нестанд, ва, албатта, дар ҳамҷоягӣ бо дигар қабатҳои лексикӣ барои ифодаи фикр хидмат мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан мумкин аст, ки ба замми вожаи махсус будан, истилоҳот **вожаҳои якмаъно** мебошанд. Бо ҳамин якмаъноӣ онҳо дар матни ҳуҷҷатҳо, асарҳо, гуфтугӯҳои ягон соҳаи илму техника ба

кор бурда мешаванд. Дар ҳамин шакл онҳо бо дигар вожаҳо ба таркиби луғавии забон (масалан, англисӣ ё тоҷикӣ) ҳамчун унсурҳои мустақил дохил мешаванд. Вобаста аз ин ҳар илм ё соҳаи истеҳсолот бояд истилоҳоти худро ба низом дароранд, яъне муайян ва радабандӣ кунанд.

Ин талабот нисбат ба забони илму техника бисёр муҳим аст. Азбаски истилоҳ маънои мустақил дорад, дар таснифҳо нишонаҳои вожагӣ-маъноӣ ва мансубияти соҳавии он бояд тафсир (**дефинитсия**) карда шавад. Ин амал бештар дар фарҳангҳои тафсирӣ ва луғатҳои бисёрзабонаи истифодаи умум низ анҷом дода мешавад. Бештари олимон чунин мешуморанд, ки барои тафсир худи мафҳум ё ашё ва таносуби вожа, ки тавассути он мафҳум ва ашё баён карда мешавад, мавҷуд аст. Яъне тафсир ба қадри имкон хусусиятҳои тасвирию намудии истилоҳ (моддӣ-маънавӣ, ақлонӣ, дохилӣ ва берунӣ)-ро бояд дар бар гирад.

Чи хеле ки гуфта гузаштем, **сермаъноӣ** (полисемия) унсурест, ки ба истилоҳот хос нест, аммо дар амал аз сабаби то поён нарасондани раванди интихоб, коркард ва корбурди истилоҳот дар забонҳои таҳқиқшаванда рӯйдоди ба ду ё зиёда маъно истифода бурдани истилоҳот ба назар мерасад.

Муҷаз ва сода будани истилоҳот – яке аз талаботи асосӣ нисбат ба онҳо ба шумор меравад. Ин муқаррарот ҳамчун омили осонфаҳмӣ ва шаффофияти онҳо хидмат мекунад. Ҳангоми сохтани истилоҳот восита ва унсурҳои вожасозӣ – пешванду пасвандҳо, бандаки изофӣ, пешоянду пасояндҳо, вожаҳои ёвар метавонанд барои фаҳмиши маънӣ ва корбурди он истифода шаванд, аз ин рӯ ҳаддалимкон бояд истилоҳоти сода ва фаҳмо интишор гарданд. Танҳо дар ҳамин сурат метавон печидагиҳои якмаъноӣ, шартҳои сермаъноӣ, омонимия ва ҳамчандии истилоҳотро ҳал кард, чунки бештари истилоҳот дар асоси вожаҳои ягон забони умумиистеъмол ба вуҷуд меоянд ва мураттабсозию фаъолияти онҳо муҳим аст.

Ҳамин тавр, ҳамаи он нишонаю хосиятҳои истилоҳ, ки дар боло зикр кардем (вожаи махсус будан, якмаъноӣ, тафсир (дефинитсия) талаб кардан,

муҷаз ва сода будан), ба мо имкон медиҳад, ки мабдаъҳо ва қоидаҳои забоншиносии муқоисавиро дуруст ба кор бурда, таҳқиқу таҳлили вожасозӣ ва сохторӣ-маънои истилоҳоти рӯзноманигориро дар забонҳои муқоисашаванда анҷом диҳем.

1.2.4. Истилоҳшиносӣ

Истилоҳи *терминология* (истилоҳшиносӣ) дар забони тоҷикӣ бо ду маъно тарҷума мешавад:

1. Маҷмуи истилоҳоти ягон соҳа, «истилоҳот» [Назарзода, 2004, с. 28; Султон, 2008б, с. 3; Нуров, 2018, с. 64-65].

2. Илме, ки истилоҳотро меомӯзад, «истилоҳшиносӣ» [Нуров, 2018, с. 42; Султон, 2008б, с. 4], «истилоҳгузинӣ» [Назарзода, 2004, с. 19, 24, 28], «вожагузинӣ» [Назарзода, 2004, с. 29]. Мо ҳам дар кори худ барои ифодаи ин мафҳумҳо истилоҳи *истилоҳотшиносӣ*-ро истифода бурдем.

Истилоҳшиносӣ (*терминология, терминологическая термлексика – terminology*) – маҷмуи истилоҳоти дар сатҳи мафҳумӣ, вожагӣ-маъноӣ, вожасозӣ ва дастурӣ (грамматикӣ) ба ҳам алоқаманд аст, ки бо соҳаи фаъолияти касбӣ (соҳаи дониш, техника, мудирият, фарҳанг) муносибат дорад [Головин, 1987, с. 5].

Имрӯз инқилоби илмӣ-техникӣ равандҳои иттилоотӣ-коммуникативиро ба ҷунбиш овард. Дар натиҷа истилоҳот дар соҳаҳои гуногуни дониш афзоиши пурҷӯшу хурӯши миқдорӣ пайдо карданд ва ба тарзи фаъол ба забони умумихалқӣ роҳ ёфтанд. Ин равандҳо «таркиши истилоҳотӣ» (таъбири Б. Н. Головин) ном гирифтанд.

Сабабҳои пайдоиши равандҳои мазкур дар ин буд:

1. Зарурати сохтани истилоҳоти нав барои объекту мафҳумҳои навпайдошудаи илму техника.

2. Вазъи ногувори истилоҳот дар бисёр соҳаҳои дониш, ки аз сермаъноӣ ва номуайянии истилоҳот, мураккабии сохтори маъноӣ-грамматикии онҳо сар задааст.

3. Зарурати таъмини истилоҳии низомҳои иттилоотии имрӯза: низоми идораи худкор, бонк ва пойгоҳҳои додаҳо.

4. Талаботи рӯзафзун ба луғатҳои истилоҳот барои тарҷума, омӯзиш ва кори амалии касбӣ [Головин, 1987, с. 5-6].

Дар натиҷаи «таркиши истилоҳотӣ» таҳқиқҳои забоншиносӣ тағйири самти кор карданд. Акнун ҳам забоншиносии суннатӣ ва ҳам забоншиносии амалӣ истилоҳоти соҳаҳои махсуси донишро мавзуи кори худ қарор доданд. Ин буд, ки да солҳои 80-уми садаи гузашта оид ба истилоҳот ҳамоишҳои зиёди илмӣ барпо гардида, наздики 2000 асари чопӣ рӯйи кор омад.

Ин буд, ки дар ин раванд дар маҷрои забоншиносии назариявӣ ва амалӣ фанни нав – **истилоҳшиносӣ** (*терминоведение – terminology science*) ба вуҷуд омад. Истилоҳшиносӣ фаннест, ки истилоҳ, ташаккули маъноӣ ва дастурии (грамматикии) онро меомӯзад ва нақши истилоҳро дар равандҳои коммуникативӣ муайян мекунад.

Агар хулоса карда гӯем, аз пайдоиши вожаи «истилоҳ» то солҳои 70-уми садаи XX истилоҳшиносӣ ё худ терминология як ҷузъи илми забоншиносӣ ба ҳисоб мерафт. Зимнан бояд қайд кард, ки дар забоншиносии тоҷик [ЗАҲТ, 1973; ЗАҲТ, 1982; Тоҳирова, 1967] то оғози садаи XXI ҳамин мавқеъ нигоҳ дошта мешуд ва забоншиносони тоҷик ҳанӯз ҳам илми нави истилоҳшиносиро нодида мегирифтанд. Ҳатто муҳаққиқи соҳаи истилоҳот П. Нуров байни *терминология* ва *терминоведение* фарқе намегузорад [Нуров, 2009, с. 69]. Танҳо тавассути асарҳои М. Ҳ. Султон тамоюли истифодаи *терминология* фақат ба маънои *истилоҳот* оғоз гардид [Султон, 2008а, с. 4].

Истилоҳшиносии нав ё худ терминоведение (terminology science) – ин таҳқиқоти байнифаннии мабдаъҳо ва асосҳои назариявии мафҳумҳо, системаи мафҳумҳо ва ифодаи мафҳумҳо дар соҳаҳои илм, техника ва фаъолияти касбӣ аст. Пайдоиши он аз кӯшишҳои ҳалли мушкилоти тамосҳои касбӣ, ки дар натиҷаи дар садаи XX байналмилалӣ шудани

тиҷорат, фановарӣ ва илм ба миён омада буданд, ибтидо мегирад. Ин фаъолияти илмии ба амал нигаронидашуда истилоҳшиносӣ (истилоҳот, фарҳангҳои истилоҳот), стандартонии истилоҳот, ахбор ва ҳуҷҷатгузорӣ оид ба истилоҳотро дарбар мегирад. Terminology science-ро ҳамчун илми нав муҳандиси австриягӣ О. Вюстер асос гузошт. Дар асари худ «Меъёрикунии байналмилалии забон дар техника, махсусан дар электротехника» ӯ назария ва воситаҳои якчанд илм: забоншиносӣ, мантиқ, онтология ва иттилоотшиносиро муттаҳид намуд. Таҳқиқоти ӯ танҳо дар солҳои 70-ум пурра дастгирӣ ёфт ва хусусияти ҷаҳонӣ пайдо кард. Ӯ фарқияти байни истилоҳшиносии амалӣ ва назарияҳои умумӣ ва хусусии истилоҳшиносиро асоснок кард [Лейчик, 2009, с. 14].

1.2.5. Майдони истилоҳӣ

Истилоҳоти ҳар кадом соҳа, ки амалан маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд аст, дорои майдони фаъолияти унсурҳо – истилоҳот мебошад. **Майдони истилоҳӣ** (*терминологическое поле*) – ин соҳаи махсуси мавҷудияти истилоҳ аст, ки дар дохили он истилоҳ ба тамоми нишонаҳои тавсифшавандааш доро аст, соҳаест маҳдудшуда, ки аз таъсироти бегона муҳофизат мешавад. Мансубият ба майдони муайян нишонаи аз ҳама асосии истилоҳ аст, ки истилоҳ-вожаро аз вожаи муқаррарӣ фарқ мекунонад. Майдони истилоҳ-мафҳум ин ҳамон системаи мафҳумҳост, ки истилоҳ-мафҳум ба он тааллуқ дорад. Майдони истилоҳ-вожа ин ҳамон маҷмуи вожаҳои дигар аст, ки истилоҳ-вожа бо онҳо дар чаҳорчӯбаи илми додашуда ҳамзистӣ мекунад, дар асоси онҳо худ шакл мегирад ва ба онҳо бо шакли забонии худ таъсир мегузорад. Аммо аз ҳама муҳимаш барои майдони истилоҳӣ тамоюли экстралингвистӣ (берун аз забоншиносӣ)-и он аст, ки мувофиқи ин тамоюл воситаҳои забонии ифода ташаккул меёбанд.

А. А. Реформатский таъкид мекунад, ки истилоҳ ҳамеша узви ягон терминология (истилоҳот) аст ва дар ҳудуди он якмаъност. Майдони истилоҳотӣ барои он контекст (қарина)-ро иваз мекунад. Истилоҳ-вожа дар

майдони истилоҳотии худ маънои аниқ ва ягонаро касб мекунад, вале берун аз ин майдон сифатҳои истилоҳро гум мекунад.

Бо вуҷуди ин, истилоҳ аз ҷиҳати семантикӣ (маъноӣ) парадигматикӣ (тағйирпазир) аст, яъне як истилоҳ метавонад дар истилоҳоти гуногун бо мафҳумҳои мухталиф дохил шавад. Масалан, истилоҳи *синф* дар ҷомеашиносӣ, биология ва педагогика. Аз ин рӯ «истилоҳот метавонанд берун аз зерматн мавҷуд бошанд, агар маълум бошад, ки онҳо аъзои кадом истилоҳотанд. Он гоҳ истилоҳот якмаъноиро на ба воситаи зерматн, балки аз рӯйи мансубият ба истилоҳоти додашуда пайдо мекунанд. Бо ин, бар хилофи вожаҳо-ноистилоҳот (слова-нетермины), истилоҳот аз зерматн вобаста нестанд» [Реформатский, 1961, 54].

Рӯзноманигорӣ дар соҳаҳои гуногун: матбуоти даврӣ, радио, телевизион, интернет ва ғ. амал мекунад. Ҳар яке аз ин соҳаҳо майдони истилоҳии худро доранд:

- майдони истилоҳии матбуоти даврӣ (*рӯзнома, маҷалла, клише, саҳифа, сармақола, лавҳа, маводи чоп, матн, мубоҳиса ва ғ.*);
- майдони истилоҳии радио (*сабти овоз, гуфтор*, *истгоҳ*, *микрофон*, *диктофон*, *диксия*, *мусоҳиба*, *наттоқ*, *фонограмма ва ғ.);*
- майдони истилоҳии телевизион (*банаворгирӣ, баранда, барнома, бознашр, намойиш, намойиши мустақим, брифинг, канал ва ғ.*);
- майдони истилоҳии интернет (*торнамо, сомона, байт, домен, хостинг, копирайтер, рерайтер, онлайн, офлайн ва ғ.*);

Майдонҳо дар навбати худ аз микромайдонҳо иборатанд. Масалан, майдони истилоҳии телевизион дар навбати худ ба ду микромайдон тақсим мешавад: идораи таҳририя ва идораи воситаҳои техникӣ.

1.2.6. Системаи истилоҳот

Унсурҳои дохили майдони истилоҳӣ бо низоми (системаи) муайян мураттаб мегарданд. **Системаи истилоҳот** (*терминологическая система, термосистема*), дар навбати аввал аз ҷиҳати забоншиносӣ мураттабии

вожаҳои махсус аст, ки ба майдони муайяни истилоҳӣ хидмат мекунанд. Натиҷаи ин аст, ки истилоҳоти ҷудогона ҳамчун зерсистемаҳои маҳдуд дар дохили системаи вожаҳои забони миллӣ зоҳир мешаванд. Яъне системаи истилоҳот маҷмуи мураттаби номи мафҳумҳои махсуси аз ҷиҳати семантикӣ ба ҳам вобаста аст, ки ба соҳаи ҷудогонаи дониш тааллуқ дорад.

Мисли он ки майдон ба микромайдонҳо тақсим мешавад, системаи истилоҳот ба зерсистемаҳо ҷудо мешавад. Зерсистемаҳо дар навбати худ ба радаҳои истилоҳот, ки ба муносибати экстралингвистӣ ва якнамудии вожасозӣ майл доранд, бахш мешаванд.

«Истилоҳот, аз рӯйи хусусияти хосашон, наметавонанд ба системаи вожаҳои лексикаи умумӣ дохил шаванд ва дар забони миллӣ якчанд зерсистема созмон медиҳанд (мувофиқи шумораи майдонҳои мавзуӣ), аммо на ба забони адабӣ, на ба забони маишии гуфтугӯйӣ дохил намешаванд. Азбаски мафҳумҳо ва робитаҳои онҳо дар ҳар кадом истилоҳот худӣ, махсус аст, ин ба он воситаҳои лексикие, ки майдонҳои истилоҳотии мувофиқро хидмат мекунанд, таъсир нарасонда наметавонад». Яъне «дар ҳар кадом истилоҳот алоқаҳои «табиии» лексикӣ ба фоидаи робитаи мафҳумҳо таҳриф мегарданд» [Суперанская, 2012, 54]. Масалан, вожаи «рӯзноманигор» аз ҷиҳати лексикӣ ба вожаи «интернет» робитае надорад. Вале дар истилоҳи *рӯзноманигори интернетӣ* ин алоқаҳои лексикӣ сарфи назар мешаванд.

Истилоҳи *журналист* (рӯзноманигор) баробари пайдоиши рӯзнома ва маҷаллаҳо ба вуҷуд омад. Баъдтар *фотожурналист* (фоторӯзноманигор) ва *киножурналист* (кинорӯзноманигор) ё *журналисти синамо* (рӯзноманигори синамо) ва замоне, ки радио ва телевизион ба кор даромаданд, истилоҳоти *журналисти радио* (рӯзноманигори радио) ва *журналисти телевизион* (рӯзноманигори телевизион) ташаккул ёфтанд. Дар Интернет *веб-журналист* (веб-рӯзноманигор) маъмул гардид.

Яъне ташкили системавии истилоҳот дар микромайдони *журналист* системаи истилоҳоти якнамуд (яктипа) ва маҳдудро бо иштироки вожаи

журналист (рӯзноманигор) ба вуҷуд овардааст, ки таркиби он мунтазам нав мешавад, ҳарчанд ки онҳо ба майдонҳои истилоҳии гуногун (матбуоти даврӣ, фотография, синамо, радио, телевизион, интернет) тааллуқ доранд. Ҳамчунин инро дар мисоли истилоҳи *рӯзноманигорӣ* дидан мумкин аст: *рӯзноманигории авторитарӣ, рӯзноманигории иқтисодӣ, рӯзноманигории интерактивӣ, рӯзноманигории интернетӣ, рӯзноманигории онлайнӣ, рӯзноманигории радио, рӯзноманигории таҳлилӣ, рӯзноманигории телевизион, рӯзноманигории телевизион ва радио, рӯзноманигории фаъоли иҷтимоӣ, рӯзноманигории шаҳрвандӣ*.

Дар бораи «майдони истилоҳӣ» ва «системаи истилоҳот» дар зербоби 2.5 мушаххастар сухан хоҳем ронд.

1.3. Таърихи пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

1.3.1. Пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ

Ҳар истилоҳ ба сифати мафҳум (идея) бунлоди моддӣ (материалӣ) дорад, ки бе он вуҷуд дошта наметавонад. Асоси моддии истилоҳоти рӯзноманигорӣ ин пайдоиши намудҳои гуногуни матбуоти даврӣ ва дигар соҳаҳои ба он марбут мебошад. Бинобар ин пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ ба *таърихи рӯзноманигорӣ* зич вобаста аст.

Таҳқиқи пайдоиш, инкишоф ва таҳаввули истилоҳотро аз истилоҳоти одии матбуот то истилоҳоти ВАО (расонаҳо), таъйид ва тавсифи истилоҳоти рӯзноманигорӣ ҳангоми таҳқиқи фактҳои таърихӣ дар асарҳои муҳаққиқони таърихи рӯзноманигорӣ омадааст. Дар илми рӯзноманигории англис ва рус оид ба таърихи ВАО-и англисизабон даҳҳо асарҳои таҳқиқотӣ навишта шудаанд. Муҳимтарини онҳо: А. Андреас [Andrews, 1847, 2000], М. Шудсон [Schudson, 1978, 1991], М. Емери [Emery, 1970, 1984, 1997], Г. В. Прутсков [2009, 2010, 2011, 2018], К. Н. Тендит [2012], В. О. Шелястина [2018], В. М. Виниченко [2018] ва диг. мебошанд.

Дар байни ин китобҳо ду асар махсус ба таърихи рӯзноманигории англис бахшида шудааст. Нахуст китоби дуҷилдаи А. Андреас «Таърихи рӯзноманигории Британия» (A. Andrews, 1859) зимни таҳқиқи таърихи рӯзноманигории англис аз ибтидои садаи XVIII то миёнаи садаи XIX ба пайдоиш ва таҳаввули истилоҳоти **newspaper** (рӯзнома), **press** (матбуот), **newspaper press** (матбуоти рӯзномавӣ) дахл кардааст. Бавижа, таҳлили васеи пайдоиши истилоҳи **газета** ҷолиби диққат аст [Andrews, 2000, p. 13].

Асари М. Конбой «Рӯзноманигорӣ: Таърихи интиқодӣ» (M. Conboy, 2004) бошад таърихи қариб тамоми ВАО-и англисизабонро дар бар мегирад. Мо дар он зикри пайдоиш ва инкишофи бисёр истилоҳоти рӯзноманигорӣ, аз ҷумла истилоҳоти **news pamphlet** (навид-памфлетҳо),

printed news (навидҳои чопӣ), **radio broadcasting** (радиошунавонӣ), **television broadcasting** (намоиши телевизион), **broadcast technology** (фановарии пахш) ва ғайраро вомехӯрем.

Бо оғози чопи китоб дар садаи XV дар Англия нахустин истилоҳоти марбут ба чоп, саҳифабандӣ ва интишори маҳсулоти чопӣ пайдо мегарданд. «Ихтирои чопи китоб ба рушди инсоният таъсири бузург расонд ва ба рӯйдоди муҳимтарини ҳазорсолаи дуюми мелодӣ табдил ёфт. Тараққӣ ёфтани нашри китоб бо интишори саводнокӣ ва маълумот дар кишварҳо ва сарзаминҳои Аврупо робитаи зич дошт. Ин дар навбати худ шавқу рағбати устуворро нисбат ба сухани чопӣ бедор кард ва дар ниҳоят аввал публитсистика ва баъдан матбуоти даврирро ба миён овард» [Тендит, 2012, с. 20].

Дар садаи XVI «**newletters**» (номаҳои навигарӣ) ва «**news**» (навид)-ҳои дар оғоз дастнавис ва сипас чопӣ маъмул мегарданд, ки ба кушода шудани бозорҳои мавсимӣ (ярмаркаҳо) бахшида мешуданд. 23 июни с. 1568 шумораи нахустини нашрияи «English Mercury» (Пайки англис) аз чоп баромад. Ин нашрия аз рӯзнома дида бештар ба китоб монанд буд. Ин рӯзнома номунтазам, гоҳ-гоҳ ба муносибате чоп мешуд [Прутцков, 2018, с. 87].

Дар оғози садаи XVII вожаи *news* (навидҳо) дар сарлавҳаи памфлетҳо ва маҷмуаҳо, ки зоҳиран ба китобҳо монанд буданд, пайдо мешавад. Инчунин силсилаи «Китоби навидҳо» бешубҳа пешгузаштаи рӯзномаҳои имрӯза буданд. Онҳо рақам ва таърихи нашр доштанд. Аввалин рӯзнома-навиднома «Mercurius Britannicus» (1625, 1643-1646) буд, ки баъдтар «Mercurius Pragmaticus» ва соли 1650 «Mercurius Politicus» ном гирифт [Andrews, 1859a, p. 37-43].

Аввалин шумораи рӯзномаи мунтазамнашр ба забони англисӣ «Weekly News» («Навидҳои ҳафтаина») ё худ «Corante, or Weekly Newes from Italy, Germany, Hungary, Poland, Bohemia, France and the Low Countreys» («Навидҳо, ё худ Навигариҳои ҳарҳафтаина аз Итолиё, Олмон,

Маҷористон, Лаҳистон, Богемиё, Фаронса ва дигар кишварҳо») 21 сентябри с. 1621 ба чоп расид [Прутцков, 2018, с. 87].

Дар садаи XVII нахустин истилоҳоти рӯзноманигорӣ ба мисли *newspaper* – рӯзнома (с. 1670) [Conboy, 2004, p. 45; Online dict., 2001, p. N-Ne], *press* – матбуот аз ибораи *liberty of the press* (1703) [Conboy, 2004, p. 58] ё ки *freedom of the press* – озодии матбуот (с. 1680) [Online dict., 2001, p. Pre-Pri] арзи ҳастӣ намуданд.

Рушди рӯзноманигории сиёсии англис ба солҳои 40-ум рост меояд, замоне ки дар кишвар инқилоб (с. 1640 – 1660) ва ҷанги шаҳрвандӣ (с. 1642 – 1646 ва 1648 – 1649) оғоз гардид. Дар ин солҳо *памфлет* ба жанри асосии рӯзноманигорӣ мубаддал гардид. Дар Англия то ин замон достонҳои кӯтоҳи ишқие (китобчаҳои бемуқова) маъмул буданд, ки «памфлет» ном доштанд. Дар охири садаи XVI «достони мухтасар оид ба масъалаҳои ҷорӣ»-ро памфлет меномиданд [Online dict., 2001, с. P-Pap].

«Акнун памфлет ҳамчун жанри публитсистика хусусиятҳои рӯзмаррагӣ, тамоюлнокӣ ва мубоҳисавӣ пайдо кард. Памфлетҳо ҳам бар зидди сохти сиёсӣ умуман ва ҷиҳатҳои ҷудогонаи он хусусан, ҳам бар зидди ҳизбҳо, иттиҳодҳо, ҳукуматҳои ба муаллиф муқобил равона карда мешуданд» [Тендит, 2012, с. 36]. Памфлетнависони барҷастаи ин давра Ҷон Милтон, Ҷон Лилберн ва Ҷерард Уинстенли буданд.

Садаи XVIII бо он фарқ мекунад, ки дар ин давра дар Англия рӯзномаҳои зиёди ҳаррӯза нашр мешуданд ва машҳуртаринашон «Daily Currant» (1702) ва «Times» (1785) буданд.

Аввалин маҷалла бо номи «The Gentleman's Magazine» (1731-1922) таъсис ёфт, ки аз номи он истилоҳи **magazine** – маҷалла ба вуҷуд омадааст. Он аввалин маҷаллаи даврӣ буд. Хабарнигорони ин маҷалла ҳуқуқ пайдо карданд, ки аз ҷаласаҳои парламент ҳисобот чоп кунанд. Аз с. 1771 сар карда рӯзноманигорон дар маҷлисҳои парламент ҳатман иштирок мекарданд ва ҷойи махсус доштанд. Ин буд, ки рӯзноманигорӣ унвони «табақаи чорум» ё ки «ҳокимияти чорум»-ро гирифт [Тендит, 2012, с. 43;

Online dict., 2001, c. Ma-Man]. Бояд гуфт, ки маҷаллаҳо дар нимаи дуюми ин сада дар ҳаёти адабӣ ва сиёсии кишвар нақши муҳим бозиданд. Дар садаи XVIII анъанаи памфлетнависӣ идома ёфт ва памфлетҳо асосан дар саҳифаҳои маҷаллаҳо ба табъ мерасиданд. Бузургтарин памфлетнависони ин сада нависандагони машҳури англис Даниел Дефо (1660-1731) ва Ҷонатан Свифт (1667-1745) буданд.

Истилоҳоти рӯзноманигории **correspondent** – мухбир (с. 1711)) аз **correspond** (1700), **article** – мақола (с. 1712), **editor** – ношир (с. 1712), **sketch** – лавҳа (с. 1715), **copyright** – ҳуқуқи муаллифӣ (с.1735), **column** – сутун (с. 1785), **editor** – муҳаррир (с. 1795), **polygraphy** – матбаа (с. 1788) маҳсули ҳамин садаанд. Дар ин сада (1731) истилоҳи **periodical** ба маънои «маҷаллае, ки мунтазам нашр мешавад» (**periodical magazine**) ба вуҷуд омад, ки имрӯз дар намуди **periodical press** – матбуоти даврӣ истифода мешавад [Barnhart,1995, pp. 140, 161, 163, 232, 556, 582, 723; Weekley, 1921, p. 877; Online dict., 2001, p. Art-As].

Дар садаи XIX Оҷонсии иттилоотии Reiter (с. 1851), рӯзномаи ҳаррӯзаи «Times» фаъолияташро давом медод, даҳҳо рӯзнома ва ҳафтаномаҳои нав («Morning Chronicle», «Morning Gerald», «Daily Telegraph», «Morning Advertiser» ва ғ.) пайдо шуданд. Матбуоти англисизабон дар ИМА низ инкишоф ёфт. Дар Англия истилоҳоти **reporter** – хабарнигор (с. 1813), **journalism** – рӯзноманигорӣ (с. 1833), **sensation** – ҳангома (с. 1865), дар ИМА истилоҳоти **editorial** – сармақола (с. 1830), **interview** – мусоҳиба (с. 1869), **yellow press** – матбуоти «зард» ё ки **yellow journalism** – рӯзноманигории «зард», «шовинизми ҳангоматалаб» – sensationally chauvinistic (с. 1898, аз тарғиботи рӯзномавӣ барои ҷанг бо Испания) маъмул гардиданд [Barnhart,1995, pp. 232, 395, 406, 702; Weekly, 1921, p. 1654; Online dict., 2001, p. Ref-Rep].

Дар охири садаи XIX ва оғози садаи XX матбуоти Англия ва ИМА ба дараҷаи камолоти худ расиданд. Дар ин давра ширкати BBC (1922), рӯзномаҳои кӯчагӣ – «Daily Mirror», «Sun», «Daily Mail» ва «Daily Express»

бо тиражи калон чоп мешуданд, рӯзномаҳои «Times», «Daily Telegraph» ва ғ. фаъолияташонро давом медоданд. Истилоҳоти нави рӯзноманигорӣ ба вуҷуд омаданд: **dictaphone** – диктофон (с. 1907), **broadcasting** – пахши барнома (с. 1921), **mass media** – воситаҳои ахбори омма (ВАО) (с. 1923), **media** – расона (с. 1927, бо роҳи муҷаррад гардонидани *mass media* сохта шудааст), **publicist** – публитсист (с. 1928) [Barnhart,1995, pp. 87, 461, 467, 615; Online dict., 2001, p. Deu-Dir].

1.3.2. Пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ

Доир ба таърихи рӯзноманигории тоҷик асарҳои зеринро номбар кардан мумкин аст: И. Усмонов, Д. Давронов [1997, 2008], А. Азимов [1998], С. Хоҷазод [2006, 2007], А. Набавӣ [2007, 2012], Қ. Расулиён [2008], Н. Салихов [2014].

Арзи ҳастӣ кардани низоми мукаммали истилоҳоти рӯзноманигории тоҷикӣ аз таъсиси нахустин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои Шариф» (1912) оғоз мегардад. Вале таҳлилҳои минбаъда нишон медиҳад, ки тоҷикон хеле пештар аз ин бо табъу нашр ва матбуоти даврӣ ошно буданд. Бо таъсиси матбааҳо нахуст дар Ҳиндустону Эрон (садаҳои XVIII-XIX), сипас дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд ва Когон дар забони тоҷикӣ истилоҳоти **матбаъ**, **матбаа** (типография), **табъ**, **чоп**, **чопи сангӣ** (литография) пайдо шуда буданд.

Дар нимаи дувуми садаи XIX «вуруди маҳсулоти саноатии нав, рафтуомади ҳайатҳои сиёсӣ ва тиҷоратии Русия ба аморат ва баръакс нуфузи тамаддуни ҷаҳони пешрафта пахши ғояҳои ислоҳталабӣ ва таҷаддудхоҳии кишварҳои ҳамсоя махсусан Туркия ва Эрон. ки то ин давра як силсила ислоҳотро дар заминаи корҳои идорӣ, низомӣ ва фарҳангӣ амалӣ карда буданд, кам-кам сукути мутлақи фазои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии аморатро дарҳам шикаст ва тоҷиконро каму беш бо пешрафтҳои шигифтовари моддиву маънавии ҷаҳони муосир ошно сохт.

Дар натиҷа афкори иҷтимоии мардуми тоҷик низ андешаҳои тозаи маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳии ибтидоиро падид овард» [Назарзода, 2004, с. 86].

Маҳз дар ҳамин давра намояндагони пешгоми мардуми тоҷик, махсусан маорифпарварон бо матбуоти даврӣ ва истилоҳоти он ошноӣ пайдо карданд ва дар навиштаҳои худ истилоҳоти навро ба кор бурдаанд.

Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) – маорифпарвар ва алломаи садаи нуздаҳ дар асари безаволаш «Наводир-ул-вақоеъ» вожаи сермаънои «**рӯзнома**»-ро нахустин бор бо маънои имрӯзааш, яъне **газета** ба кор бурдааст: «Ва мисли ин навбате фарангиён дар **рӯзнома** набиштанд, ки «ҷаҳон, ки мақарри аркону маволид аст, ҷаҳонофарин ба одаму зуррияи ӯ маҷҷонан бахшид, ки дар он маишат оваранд ва ба тасвия ба ҳамдигар бахш кунанд ва ҳама алассаво [аз он] мутаматтеъ бошанд» [Дониш, 1988, с. 131-132].

«Ва дар вақте ки аз Фетербурх ба Маскав меомадем ба тақозои мутарҷим дар арзи роҳ, ки наваду ду фарсанг буд, ба чаҳордаҳ соат қатъ кардем сурати базми тӯйи импиротур дар риштаи назм даромад ва онро ба лафзи русӣ тарҷума намуда, ба ҳамаи Фарангистон дар **рӯзномаҳо** бурданд» [Дониш, 1988, с. 184].

Ӯ дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» ин мафҳумро ҳам дар шакли **газит** ва ҳам дар шакли **рӯзнома** истифода кардааст:

«Лекин дар **газитҳо** ва **рӯзномаҳои** Исломбул навишта буданд, ки амири Бухоро ба дини тазар тадайюн карда, барои ғусли таъмидаш ба Қафқоз бурданд ва ин **газитро** дар Русия ҳар ҷо медиданд, пинҳон мекарданд ва ин сафар дар соли нуҳуми ҷулус буд» [Дониш, 2010, с. 131].

Маорифпарвар, сайёҳ, тоҷир ва табиби тоҷик, яке аз бунёдгузорони рӯзномаи «Бухорои Шариф» Мирзо Сироҷиддини Ҳаким (1877–1914) дар сафарномаи машҳури худ «Туҳафи аҳли Бухоро» истилоҳоти **рӯзнома**,

газета, газита, ғазита, матбаа, чоп шудан, мудири рӯзнома (муҳаррир)-ро корбурд намудааст:

«Тамоми мардуми ин шаҳр хурду бузург, зану мард **рӯзнома** мехонанд. Ҳаррӯза чандин қисм **газета** дар **матбааҳои** ин шаҳр **чоп шуда** мебарояд. Одами бекору бесавод абадан ёфт намешавад» [Мирзо Сироҷ, 1992, с. 57].

«Ҷашни бисёр хубе доштанд, ки саёҳати хуби босафое дошт. Баъзе машғули созу рақс, бархе саргарми бозӣ, яъне билёрд ва тахта ва нард ва қарта, иддае дар пайи ишқбозӣ, ҷамъе дар фикри мастӣ ва шурб, на ба таври ифрот, ҷамоате машғули **газита** ва китоб хондан — воқеан як ҳангомае ва тамошое буд. ки ақли инсон мот мешуд, ки дар як ҳутел ин ҳама гиру дор чаро?» [Мирзо Сироҷ, 1992, с. 69].

«Мирзо Ҷаҳонгир, **мудири рӯзномаи** «Сури Исрофил» ва Маликулмутакаллиминро ҳамон рӯзҳо куштанд» [Мирзо Сироҷ, 1992, с. 222].

С. Айнӣ дар соли 1918, замоне, ки аз баста шудани «Бухорои Шариф» 5 сол гузашта буду дар ин муддат дигар ягон рӯзнома ё маҷаллаи тоҷикӣ нашр намешуд, дар китобаш «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» зимни баёни тақдири ин нашрия, ки худ шоҳиди бурду бохти он буд, истилоҳотеро ба кор мебарад, ки, бешубҳа, маҳсули фаъолияти «Бухорои Шариф»-анд: **рӯзнома**, **рӯзномахон**, **нашр, ҷарида** (рӯзнома), **ҷарида** (тираж), **ҳарфчин** (ҳуруфчин), **муштарӣ** (обунадор, абонент), **хонандаи рӯзнома**, **масорифи нашр**, **идора** (редаксия), **умури таҳририя** (муҳаррирӣ), **муҳаррир, тавқифи ҷарида** (боздошти тираж), **рақам** (номер):

«Чун **рӯзномаҳо** аз аҳволи сиёсӣ ва идории ҳукумати Бухоро ва аз аҳволи илмиву адабии мадрасаҳои Бухоро баҳс мекарданд, дар байни **рӯзномахонон** масъалаҳои илмӣ бо масъалаҳо) сиёсӣ махлутан музокира меёфт» [Айнӣ, 2005, с. 100].

«Тараққихоҳон ва маорифпарварони Бухоро дер боз орзуи **нашри** як **ҷарида** дар Бухоро доштанд, лекин нафараи ба аҳволи ҳукумати Бухоро вусул ба ин орзу мутаассир буд» [Айнӣ, 2005, с. 124].

«Ҳарфчинҳоро ҳам аз Боку оварданд» [Айнӣ, 2005, с. 124].

«Муташаббисон аз Насруллоҳбийи қушбегӣ ба мазмуни «Ҳар кас ба **рӯзнома муштарӣ** шавад, аз тарафи мо манъе нест», як мактуб гирифта, ба атрофи вилоёти Бухоро вукало фиристода, **муштарӣ** ҷамъ карданд» [Айнӣ, 2005, с. 125].

Истилоҳоти рӯзноманигории тоҷик бо оғози нашри муттасили рӯзномаву маҷалла аз соли 1919 (аз оғози чопи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб») то ба имрӯз таҳаввулот ва дигаргуниҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст. С. Назарзода таърихи ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии тоҷикии замони шӯравиро, ки истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз ҷумлаи онҳост, таҳқиқ карда, онро ба чор марҳила бахш мекунад:

«Марҳилаи якум – аз таърихи чопи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (1919) то гузаштан ба алифбои лотинӣ (1932). Давраи саргардонӣ ва ҷустуҷӯйи роҳ.

Марҳилаи дувум – солҳои 1933-1960. Давраи меъёрсозӣ ва гузариш.

Марҳилаи сеюм – аз ибтидои солҳои 1960 то қабули Қонуни забон (1989). Давраи нармиш ва бознигарии эҳтиёткорона.

Марҳилаи чорум – аз соли 1989 то имрӯз Давраи бозгашт ба сӯйи анъаноти гузашта корбурди таҷрибаи ҳамзабонон» [Назарзода, 2004, с. 118-119].

Агар, умуман, таърихи рӯзноманигории тоҷикро ба назар гирем, онро ба панҷ марҳила тақсим кардан мумкин аст, ки марҳилаи якум замони фаъолияти рӯзномаи «Бухорои Шариф» (1912–1913) аст.

Марҳилаи якум. Солҳои 1912–1913.Чопи рӯзномаи «Бухорои Шариф». Нахустин рӯзноманигорони тоҷик дар заминаи забони форсии тоҷикӣ ва вожаҳои иқтибосии арабӣ аввалин истилоҳотро ба вуҷуд

оварданд, ки аксари онҳо имрӯз ҳам истифода мешавад: **рӯзнома, ҷарида, муҳаррир, ҳарфчин, муштарӣ, идора, умури таҳририя** ва ғ.

Марҳилаи дувум. Аз чопи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (1919) то гузаштан ба алифбои лотинӣ (1932). Истилоҳоти ин давра низ дар замина вожаҳои тоҷикӣ ва иқтибосии арабӣ сурат мегирифтанд ва амалан ин давра идомаи бевоситаи марҳилаи якум буд. Танҳо фарқ дар он буд, ки акнун матбуот майлони сиёсӣ-болшевикӣ гирифта буд. Аммо рӯзноманигорон мекӯшиданд, ки ҳама гуна истилоҳоти русӣ-байналмилалиро бо муодилҳои тоҷикиашон иваз кунанд: газета – **рӯзнома**, журнал – **маҷалла**, пролетариат – **ранҷбар**; революция – **инқилоб**; республика – **ҷумҳурӣ**; коммунист – **иштирокӣ**; социалист – **иҷтимоӣ**: феодал – **заминдор**, капитал – **сармоя**; капиталист – **сармоядор**; шовинист – **миллатпараст**, **миллатчӣ**; партия – **фирқа**; беспартийный – **бефирқачӣ**; авангард – **пешдор**; народники – **оммиюн**; большевики – **аксариюн**; меньшевики – **ақаллиюн** [Назарзода, 2004, с. 123-124].

Бархе дигар аз ин гуна истилоҳот бо мувофиқсозии овоӣ (фонетикӣ) ба забону хатти арабиасоси тоҷикӣ истифода мешуданд: конференция – **конфоронс**, конгресс – **кунгура**, кабинет – **кобина**, план – **плон**, комиссия – **комиссион.**

Аммо муҳим он аст, маҳз дар ҳамин давра бисёр вожаҳои нав сохта шуданд, ки асоси истилоҳии забони тоҷикиро ба вуҷуд овард: **раис, риёсат, ходим, мудир, сардор, роҳбар, мухбир, сармуҳаррир, матбуот, нашриёт, ташвиқот, намоиш, таблиғот, лоиҳа** ва ғ [Назарзода, 2004, с. 130-132].

Марҳилаи сеюм (солҳои 1933-1960). Дар ин давра ба тарафдорони анъанаҳои суннатии истилоҳгузинӣ зарбаҳои марговар зада шуданд ва «ақидаи «интернатсионалистҳо» ва тарафдорони ориятгирӣ аз забони русӣ ва ба воситаи он дар истилоҳгузинии забони тоҷикӣ меъёри асосӣ қарор дода шуд. Гузаштан ба алифбои кириллӣ (1940) мавқеи чунин назариясозонро таҳвияти бештар бахшид… Ҳатто худи вожаи «истилоҳ» ҳам дар ин «задухӯрд» қурбон шуда, ба сурати «термин» даромад»

[Назарзода, 2004, с. 141]. Акнун истилоҳоти маъмулшудаи рӯзнома ба **газета**, маҷалла ба **журнал** табдил ёфтанд.

Марҳилаи чорум (аз ибтидои солҳои 1960 то қабули Қонуни забон (1989)). Пас аз анҷумани ҳизбии соли 1956 дар ҳаёти ҷамъиятӣ озодии нисбӣ ва нармиш ба вуҷуд омад. Аз ин сабаб дар ин давра аз тарафи баъзе муаллифон кӯшишҳои истифода бурдани истилоҳоти тоҷикӣ ба назар мерасад. Вале сиёсати дастгоҳи ҳоким ҳанӯз ҳамчун ҳомии мавқеи «интернатсионалистҳо» ва тарафдорони иқтибос аз забони русӣ пойдор аст.

Маҳз ҳамин марҳала (охири солҳои 70-ум)-ро метавон давраи рушди илми рӯзноманигории тоҷик номид, ки ба таҳқиқоти донишмандон А. Саъдуллоев [1989], А. Нуралиев [1988, 1989], И. Усмонов [1975, 1980, 1981, 1986, 1989], П. (У.) Гулмуродзода [1987, 1989] асос ёфтааст. Гарчанде ки ин илм дар аввал ба дастовардҳои олимони русу шуравӣ пайравӣ мекард ва дар интихоби истилоҳот (махсусан дар методология ва жанрҳо) усулҳои тарҷума, калка ва иқтибосро истифода мебурд, дар нимаи дуюми солҳои 80-ум зери таъсири бозсозӣ кӯшишҳои бозбинии истилоҳоти мавҷуда зуҳур мекарданд. Мисоли равшани ин таҳқиқоти дастаҷамъии А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродзода «Журналистикаи советии тоҷик» (1989) мебошад.

Муаллифон то чӣ андоза аз якрангӣ дар истилоҳот даст кашидани худро чунин изҳор медоранд: «Дар қисми дуюм жанрҳои матбуот, яъне масъалаҳои маҳорати касбӣ таҳқиқ мешаванд. Албатта, системаи ягонаи жанрҳои журналистикаи ватанӣ асоси онро ташкил медиҳад. Дар мустанад сохтани андешаҳо перомуни жанрҳо ба он манбаъҳое муроҷиат мешавад, ки дар ҷумҳуриятҳои дигари иттифоқӣ нашр шудаанд. Аммо азбаски китоб *оид ба жанрҳои журналистикаи тоҷик аст, он мушаххасоти худро ҳам дорад* [таъкиди ман, – М. Р.]. Ин хусусиятҳо танҳо дар он нест, ки мисолҳо барои исботи фикр аз матбуоти тоҷиканд. Балки муаллифон мушоҳидаҳо ва таҳқиқоти худро ҳам, ки перомуни инкишофи жанрҳо дар матбуот

доранд, васеъ истифода мебаранд ва дар натиҷа дар жанрҳо то андозае дигаргунӣ ба назар мерасад» [Нуралиев, 1989, с. 10].

Бархе аз истилоҳотеро, ки муаллифон мавриди таҳқиқ қарор додаанд, бо тавсифи мухтасар номбар мекунем:

1) *информатсия* (information), *хабар* (заметка, note). Муаллифон қайд мекунанд, ки «таҷрибаи матбуоти тоҷик нишон медиҳанд, ки дар асл онҳо як жанр – хабар буда, воқеиятро ба як шева инъикос медиҳанд». Бинобар ин ба ҷойи ҳар ду истилоҳ як истилоҳи *хабар* истифода мешавад [Ҳамон ҷо]. Хабар се хел мешавад: *хабари кӯтоҳ*, *хабари васеъ* ва *хроника* [Нуралиев, 1989, с. 55].

2) *луқма* (replica): «жанри луқма дар асарҳои чопи Маскав ва соири республикаҳои иттифоқӣ нест. Аммо хусусиятҳои хоси онро ба инобат гирифта, муаллифон луқмаро алоҳида таҳқиқ кардаанд» [Нуралиев, 1989, с. 10].

3) *ҳисобот* (report): *ҳисоботи расмӣ, ҳисоботи умумӣ, ҳисоботи мавзуӣ*. *Ҳисоботи умумӣ* «дар китобҳои дарсӣ доир ба журналистика … ҳисоботи таҳлилӣ номида шудааст, ки чандон мувофиқ нест. Зеро таҳлили ҳаматарафаи факт вазифаи жанрҳои таҳлилии публитсистика (*мухбирнома*, *мақола*) мебошад ва дар ҳисобот аломатҳои таҳлил ҳасту халос» [Нуралиев, 1989, с. 58].

4) *нигориш* (revue). «Жанри *нигориш* ба маънии умумии калима, дар фарҳанги мардуми тоҷик чизи нав нест. Даҳҳо тазкираро баёзи тоинқилобӣ на танҳо роҷеъ ба ҳаёти маданию адабӣ маълумот медиҳанд, балки гузаштаи халқи ҷафодидаи тоҷикро дар таърих возеҳ месозанд» [Нуралиев, 1989, с. 98].

Муҳокимаронии муаллифони «Журналистикаи советии тоҷик» нишон медиҳад, ки истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ ҷойгоҳи устувор пайдо кардаанд. Бисёр истилоҳот иқтибосӣ бошанд ҳам онҳо бо мафҳумҳои дигар пеш дар забони тоҷикӣ мавҷуд буданд. Акнун имконияти

дар оянда боз ҳам беҳтар ва самаранок кардани низоми истилоҳии рӯзноманигорӣ фароҳам омадааст.

Марҳилаи панҷум (аз соли 1989 то имрӯз). Агар дар ибтидо (солҳои 80-ум) баъзе таклидҳои кӯркӯрона ба забони матбуоти бурунмарзии форсӣ рух дода бошад ҳам, пас аз истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли бозгашт ба анъанаҳои истилоҳсозии ибтидои садаи бист ва истифодаи натиҷаҳои беҳтарину қобили қабули ҳамзабонони бурунмарзӣ ба таври муназзам ва ҷиддӣ равнақ ёфт.

Дар ин марҳала аз соли 1989 то имрӯз донишмандони риштаи рӯзноманигорӣ таҳқиқоти зиёдеро ба анҷом расониданд, ки қариб тамоми ҷанбаҳои ин соҳаро муайян мекунанд. Муҳаққиқон А. Саъдуллоев [1994, 1995а, 1995б, 1999а, 1999б, 2005, 2007, 2008, 2009, 2010, 2012а, 2012б, 2013], А. Нуралиев [2001, 2004, 2005а, 2005б, 2006, 2012, 2014, 2018], И. Усмонов [1990, 1992, 1996, 1997, 1999, 2001, 2003, 2005а, 2005б, 2008а, 2008б, 2008в, 2008г, 2009, 2011а, 2011б], П. Гулмуродзода [1994, 1995а, 1995б, 1997а, 1997б, 1997в, 2002, 2007а, 2007б], Д. Давронов [1997, 2007, 2008, 2012], М. Муродов [1999, 2003, 2005, 2007, 2010, 2011, 2013, 2014а, 2014б, 2014в, 2015, 2016, 2017а, 2017б], А. Азимов [1998, 2000, 2004, 2005, 2008, 2013а, 2013б, 2018, 2019], Ҷ. Муқим [2000а, 2000б, 2005, 2006а, 2006б, 2008, 2013, 2021], С. Гулов [2005, 2009, 2012, 2013, 2016], С. Хоҷазод [2006, 2006, 2007, 2009, 2014], Н. Солеҳов [2007, 2014, 2015], З. Муъминҷонов [2010, 2011, 2012, 2013, 2015, 2016] ва дигарон дар асарҳои худ доир ба назарияи рӯзноманигорӣ, публитсистика, таърихи рӯзноманигорӣ, жанрҳои рӯзноманигорӣ, техника ва фановарӣ дар рӯзноманигорӣ, воситаҳои электронии ахбор, ВАО-и маҳаллӣ, ватанӣ ва хориҷӣ, луғату донишномаҳо, телевизион ва радио, ҳуқуқ, таҳсилот, таҳқиқот ва ахлоқи рӯзноманигорӣ ва ғайраро таҳқиқот анҷом додаанд.

Хулоса, рӯзноманигории тоҷик имрӯз соҳаи ташаккулёфта ва баркамол мебошад, ки дар пояҳои худ устувор аст ва низоми истилоҳотии он низ пурра шакл гирифтааст.

Хулосаи боби 1

Таҳқиқот нишон дод, ки самти асосии амалӣ кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар омӯзиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мураттаб кардани луғату донишномаҳои истилоҳот ин соҳа будааст. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки асоси назариявии омӯзиши истилоҳотро ҳамин луғату донишномаҳо ташкил медиҳанд. Вале бо вуҷуди солҳои охир ба дараҷаи кофӣ чоп шудани китобҳои марбути фарҳангнигории истилоҳоти рӯзноманигорӣ масъалаи омӯзиши муқоисавии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то ҳол мавриди таҳқиқоти мустақил нагардидааст.

Истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забони тоҷикӣ таърихи ҳазорсола дорад. Гуфтан мумкин аст, ки истилоҳоти рӯзноманигорӣ низ мисли истилоҳоти соҳаҳои дигар вожаҳо ё ибораҳоеанд, ки дар ҳудуди амалкарди рӯзноманигорӣ ва ё зерсоҳаҳои он мафҳумҳои махсуси мушаххасро ифода мекунанд ва ҳамзамон бо дигар воситаҳои забонӣ низоми пурраи истилоҳотро ташкил медиҳанд.

Истилоҳот (терминология, терминологическая термлексика – terminology)-и рӯзноманигорӣ – маҷмуи истилоҳоти дар сатҳи мафҳумӣ, вожагӣ-маъноӣ, вожасозӣ ва дастурӣ (грамматикӣ) ба ҳам алоқаманд аст, ки бо назарияи рӯзноманигорӣ ва соҳаи фаъолияти касбии рӯзноманигорӣ муносибати бевосита дорад.

Майдони истилоҳӣ (терминологическое поле)-и рӯзноманигорӣ – ин соҳаи маҳдуд, ҳудуди махсуси мавҷудияти истилоҳ аст, ки дар дохили он истилоҳ ба тамоми нишонаҳои тавсифшавандааш доро аст. Берун аз майдон истилоҳ ба вожаи муқаррарӣ табдил меёбад. Яъне ҳар соҳаи рӯзноманигорӣ майдони истилоҳии худро дорад ва истилоҳоти рӯзноманигориро ба майдонҳои истилоҳии «Матбуот», «Радио», «Телевизион», «Интернет» ва ғ. ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо низ дар навбати худ ба микромайдонҳо тақсим мешаванд. Масалан, майдони

«Матбуот» метавонад микромайдонҳои «Рӯзнома», «Маҷалла», «Нашриёт» ва ғ. дошта бошад. Мансубият ба майдони муайян нишонаи аз ҳама асосии истилоҳ аст, ки истилоҳ-вожаро аз вожаи муқаррарӣ фарқ мекунонад.

Системаи истилоҳот (терминологическая система)-и рӯзноманигорӣ амалан ядрои семантикии майдони муайян буда, дар навбати аввал аз ҷиҳати забоншиносӣ мураттабии вожаҳои махсус аст, ки ба ин майдони хидмат мекунанд. Масалан, дар микромайдони «Матбуот» системаи истилоҳоте мавҷуд аст, ки таркибаш чунин аст: periodical press – матбуоти даврӣ, *braille press* – матбуоти брайлӣ, *business press* – матбуоти тиҷоратӣ, *freedom of press* – озодии матбуот, *independent press* – матбуоти мустақил ва ғ. Ҳар яке аз ин истилоҳоти ҷудогона дар дохили система метавонанд боз зерсистемаҳои маҳдуд ба вуҷуд оранд.

Истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ ҳанӯз дар садаи XV бо истифодаи дастгоҳҳои чоп ва нашри китобҳои чопӣ рӯ ба ташаккул ниҳоданд ва дар садаҳои XVI–XVII такомул ёфта дар забон устувор гардиданд. Аммо истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ танҳо 500 сол пас ба ташаккул оғоз намуданд.

Нашри нахустин рӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» (1912) дар забони тоҷикӣ низоми мураттаби истилоҳоти рӯзноманигориро ба вуҷуд овард. Минбаъд ин раванд дар солҳои 20-уми садаи гузашта ривоҷ ёфт. Вале дар солҳои 30-70-уми садаи гузашта бештар ба русикунонии истилоҳот диққат дода шуд ва аз солҳои 80-ум аз нав ба истифодаи истилоҳоти миллӣ рӯ оварда шуд. Дар давраи истиқлол истилоҳоти миллии тоҷикии рӯзноманигорӣ комилан шакл гирифта, мавриди омӯзиш қарор гирифт.

БОБИ II

ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ВИЖАГИҲОИ СОХТОРӢ-МАЪНОИИ ИСТИЛОҲОТИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

2.1. Роҳҳои асосии вожасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба як оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мутааллиқ мебошанд, вале дар навбати худ ба шохаҳои ҷудогона тақсим мешаванд. Агар забони тоҷикӣ ба шохаи эронии забонҳо дохил шавад, забони англисӣ ба шохаи германӣ тааллуқ дорад. Бинобар ин сохтори дастурии (грамматикии) истилоҳот дар ин забонҳо вижагиҳои худро дорад.

Ҳар як забон, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳам даврaҳову марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввулоти таърихии худро доранд. Зеро сохтори луғату истилоҳоти ин забонҳо низ бо таърихи ташаккули мардумаш ва омилҳои ҷамъиятиву иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ, инчунин техникӣ ва технологии онҳо робитаи мустаҳкам дорад.

Бинобар ин, истилоҳоту вожагони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ дорои сохторҳои махсуси худ мебошанд. Сохтори истилоҳот аз сохтори вожагон ва қоидаҳои вожасозии забон, бавижа исм ва дигар ҳиссаҳои номии нутқ бармеояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истилоҳоти ҳар ду забон аз ҷиҳати шакли грамматикӣ ду намуди асосӣ доранд:

1. Истилоҳ-вожаҳо. Масалан: *asterisk* – ситорача (аломат барои эзоҳ), *barbarism* – барбарият (вожааву ибораҳои даҒал), *headband* – шероза, *playbill* – эълоннома. Ин намуди истилоҳотро истилоҳоти яктаркиба низ меноманд [Шмелев, 1969, с. 25].

2. Истилоҳ-ибораҳо. Масалан: *informatization of society* – иттилоотонии ҷомеа, *print run* – адади нашр, *electronic mass media* – ВАО-и

электронӣ. Ин гуна истилоҳотро истилоҳоти сертаркиба [Шмелев, 1969, ҳамон ҷо] ё худ *ибора-истилоҳ* [Султон, 2008б, с. 123] номидаанд.

2.1.1. Истилоҳ-вожаҳо

Истилоҳ, пеш аз ҳама, вожа аст ва сохтори он ҳамчун вожа ба меъёрҳои вожасозии забон мувофиқат мекунад. Модом ки ҳар як ҳиссаи мустақили нутқ ба истилоҳ табдил ёфта метавонад, ҳамаи он муҳокимаронихое, ки дар поён оид ба вожасозӣ анҷом хоҳем дод, ба истилоҳот низ вобаста аст.

Вижагиҳои сохтории вожагони забонро соҳаи нисбатан ҷавони илми забоншиносӣ – *вожасозӣ* (word-formation – «словообразование») меомӯзад. Вожасозӣ аз қисматҳои нисбатан мустақили *вандафзоӣ* ва *вожабандӣ* (affixation – «аффиксальное словопроизводство» ва compounding – «словосложение») иборат буда, дар миёнаҳои садаи XX шакл гирифтааст. Вандафзоӣ (аффиксатсия) – ин бо воситаи *вандҳо* (пешванд, пасванд, миёнванд) сохта шудани вожа аст. Вожабандӣ (словосложение) аз ду ё зиёда вожа сохтани вожаи навро мефаҳмонад. Азбаски пайдоиши вожаҳои нав дар ҳар забон бештар дар пояи қолабҳои бунёдии вожасозӣ корбаст мегардад, сохтори истилоҳот низ ҳамчун як намуди вожагони забон аз ин қонуну қоидаҳо истисно нест.

Пайдоиш ва инкишофи назарияи имрӯзаи вожасозӣ дар забони англисӣ ба номи олимони аврупоӣ ва рус О. Есперсен (Jespersen,1935), Ҳ. Косиол (Koziol, 1937), Ҳ. Марчанд (Marchand, 1955, 1960, 1969), С. Ч. Монсон (Monson,1958), Й. Малкил (Malkiel, 1966), В. Адамс (Adams, 1973), Г. Стейн (Stein, 1973), И. Плаг (Plag, 2002), А. Карстейрз-Маккарти (Carstairs-McCarthy, 2002), М. Д. Степанова (1953, 1966,1968, 1979), И. В. Арнолд (1966, 1986), Г. О. Винокур (1959), Е. С. Кубрякова (1965, 1972, 1980), П. М. Карашук (1965, 1968, 1971, 1973, 1975, 1977), О. Д. Мешков

(1969, 1971, 1972, 1976, 1985), С. С. Хидекел (1969), Е. В. Никошкова (1969), В. И. Шадрин (1977), И. Г. Милославский (1980) ва дигарон вобаста аст.

Аввалин китобе, ки махсус ба вожасозии англис бахшида шудааст дар як асар ҳамаи роҳҳо ва воситаҳои онро дар бар гирифтааст, таҳқиқоти Ҳ. Косиол «Дастурномаи вожасозии забони англисӣ» мебошад, ки соли 1972 дубора нашр шуд.

Тақрибан ним аср пас аз чопи аввали китоби Косиол таҳқиқоте ба анҷом расид, ки барои ривоҷи назарияи вожасозӣ ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забоншиносии умумӣ аҳаммияти ҷиддӣ дошт. Ин китоби Ҳ. Марчанд «Категория ва типҳои вожасозии забони ҳозираи англисӣ» (H. Marchand, 1960) буд, ки соли 1969 бори дигар бо тағйироти куллӣ чоп гардид.

Нахустин асари таҳқиқотӣ оид ба вожасозии забони англисӣ, ки дар ватани забони англисӣ нашр шудааст, китоби В. Адамс (V. Adams, 1973) мебошад. Асар аз 14 боб иборат буда, муаллиф дар бораи вожа ва таркибҳо, сохтори онҳо, хелҳои ибора, таркибҳои неоклассикӣ, бленд, клиппинг, акроним ва ғ. дар забони англисӣ баҳс мекунад.

Асарҳои олимони англисшиносони рус О. Д. Мешков (1976) ва П. М. Карашук (1977) таҳқиқоти то солҳои ҳафтодуми садаи гузашта дар забоншиносӣ мавҷударо оид ба назария ва амалияи вожасозӣ ҷамъбаст кардаанд.

Ниҳоят яке аз таҳқиқотҳои арзишманди солҳои охир, ё худ аниқтараш дастури таълимии мукаммали И. Плаг «Вожасозӣ дар забони англисӣ» (I. Plag, 2002)-ро зикр намудан мумкин аст. Китоби И. Плаг дар амал идома ва тафсири назарияи фарқияти ин асар аз рисолаи Адамс дар он аст, ки дар он ба мисли намунасозӣ дар вожасозӣ, назарияи фонологияи лексикӣ (lexical phonology), сарфи вожаасос (word-based morphology), сарфи морфемаасос (morpheme-based morphology) барин масъалаҳо бобҳои алоҳида ҷудо карда шудааст.

Роҳҳои асосии вожасозӣ дар забони англисӣ. И. В. Арнолд сохти вожаҳои забони англисиро ба се гурӯҳ тақсим кардааст: «Таснифи морфемии вожа ба ин тариқ аст: як морфемаи решагӣ – вожаи решагӣ (*girl*), як морфемаи решагӣ плюс як ё бештар ванд – вожаи сохта (*girlish, girlishness*) ду ё бештар асос – вожаи мураккаб (*girl-friend*) ду ё бештар асос ва ванди умумӣ мураккаби сохта (*old-maidish*)» [Арнольд, 1959:1986, p. 81].

В. Адамс вожаҳоро аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ: сода (*simple*) ва комплексӣ (*complex*) ҷудо мекунад: «Вожа дар забони англисӣ метавонад сода, фақат аз як ҷузъ таркиб ёфта бошад, монанди *bat*, *hammer* ё *sycamore*; ё ки метавонад комплексӣ бештар аз як ҷузъ бошад, ҳамчун *blackbird*, *fourth.* Унсурҳои вожаи мураккаб метавонанд шаклҳои озод бошанд; унсурҳое, ки дар контекст (қарина)-ҳои дигар низ мустақиланд, ба монанди *blackbird, devil-may-care*; ё ки метавонанд шаклҳои вобаста бошанд: пешванд ва пасвандҳое, ки ҳеҷ гоҳ мустақил вуҷуд надоранд, мисли ҷузъҳои аввал ва охир дар *uneatable* ё ки *-th* дар *fourth*»] [Adams, 1973:1984, p. 7].

Вожаи *compound* дар луғат «вожаи пайваст» [Мамадназаров, 2015, с. 178] ва «вожаи таркибӣ» (составное слово) [Мюллер, 2007, с. 120] омадааст. Дар забоншиносии англис *compound* аз: 1) вожаи мураккаб ва 2) ду вожаи бо нимтире ё фосила ҷудошуда иборат аст.

Маҳз намуди дуюми *compound* онро ба ибора ва таркибҳои наҳвӣ монанд мекунад. О. Д. Мешков барои аз ибора фарқ кардани он ягона роҳро нишон медиҳад: «Ҳангоме ки навишти ҷудогона нишонаи ибора нест (бар хилофи вожаи мураккаб), навишти якҷоя нишонаи вожаи мураккаб аст (бар хилофи ибора)» [Мешков, 1985, с. 68].

Забоншиноси англис А. Карстейрз-Маккарти истилоҳи «вожаҳои иборавӣ» (phrasal words)-ро ба кор бурдааст: «Аммо инчунин ҷузъҳои таркибие ҳастанд, ки вазифаи вожаро ба ҷо меоранд ва сохтори дохилиашон на ба вожаи мураккаб, балки ба ҳамон ҷумла ё ибора монанд аст. Барои ин гуна ҷузъҳо истилоҳи стандартӣ мавҷуд нест, аз ин рӯ ман

истилоҳи **вожаҳои иборавӣ**-ро дохил мекунам»] [Carstairs-McCarthy, 2002, p. 67].

Фикри муаллифонро ҷамъбаст карда, ифодаи онро дар мисоли истилоҳоти рӯзноманигорие, ки аз феъли **to print** – «чоп кардан» сохта шудаанд, баръало мебинем: як морфема – *print* (чоп), **истилоҳи сода** (*simple*); як морфема + ванд – *printing* (матбуот), *printer* (дастгоҳи чоп), *imprint* (маълумотномаи барориш), *reprint* (оттиск), **истилоҳоти сохта** аз вожаҳои сохта (*derived words*). Адамс инҳоро ба вожаҳои **комплексӣ** (*complex*) дохил мекунад;

ду асос – *lithoprint* (чопи сангӣ), *print run* (адади нашр), *print-shop* (матбаа), **истилоҳоти мураккаб** аз вожаҳои мураккаб (*compound*). Адамс инҳоро низ ба вожаҳои комплексӣ (*complex*) дохил мекунад;

ду асос + ванд – *printing-hause* (матбаа), *printer's imprint* (маълумотномаи барориш), **истилоҳоти мураккаби сохта** аз вожаҳои мураккаб (*compound*) бо иштироки пешванд ва пасвандҳо. Адамс инҳоро низ ба вожаҳои комплексӣ (*complex*) дохил мекунад;

ибораҳо ва таркибҳо – *printing day* (рӯзи матбуот), *printing office* (матбаа), *relief printing* (чопи барҷаста), *printed materials* (маводи чопӣ), **ибора-истилоҳот** аз ибораҳо ва вожаҳои иборавӣ (*phrasal words*).

И. Плаг (I. Plag) *compounding* (вожабандӣ) ва *derivation* (ҳосила)-ро роҳҳои асосии вожасозии забони англисӣ мешуморад. Мувофиқи назарияи ӯ ҳосила (derivation) роҳҳои зерини вожасозиро дар бар мегирад:

1. Вандафзоӣ (affixation): а) пешвандафзоӣ (prefixation); б) пасвандафзоӣ (suffixation); в) миёнвандафзоӣ (infixation).

2. Ғайри вандафзоӣ (non-affixation): а) вогардонӣ (conversion); б) ихтисора (truncation); в) блендинг (blending) [Plag, 2002, p. 22].

Забоншиносони рус О. Д. Мешков (1976), П. М. Карашук (1977) дар забони имрӯзаи англисӣ намудҳои зерини вожасозиро муайян кардаанд: а) аффиксатсия (вандафзоӣ); б) конверсия (вогардонӣ); в) вожабандӣ (словосложение); г) тағйири ҷойи зада.

Бар замми ин П. М. Карашук аз рӯйи вижагии сохторӣ-маъноӣ вожаҳои сохташавандаро ба 2 модел (намуна) ҷудо мекунад: намунаи хаттӣ ва ғайрихаттӣ. Намунаҳои хаттӣ формулаи сохтории X+Y-ро истифода мебаранд, ки мавҷудияти нишонаҳои сарфиро мефаҳмонад. Ба намунаҳои хаттӣ намудҳои зерини вожасозӣ дохил мешаванд: 1) аффиксатсия (вандафзоӣ); 2) вожабандӣ; 3) омехта (вандафзоӣ бо вожабандӣ), 4) ихтисораҳо [Карашук, 1977, с. 13–14].

П. М. Карашук таъкид мекунад, ки дар намунаҳои ғайрихаттӣ нишонаҳои сарфӣ мавҷуд нестанд. Ин намунаҳо ба гузаштан аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ, табдили баъзе овозҳо ва, ниҳоят, флексия асос ёфтаанд ва дар онҳо формулаи X==>Y истифода мешавад. Ҳамчун намунаҳои ғайрихаттӣ П. М. Карашук намудҳои зерини вожасозиро нишон медиҳад: 1) вогардонӣ (конверсия); 2) исмшавӣ, сифатшавии ҳиссаҳои нутқ; 3) табдили овоз дар асос ё реша; 4) вожасозии баръакс – партофтани нишонаҳои вожасозӣ [Карашук, 1977, с. 14].

Дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои вожасозӣ дар асарҳои В. С. Расторгуева (1954), Ш. Ниёзӣ (1956), Ш. Рустамов (1972, 1981), М. Ҳ. Султон (2008) ҳаллу фасл шудааст.

Оғози таҳқиқи вожасозӣ дар забони тоҷикӣ бо номи забоншиноси рус В. С. Расторгуева пайванди ногусастанӣ дорад. Ӯ ду роҳи асосии вожасозии исм ва сифатро муайян карда буд:

«1) вожабандӣ, яъне пайвастани ду ё якчанд асосҳо; масалан: *қадбаланд* – аз *қад* ва *баланд*…;

2) вожасозӣ, яъне барпо кардани вожаҳои нав бо ёрии унсурҳои номустақили вожасоз (пешвандҳо ва пасвандҳо); масалан: *хизматчӣ* аз *хизмат* ва *-чӣ* – пасванди шахси амалкунанда…» [Расторгуева, 1954, с. 539].

Забоншиноси тоҷик Ш. Ниёзӣ се типи асосии вожасозии исмро муайян карда буд: «1. Бо аффиксҳо (аффиксатсия). 2. Исмҳои мураккаб. 3. Исмшавии ҳиссаҳои дигари нутқ, ки дар он ҳиссаҳои дигари нутқ (сифат,

сифати феълӣ, зарф ва монанди инҳо), дар мавқеи маълуми синтаксисӣ ба маъно ва вазифаи исм омада метавонанд» [ГЗТ, 1956, с. 41–42].

Ш. Ниёзӣ низ исмҳои мураккабро «аз рӯйи характери алоқаи байни ҷузъҳои худ» ба ду намуд ҷудо мекунад: 1) «исмҳои мураккаби типи пайваст» ва 2) «исмҳои мураккаби типи тобеъ» [Ҳамон ҷо, с. 51-53, 53-57]. Дар навбати худ исмҳои мураккаби намуди якум бо алоқаи пайваст ва исмҳои мураккаби намуди дуввум бо алоқаи тобеъ ташаккул меёбанд.

Яъне ҳам В. С. Расторгуева ва ҳам Ш. Н. Ниёзӣ вожаҳоро аз рӯйи сохт ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мекунанд (будани вожаҳои сода худ ба худ маълум аст): 1. Сода.; 2. Сохта, бо роҳи вандафзоӣ (аффиксатсия); 3. Мураккаб: а) пайваст; б) тобеъ.

Забоншиноси дигари тоҷик Ш. Рустамов ҳангоми муайян намудани таркиби сарфии исм исмҳои сода, сохта ва мураккабро номбар мекунад. «Исмҳо мувофиқи таркиби морфологиашон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: **содда**, **сохта** ва **мураккаб**». Ӯ дар навбати худ исмҳои мураккабро ба се гурӯҳ: а) пайваст; б) тобеъ; в) омехта ҷудо мекунад [Рустамов, 1972, с. 14, 57–70].

Бояд қайд намуд, ки Ш. Рустамов 2 асари худро махсус ба масъалаи вожасозӣ бахшидааст: Ӯ дар ин асарҳо масъалаи вожасозии исмро боз ҳам амиқтар таҳлил намуда, паҳлуҳои онро боз ҳам мушаххастар кардааст. Аз ҷумла ӯ шаш роҳи вожасозии исмро дар забони тоҷикӣ муайян намудааст: 1) морфологӣ: а) бо суффикс; б) бо префикс; 2) синтаксисию морфологӣ; а) исмҳои мураккаб; б) исмҳои омехта; 3) луғавию синтаксисӣ: ба калимаҳои мураккаб гузаштани ибораҳо; 4) аббревиатсия (ихтисоркунӣ, ихтисоршавӣ); 5) морфологию синтаксисӣ яъне аз ҳиссаҳои нутқ ба дигаре гузаштани калимаҳо; 6) луғавию семантикӣ, ки ба сермаъноии калимаҳо ва ба амал омадани омонимҳо вобаста аст [Рустамов, 1981, с. 95-96].

Муҳаққиқи таърихи истилоҳоти илмии тоҷикӣ Мирзо Ҳасани Султон бурду бохти назарияи вожасозиро дар забоншиносии тоҷик таҳлил намуда

ба хулосае меояд, ки дар забони тоҷикӣ панҷ усули асосии вожасозӣ ба кор бурда мешавад:

«1. Усули сарфӣ: а) сохтани вожа бо пешванд; б) сохтани вожа бо пасванд;

2. Усули наҳвию сарфӣ: а) сохтани вожаҳои мураккаб; б) сохтани вожаҳои омехта;

3. Усули сарфию наҳвӣ – аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани вожа;

4. Усули луғавию наҳвӣ – ба вожаи мураккаб табдил шудани ибораи изофӣ ё ҷумла. Ин шева дар вожасозии форсӣ-тоҷикӣ каммаҳсул аст.

5. Усули луғавию маъноӣ. Ин шева бо сермаъноии вожаҳо ва ба миён омадани омонимҳо вобаста аст» [Султон, 2008б, с. 93].

М. Ҳ. Султон зимнан таъкид мекунад, ки вожасозии ихтисораҳо, ки Ш. Рустамов дар усулҳои шашгонаи худ бо номи аббревиатсия овардааст, дар забони тоҷикӣ бемаҳсул аст. Чӣ хеле ки мебинем, ӯ амалан (ба истиснои ихтисораҳо) бо Ш. Рустамов пурра ҳамфикр аст. Вале дар бобати ихтисораҳо (аббревиатсия) гуфтан мумкин аст, ки алҳол каммаҳсул бошад, ҳам дар рӯзноманигории тоҷик истифода мешавад ва рӯ ба инкишоф аст.

Ҳамаи ин роҳҳои вожасозӣ барои сохтани истилоҳоти сохта ва мураккаб ба кор мераванд. Агар бо мисоли мушаххас нишон диҳем, дар забони тоҷикӣ вожаи иқтибосии **матбуъ** – «чопшуда, нашршуда» ҳаст, ки дар навбати худ истилоҳи рӯзноманигорон ва ноширон аст. Акнун тарзҳои истилоҳсозиро бо ин вожа мушоҳида мекунем:

матбуъ (published) – **истилоҳи сода**;

матбуот (press, printing), *номатбуъ* (unpublished) – **истилоҳи сохта**;

ғайриматбуъ (unpublished) – **истилоҳи мураккаб**;

матбуоти мустақил (independent press), *хадамоти матбуот* (press–cutting service), *оҷонсии матбуотӣ* (press agency), *нишасти матбуотӣ* (press conference) ва ғ. – **ибора-истилоҳот**. Дар забони тоҷикӣ ҳолатҳои ба

ихтисора табдил ёфтани ибора-истилоҳот низ вомехӯранд: *Донишгоҳи миллии матбуот – ДММ* [Муродов, 2016, 70]

Дар охир аз рӯйи муҳокимаҳои болоӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки яке аз сермаҳсултарин роҳҳои вожасозии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ **вандафзоӣ** (аффиксация, derivation, affixational derivates) мебошад, ки ба асос пайвастани пешванд ва пасвандҳо аст. Пешванд ва пасвандҳо на танҳо бо ҷойи худ дар вожа, балки бо дараҷаи мустақилияти худ низ фарқ мекунанд. Пасвандҳо, ки мансубияти вожаро ба ҳиссаи нутқ муайян мекунанд, бо асос робитаи қавӣ доранд (*anonym**ous**, earnest**ly**, bann**er**, ҳангом**а**, таҳия**гар**, муаррифӣ*), ҳол он ки пешвандҳо бештар маънои вожаро тағйир медиҳанд ва аз ҷиҳати луғавӣ мустақилтаранд (***anti**virus, **post**script, **dis**cussion, **бе**далел, **ҳам**суҳбат, **дар**хост*). Ин албатта аз дараҷаи маҳсулнокии ин ё он ванд вобаста аст. Бо ин тарз истилоҳоти сохта барпо мегарданд.

Вожабандӣ (словосложение, compounding) тарзи дигари сермаҳсули вожасозии рӯзноманигорӣ мебошад, ки тариқи он истилоҳоти мураккаб сохта мешаванд. Он аз рӯйи формулаи «*асос+асос*» ба амал бароварда мешавад. Яъне вожабандӣ – ин як шудани вожаҳои мустақилмаъно ё асосҳои онҳо ҳамчун вожаи мураккаб аст. Вожаи нави мураккаб якҷоя ё ба воситаи нимтире навишта мешавад (*dictaphone, hot-line*, *сармақола, гуфтугӯ*).

Конверсия. Ин тарзи вожасозӣ ба забонҳои аналитикӣ, махсусан ба забони англисӣ хос аст. Конверсия – ин бе тағйирот дар навишт ва талаффуз аз як ҳиссаи нутқ ба дигараш гузаштани вожа мебошад (масалан, аз исм ба феъл: *report* – ҳисобот; to *report* – ҳисобот додан, намунаи N => V; аз сифат ба исм: *weekly* – ҳафтаина; *weekly* – ҳафтанома, намунаи A => N). Ҳолатҳои ба ин тарзи вожасозӣ монанд дар забони тоҷикӣ низ вомехӯранд. Масалан, исмшавии сифат (*фитнаангез* – intriguer; *зиёӣ* – intelligentsia), асосҳои феълӣ (*сохт* – structure), сифати феълӣ (*фишурда* – thesis), инфинитив (*буридан* – notch) ва ғ.

Реверсия (backformation) – амали баръакси вожасозӣ аст, ки бо партофтани нишонаҳои вожасозӣ (масалан, унсури пасвандмонандро дар вожаи *burglar* партофта, феъли нави *burgle* ба вуҷуд овардаанд). Ин тарзи вожасозӣ дар забони тоҷикӣ мушоҳида нагардид.

Ихтисора. Вожасозӣ бо **ихтисора** (кутоҳнавиштҳо) дар забони англисӣ хеле сермаҳсул аст. Ихтисораҳо-буридаҳо (truncation) дар номҳои одамон: *Andy* <= *Andrew* (Андрей); *Archie* <= *Archibald* (Арчибалд); мафҳумҳои гуногун: *Aussy* <= *Australian* (австралӣ, австралиягӣ), *comfy* <= *comfortable* (бароҳат), *ciggie* <= *cigarette* (сигарет) вомехӯранд [Plag, 2002, p. 153].

Клиппинг (clipping – *анг.* «буриш») намуди дигари ихтисора аст, ки «вожаҳои ду ё зиёда ҳиҷодор (одатан исм) бе тағйири вазифа кӯтоҳ карда мешаванд»: *ad* ё *advert* <= *advertisement* (реклама).

Блендинг (blending – *анг.* омезиш) як тарзи ихтисори вожаҳо аст. *Блендҳо* (blends) «вожаҳоеанд, ки аз ду (баъзан се ва бештар аз он) вожа фароҳам омадаанд ва мавод аз як ё ду вожаи манбаъ партофта шудааст»): *motel* <= ***mot****or* + *hot****el****, compander* <= ***comp****ressor* + *exp****ander****, modem* <= ***mo****dulator* + ***dem****odulator*.

Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷиҳати сохтор истилоҳоти сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳот мешаванд. Вале бо ба назар гирифтани хусусиятҳои таълимоти забоншиносии англис (махсусан назарияи В. Адамс) мо чунин таснифро ба даст меорем: 1. Истилоҳоти сода; 2. Истилоҳоти комплексӣ: а) истилоҳоти сохта, истилоҳоти мураккаб, ихтисораҳо (блендинг, клиппинг);

б) ибора-истилоҳот: ибора ва таркибҳо, ибораҳои устувор, ихтисора ва акронимҳо.

2.1.2. Ибора-истилоҳот

Сохтори истилоҳоти сертаркиба (ибора-истилоҳот) вижагии наҳвӣ дорад ва ин гуна истилоҳот аз ибораву таркибҳо иборатанд.

Омӯзиши ибора (словосочетание, word group, phrase) ва таркибҳо таърихи дерина дорад ва баробари пайдоиши илми забоншиносӣ ба вуҷуд омадааст. Мо дар ин ҷо чанд муаллифонеро номбар мекунем, ки ҳангоми таҳқиқи масъала ба таҳқиқоти онҳо такя кардаем: Л. Блумфилд (1935), В. С. Расторгуева (1954), А. И. Смирниский (1957), Р. Ғаффоров (1970, 1984), А. Мирзоев (1972), Н. Маъсумӣ (1973, 1985), В. В. Бурлакова (1975), М. Акрамов (1977), Ҷ. Н. Леви (1978), И. П. Иванова (1981), Э. О. Селкирк (1982), В. Л Каушанская (2008), Б. Аартс (2011), М. Ҳ. Султон (2008) ва диг.

Ибораҳо. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати ифодаи воқеият ду намуди ибораро фарқ мекунанд: 1. Ибораҳои озод. 2. Ибораҳои устувор (фразеологӣ) [Фамина, 2018, с. 61].

Ибораҳо мафҳумҳои гуногунро аз вожа дида мушаххастар ифода мекунанд. Масалан, онҳо субъект ва аломати он (*green grass* – гиёҳи сабз), амал ва ҳолат (*to speak loudly* – баланд гап задан), объект ва амале, ки ба он нигаронида шудааст (*to smoke a pipe* – чубук кашидан) ва ғ.

Забоншиноси англис Б. Аартс дар асари худ навъҳои зерини ибораҳоро таҳқиқ кардааст: 1) ибораҳои исмӣ – noun phrases (NPs): *side of the Atlantic* (соҳили Атлантик); 2) ибораҳои сифатӣ – adjective phrases (AdjPs): *dependent on employee goodwill* (вобаста аз ихтиёри корманд); *perfectly happy* (ба куллӣ хушбахт); 3) ибораҳои феълӣ – verb phrases (VPs): *to serve as defence minister* (ҳамчун муҳофизи вазир хидмат кардан); 4) ибораҳои пешояндӣ – prepositional phrases (PPs): *in the Physiology Department* (дар шуъбаи физиологӣ); *after tomorrow night* (пасфардо шаб); 5) ибораҳои зарфӣ – adverb phrases (AdvPs): *happily for the Tottenham supporters* (хушбахтона барои тарафдорони Тотенҳем) [Aarts, 2011, p. 158-207].

И. П. Иванова дар асоси назарияи забоншиноси даниягӣ Луис Ҳйелмслев [Louis Hjelmslev (1899–1965)] дар ибораҳои забони англисӣ се типи алоқаи наҳвиро эътироф кардааст. Ин тасниф бар он аст, ки ибора ҳамчун воҳиди наҳвии забон мафҳуми мураккабро ифода мекунад ва ин мафҳум дар шакли сода дар вожаи асосии он, яъне *ҳаста* (ядро) (дар Л.

Блумфилд – *head*, *centre*; дар Б. Аартс – *head*; дар Р. Ғаффоров – *ҷузъи ҳоким, калимаи ҳоким, калимаи асосӣ*) мавҷуд аст. Дар мисолҳо мо ҳастаро бо ҳуруфи ғафс нишона мекунем:

1. Пайваст (координатсия, coordination). Ҳар ду унсури ибора (centre-ҳо) мустақил буда, аз якдигар вобаста нестанд: **men** *and* **women**; **red** *and* **green**.

2. Тобеъ (субординатсия, subordination). Унсури якуми ибора аз унсури дуюм вобаста аст. Унсури дуюм (ҳаста) мустақил аст. Вариантҳо:

а) унсурҳои тобеъ дар тарафи чапи ҳаста: *an old brownstone* **house***; fairly* **well***; completely* **still***; to always* **resent**.

б) унсурҳои тобеъ дар тарафи рости ҳаста: **a list** *of names;* **to hear** *of it;* **to put** *it in the envelope;* **bad** *for the health*.

в) унсурҳои тобеъ дар ду тарафи ҳаста: *a folded* **sheet** *of paper*; *no particular* **connections** *elsewhere*.

3. Ҳамбаста (интердепентсия, interdepence). Ҳар ду унсур аз ҳам вобастаанд. Ин муносибати предикативӣ аст [Иванова, 1983, с. 114-116].

И. П. Иванова барои типи сеюм мисол наовардааст. Зеро гуфтан мумкин аст, ки муносибати предикативӣ дар ҷумла танҳо байни мубтадо ва хабар зоҳир мегардад ва хоси ибораҳо нест. Аммо В. Г. Судиловская мавҷуд будани муносибати предикативиро дар вожаҳои мураккаб тасдиқ мекунад ва мисоли зерро меорад, ки вожаи мураккаби *sunrise* аз ҷумлаи «The sun rises» ба вуҷуд омадааст [Судиловская, 2018, с. 53].

Р. Ғаффоров дар ибораҳои забони тоҷикӣ мавҷуд будани танҳо як типи муносибати наҳвӣ – алоқаи тобеъро тасдиқ мекунад, ки дар се намуд зоҳир мегардад:

1. Изофӣ. Ба воситаи бандаки изофӣ: **барги** *сабз,* **мани** *бечора*.

2. Вобастагӣ. Ба воситаи пешоянд ва пасояндҳо: *ба кор* **рафтан***,* **ғулғула** *дар шаҳр*.

3. Ҳамроҳӣ. Ба воситаи пасояндҳо: а) бо пасоянди *-ро*: *Темурмаликро* **аҷида**, *занро* **ном**; б) бо пасояндҳои *барин, боз* ва ғ.: **тир** *барин* (рафтан), **дер** *боз* (маҳрум мондан) [ЗАҲТ, 1970, с. 20-21; ЗАҲТ, 1984, с. 28-29].

Мушоҳида кардан душвор нест, ки ҳам таснифи типҳои алоқаи наҳвӣ ва ҳам ҷойи ҳаста дар ибораҳои забонҳои муқоисашаванда ба ҳам мувофиқат намекунанд.

Дар забоншиносии тоҷик оид ба ибораҳо бори нахуст В. С. Расторгуева ба тарзи пароканда маълумот додааст. Ӯ ибораҳоро ба типҳои зерин ҷудо кардааст:

1. Ибораҳои изофӣ бо исм ва сифат (бандаки изофии *-и* ба муайяншаванда мечаспад): *дарахти баланд*, *баъд аз кофтукови бисёре*.

2. Ибораҳо бо пасоянд (пасоянди -ро): *дафтаратро овардам*.

3. Ибораҳо бо пешояндҳои аслӣ: *ба хона даромадам*.

4. Ибораҳо бо пешояндҳои изофӣ: *наздики шаҳр, пушти хона*.

5. Ибораҳои изофӣ бо сифати феълӣ: *як даста каллапӯши дарун ба дарун гузошташуда*.

6. Ибораҳои изофӣ бо масдар: *дар вақти ба поён фуромадан* [Расторгуева, 1954, с. 545-548, 565].

Ибораҳоро бори аввал ба тариқи муназзам ва мукаммал Р. Ғаффоров таҳқиқ кардааст. Ин таҳқиқот дар забоншиносии тоҷик ягона аст. Зеро он дар тамоми китобҳои дарсиву асарҳои дастҷамъии илмӣ ҷой дода шудааст. Ӯ аз ҷиҳати ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани вожаи тобеъкунанда ибораҳоро бе хелҳои зерин тақсим мекунад: 1) ибораҳои исмӣ; 2) ибораҳои сифатӣ; 3) ибораҳои шуморагӣ; 4) ибораҳои ҷонишинӣ; 5) ибораҳои зарфӣ; 6) ибораҳои феълӣ [ЗАҲТ, 1970, с. 11-55; ЗАҲТ, 1984, с. 22-56].

Р. Ғаффоров се намуди алоқаи наҳвӣ (синтаксисӣ)-ро, ки байни ҷузъҳои ибора мавҷуд аст, нишон медиҳад: 1) ба воситаи бандаки изофӣ: 2) ба воситаи пешояндҳо; 3) ба воситаи пасояндҳо:

А. Мирзоев ва М. Акрамов дар рисолаҳои худ оид ба ибораи феълӣ ва сифатӣ таснифоти Р. Ғаффоровро оид ба хелҳои ибора тасдиқ мекунанд.

Аммо ин муаллифон ба маводи мушаххаси забони адабии тоҷикӣ такя намуда, алоқаҳои зерини наҳвиро нишон додаанд, ки ба фикри мо мукаммалтар аст: 1) изофӣ; 2) пешояндӣ; 3) пасояндӣ; 4) пешояндиву пасояндӣ; 5) ҳамроҳӣ; 6) изофию пешояндӣ; 7) изофию пасояндӣ [Мирзоев, 1972, с. 26; Акрамов, 1977. С. 18].

Таркибҳо. Феълҳои таркибӣ. В. С. Расторгуева хелҳои зерини феъли таркибиро номбар мекунад: «Феълҳои таркибӣ ё мураккаб (бо ҳиссаи номӣ): *сар кардан, гӯш кардан, тамом шудан.* Феълҳои таркибии сифати феълӣ: *хонда додан, алаф хушк шуда рафт»* [Расторгуева, 1954, с. 561-563].

Минбаъд феълҳои таркибӣ аз тарафи А. З. Розенфелд ва Ш. Н. Ниёзӣ таҳлил шуда, **феълҳои таркибии номӣ** ном мегиранд. Ин муаллифон аз аввалинҳо шуда оид ба мавҷуд набудани алоқаи наҳвӣ дар байни ҷузъҳои феъли таркибӣ изҳори назар кардаанд: «Шароити асосии сохта шудани феълҳои таркибии номӣ дар байни ҷузъҳои таркибии он набудани алоқаи синтаксисӣ, набудани алоқаи вобастагӣ ва ҳамроҳӣ мебошад. Агар дар байни ҷузъҳо муносибати синтаксисӣ ба вуҷуд ояд, феъли таркибии номӣ, ҳамчун як ҳиссаи нутқ чун феъли таркибӣ нест мешавад» [ГЗТ, 1956, с. 109].

Донишманди тоҷик Н. Маъсумӣ ин гуна феълҳоро «феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ» меномад ва махсус истода намегузарад [ГЗТ, 1985, с. 182]. Вале муаллифи номбурда дар китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» ба ин гуна ифодаҳо боби махсус ҷудо карда, феълҳои таркибиро ба эътибори таркиби сарфиашон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: **феълҳои таркибии номӣ** ва **феълҳои таркибии феълӣ** (феълиҳолӣ), ки ба фикри мо вазъияти ин гуна феълҳоро пурратар инъикос мекунад [ЗАҲТ, 1982, с. 310].

Истилоҳоти сертаркибаро М. Ҳ. Султон «ибораҳои истилоҳӣ ва ё ибора-истилоҳот» [Султон, 2008б, с. 123] меномад ва онҳоро ба ду тип ҷудо мекунад: а) ибораҳои истилоҳии изофӣ; б) ибораҳои истилоҳии пешояндӣ [Султон, 2008б, с. 123].

Албатта, ин таснифот пурра нест ва хулосаи ӯ бо маводи мушаххасе, ки ӯ мавриди таҳқиқ қарор додааст, маҳдуд аст. Дар амал истилоҳоти

сертаркиба на танҳо аз ибораҳо, балки боз аз ифода ва таркибҳои гуногун, ки бо воҳиди наҳвӣ – ибора умумият надоранд, сохта мешаванд.

Таҳқиқот нишон дод, ки манбаи луғавию дастурии истилоҳоти сертаркиба: 1) ибора: а) ибораҳои озод; б) ибораҳои устувор; 2) феълҳои таркибӣ мебошанд.

Ихтисораи ибора ва таркибҳо низ дар забони англисӣ серистеъмол мебошанд.

Аббревиатура (abbreviation – *анг.* ихтисоркунӣ) ва *акроним* (acronim) намудҳои маъмули ихтисора буда, аз сарҳарфи исмҳои таркибӣ сохта мешаванд. Онҳо аз ҳам бо талаффузашон фарқ мекунанд. Агар аббревиатураро бо номи ҳарфҳояш хонанд, акроним ҳамчун вожаи одӣ талаффуз мешавад. Мисоли аббревиатура: *BBC* [bi'bi'si:] – *British Broadcasting* (Би-Би-Си – Ширкати пахши иттилооти Британия); мисоли акроним: *NATO* ['neitou] – *North Atlantic Treaty Organization* (НАТО – Созмони паймони Атлантикаи Шимолӣ) [Plag, 2002, p. 163–164].

Ихтисораи ибораҳо дар забони тоҷикӣ кам истифода мешавад. Бештари ихтисораҳои тоҷикиро калкаҳои русию байналмилалӣ ташаккул медиҳанд: *СММ – Созмони Милали Муттаҳид, ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил* ва ғ.

Хулоса, беҳтарин усули таҳлили сохтории ҳама гуна истилоҳ аз ҷумла истилоҳоти рӯзноманигорӣ ба фикри мо, таҳлили сарфӣ (морфологӣ) мебошад. Чунки дар ин усул намунаҳое истифода бурда мешаванд, ки таркиби истилоҳотро аз ҷиҳати тааллуқ ба воҳидҳои гуногуни сарфӣ пурра инъикос мекунанд: исм – **N**, сифат – **A**, феъл – **V**, шумора – **Num**, ҷонишин – **PN**, зарф – **Adv**, пешоянд – **PrP**, пасоянд – **PsP** ва ғ. Ба замми ин мавҷудияти пешванд – **Pf**, пасванд – **Sf**, миёнванд – **If**, сифати феълии I – **PP1**, сифати феълии II – **PP2**, феъли ҳол – **VA**, масдар – **Inf** ва ғ.

2.1.3. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти сода

Бахши муайяни истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз рӯйи сохташон вожаҳои содаанд. Истилоҳоти сода (simple terms) танҳо аз як морфема иборатанд: *ном, оҳанг, сутун* ва ғ. Вожаҳои фонди луғавии ҳар як забон вожаҳои аслии содаанд. Инчунин мо бархе аз вожаҳои иқтибосиеро, ки бо қоидаҳои дастурии забони сарчашма шакл гирифтаанду дар забони иқтибоскунанда ҳамчун вожаи сода истифода мешаванд, метавонем ба гурӯҳи вожаҳои сода дохил кунем [ЗАҲТ, 1982, с. 126-127].

Вожаҳои сода дар истилоҳсозӣ бе тағйироти дастурӣ (грамматикӣ) айнан истифода бурда мешаванд.

Дар забони англисӣ истилоҳоти яктаркибае, ки аз ҷиҳати сохт вожаи содаанд, 13,85 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд. Ба ин гуна истилоҳот мо гурӯҳҳои зеринро ворид кардем:

1. Истилоҳот аз вожаҳои содаи аслии забони англисӣ. Ин гуна вожаҳо ба воситаи луғатҳои этимологии забони англисӣ ва фарҳангҳои рӯзноманигорӣ муайян гардиданд.

N: *draft* – мусаввада, *lead* – сархат, *mode* – образ, *plot* – сужа, *sheet* – варақ, *speech* – суханронӣ, *talk* – суҳбат ва ғ. **Мисол**: *It may be hyperbole to describe journalism as "the first* ***draft*** *of history"* [Chris, 2009, p. 99]. *… and researchers have found that the initial paragraph or* ***lead*** *of most newspaper stories contain at least two news values* [Chris, 2009, p. 1002].

2. Истилоҳот аз вожаҳои содаи иқтибосии забони англисӣ. Вожаҳои мазкурро тавассути луғатҳои этимологии забони англисӣ ва фарҳангҳои рӯзноманигорӣ муайян намудем.

N: *comment* – табсира, *article* – мақола, *column* – сутун, *essay* – эссе, *episode* – лаҳза, *parody* – пародия, *camera* – камера, *montage* – банду баст ва ғ. **Мисол**: *Moreover, many professional journalists use such* ***blogs*** *to further* ***comment*** *on the* ***topics*** *of published or broadcast stories* [Chris, 2009, p. 164-166].

Lewis is a veteran journalist and ***author*** *who has published scores of* ***articles*** *on* ***media****, journalism, sports, business* [Chris, 2009, p. xxiv].

Дар забони тоҷикӣ истилоҳоти яктаркибаи рӯзноманигорӣ, ки аз ҷиҳати сохт вожаи содаанд, 30,08 дарсади шумораи умумии истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд. Истилоҳоти содаро мо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардем:

1. Истилоҳот аз вожаҳои содаи аслии забони тоҷикӣ. Ин гурӯҳи вожаҳоро мо ба василаи луғатҳои рӯзноманигорӣ ва фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ муайян намудем.

N: *сутун* – column, *навор* – film, *оҳанг* – accent, *ниҳод* – institute ва ғ.

V: *буридан* – notch. **Мисолҳо**: *Ҳар як саҳифа ба ду* ***сутун*** *тақсим шуда, мақолаҳо аз рӯйи тартиби муайян ҷой дода мешуданд* [Усмонов, 2008, с. 69]. *Пас аз муоинаи* ***наворҳо*** *муайян гардид, ки* ***наворҳои*** *сабтгардида на ба хонандагону сокинони маҳалла… тааллуқ надоранд*…[Муқим, 2021, с. 42].

Ин гурӯҳи истилоҳот бештар аз исмҳо иборат аст. Як қисми онҳо таърихан бо роҳи конверсия аз феъл ба исм гузаштаанд: *намуд* (аз *намудан*) – type, *ниҳод* (аз *ниҳодан*) – institute, *сохт* (аз *сохтан*) – composition ва ғ.

2. Истилоҳот аз вожаҳои иқтибосии арабӣ. Вожаҳои аслии арабӣ тавассути луғатҳои рӯзноманигорӣ ва фарҳангҳои гуногун – этимологӣ, дузабона ва тафсирӣ муайян карда шуданд.

N: *намуна* (امثلة) – model, *баёз* (بياض)– anthology, *буҳтон* (بهتان)– libel, *илҳом* (الهام) – inspiration, *истеъдод* (استعداد) – talent, *мавзуъ* (موضوع) – theme, *саҳифа* (صحيفة) – page, *таҳрир* (تحرير) – editing ва ғ. **Мисол**: ***Намунаи*** *умумӣ ороиши тамоми* ***саҳифаҳои*** *шумораи нашрия ва* ***намунаи саҳифаи*** *танҳо хусусияти зоҳирии як* ***саҳифа*** *ва ё рубрикаи шумораи муайянро дар бар мегирад* [Муродов, 2016, с. 40].

3. Истилоҳот аз вожаҳои иқтибосии русӣ:

N: *визитка* – cut-away, *гранка* – galley, *интершум* – international noise, *образ* – mode, *очерк* – outline ва ғ. **Мисолҳо**: *Мубодилаи* ***визиткаҳо*** *иртиботи рӯзноманигоронро бо дигарон осон мегардонад ва баъзан ҷойи шаҳодатномаро*

мегирад [Муродов, 2016, с. 46]. *Аз ҷумла, барои яке рақаму нишондиҳандаҳо, барон дигаре* ***образ*** *ва ё манзараи ҷозибе ҳамчун ҷузъи ифоданок хизмат мекунад* [Нуралиев, 1989, с. 74].

4. Истилоҳот аз вожаҳои иқтибосии байналмилалӣ аз рӯйи луғатҳои рӯзноманигорӣ [Аминов, 2013; Иматшоева, 2015; Муродов, 2016], «Фарҳанги англисӣ-русӣ (2015)» ва «Луғати калони вожаҳои хориҷӣ (2005)» интихоб карда шуданд [Мамадназаров, 2015; Москвин, 2005].

N: *автология* – autology, *интернет* – internet, *радио* – radio, *камера* – camera, *мониторинг* – monitoring, *памфлет* – pamphlet ва ғ. **Мисолҳо**: *Ба ғайри ин, ҳоло метавон барномаҳои* ***радиову*** *телевизионро тавассути* ***Интернет*** *пахш кард* [Муқим, 2021, с. 6].

Ҷадвали 2.1. Таносуби

истилоҳоти содаи рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

№	Намудҳои истилоҳот	Дар забони тоҷикӣ		Дар забони англисӣ	
		миқдор	%	миқдор	%
1.	Истилоҳоти содаи аслӣ	23	2,61	24	2,72
2.	Истилоҳоти содаи иқтибосӣ	242	27,47	98	11,12
	а.о.ҷ, арабӣ	154	17,48	–	–
	русӣ	7	0,79	–	–
	байналмилалӣ	81	9,19	95	10,77
	Ҳамагӣ	265	30,08	122	13,85

2.2. Роҳи сарфии ташаккули истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

2.2.1. Вандафзоӣ

Вандафзоӣ – роҳи маъмули вожасозӣ аст. Дар забони англисӣ дар сохтори истилоҳот вандафзоӣ яке аз тарзҳои асосӣ аст. Дар забоншиносии англис он ҳосила бо вандафзоӣ (derivation with affixation) номида мешавад. Р. З. Гинзбург се роҳи асосии вандафзоиро зикр мекунад:

а) пешвандафзоӣ (prefixation): **unjust** (**un**-+*just*) [беинсофона],

б) пасвандафзоӣ (suffixation): **justify**, (*just* + -**ify**) [бегуноҳ донистан], **arrangement** (*arrange* + -**ment**) [тартиб], **non-smoker** (**non**- + *smoker*) [касе, ки сигор намекашад];

в) ҳосилаҳои пешвандию пасвандӣ (prefixal-suffixal derivatives): **reappearance**[эҳё, таҷдид], **unreasonable** [беақл, беақлона], **denationalize** [ғайримиллӣ кунондан], [Гинзбург, 1979, с. 114-115].

Роҳҳои асосии сарфӣ (морфологӣ)-и сохтори истилоҳот ё худ вожасозиро дар забони тоҷикӣ Қ. Тоҳирова ба се гурӯҳ тақсим мекунад:

1. Бо роҳи ба ҳам пайваст шудани ду ё якчанд вожа. Бо ин роҳ вожаҳои мураккаби пайваст сохта мешаванд, ки дар байни ҷузъҳои маънодори онҳо алоқаи грамматикии таркиб мавҷуд аст. Аксаран ин ҷузъҳо ба воситаи инфикс (миёнванд)-ҳо ба ҳам пайваст мешаванд. Масалан, дар вожаи мураккаби **саропо** ҷузъҳои **сар** ва **по** бо миёнванди **-о-** пайваст шудаанд.

2. Бо роҳи аффиксатсия (вандафзоӣ). Дар ин усул аффиксҳо (вандҳо) нақши асосӣ бозида, вожаҳои сохтаро барпо мекунанд.

3. Бо роҳи такрори вожа. Бо ин роҳ вожаҳои мураккаби такрор сохта мешаванд [Тоҳирова, 1967, с. 31].

Мушоҳида нишон медиҳад, ки дар сохтори истилоҳоти рӯзноманигорӣ роҳҳои якум (вожаҳои мураккаби пайваст) ва сеюми

вожасозӣ (вожаҳои мураккаби такрор) истифода нашудаанд. Танҳо ду истилоҳ (**гуфтугӯ** – dialogue, **бандубаст** montage) мавҷуд аст, ки аз ҷиҳати сохтор вожаи мураккабанд. Аммо оид ба тариқи пайвасти ҷузъҳои маънодори онҳо дар забоншиносӣ фикри умумӣ мавҷуд нест. Қисме бар онанд, ки **-у-** миёнванд аст [Рустамов, 1981, с. 173], қисме дигар онро пайвандак мешуморанд. Забоншиносон С. Ҳалимов ва К. Шукурова онро «садоноки (пайвандаки) **-у-**» [Ҳалимов, 1988, с. 43] номидаанд.

Вожаи сохта васлшавии сунъии решаву ванд набуда, дар он ҷузъҳо ба ҳам аз ҷиҳати маъно мувофиқат мекунанд ва мувофиқати маъноии асосу ванд ба онҳо имконият медиҳад, ки ба ҳам васл шуда, маънои наве пайдо кунанд, ки ба маънои ҳам асос ва ҳам ванд баробар ояд. Ҳам маънои асос ва ҳам тобиши маънои ванд маҳз дар вожаҳои сохта равшан зоҳир мешавад.

Масалан, пасвандҳои *–гор* ва *–гар* муродифи ҳаманд, **хидматгор** иҷрокунандаи **хидмат**, **коргар** иҷрокунандаи **кор**. Вале ҳеҷ гоҳ **хидматгар** ва **коргор** гуфта наметавонем. «Аффикс бо ҳама гуна маънои ҳамон як калима омада наметавонад, танҳо бо оне меояд, ки ба вай аз ҷиҳати маъно мувофиқ аст» [Рустамов, 1981, с. 102].

Решаву ванд унсурҳои асосии вожаи сохта мебошанд. Ванд бар хилофи асоси вожа алоҳида маъное надорад, маънои мушаххаси вай маҳз дар таркиби вожаи сохта зоҳир мегардад. Сермаъноии вандро маҳз дар таркиби вожаҳои гуногун омадани вай нишон медиҳад, вале сермаъноиро бо омоморфема омехта кардан лозим нест. Натанҳо асосҳо, балки вандҳо ҳам сермаъно ва омофон мешаванд, ки намунаашро дар поён дар мисоли омоморфемаҳои пасванди **-а** овардаем.

Таркиби сарфии вожа низ як хел нест. Вожаҳое ҳастанд, ки танҳо аз як решаву як пасванд иборатанд, ки муайян кардани муносибату маънои онҳо вазифаи вожасозист. Дар забоншиносии тоҷик асосан ба таркиби сарфии ҳамин гуна вожаҳо эътибор додаанд. Аммо дар забон инчунин вожаҳое ҳастанд, ки морфемаҳои вожасози онҳо аз якто зиёданд, дар онҳо тарзҳои гуногуни вожасозӣ вомехӯранд. Масалан истилоҳи **вокуниш** – repercussion аз

як реша (асоси замони ҳозираи феъл – **кун**), пешванд (**во-**) ва пасванд (**-иш**) сохта шудааст.

2.2.2. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти сохта дар забони англисӣ

Истилоҳоти сохта бо ёрии пешвандҳо дар забони англисӣ. Дар мисолҳое, ки дар зер барои тарзи пешвандафзоӣ овардаем, асосҳо (**N, A, V**) на ҳама вақт вожаи содаанд. Дар бархе аз истилоҳот дар баробари пешванд, пасванд ҳам мавҷуд аст. Сабаб дар он ки аз сабаби камшумор будани маводи танҳо пешояндор дар истилоҳоти забони англисӣ, фақат гурӯҳи пешояндорҳоро барои таҳлил мураттаб карда, аз таъсиси гурӯҳи истилоҳоти сохтаи пешоянду пасояндӣ худдорӣ кардем.

1. *Истилоҳот бо пешвандҳои im- ва in-*. Пешвандҳои **im-** ва **in-** мафҳуми инкорӣ доранд. Пешванди **im-** бо баъзе сифатҳо ва исмҳо истифода мегардад. Ин пешванд танҳо ба вожаҳое, ки бо ҳамсадоҳои *m* ва *p* оғоз мегарданд, замима мешавад. Пешванди **in-** аз забони лотинӣ гирифта шуда аз исм исм месозад:

im-+N: *immediacy* – фаврият, *impartiality* – холисона, **in-+N**: *inform* – хабаррасонӣ, *inversion* – аз нав ҷобаҷокунӣ ва ғ. **Мисол**: *Therefore, there is a tension between the push of* ***immediacy*** *and the need to differentiate the online product from the competitors* [Domingo, 2006, p. 104]. *News analysts, reporters, and correspondents gather information, prepare stories, and make broadcasts that* ***inform*** *us about local, state, and international events* [Chris, 2009, p. 1862].

2. *Истилоҳот бо пешванди de-*. Пешванди **de-** ба вожа маънои зид медиҳад ё ки амали муқобилсамтро мефаҳмонад:

de-+N: *denomination* – номгузорӣ, *design* – ороиш. **Мисол**: *When new media emerge (e.g., stone, papyrus, printing, radio, television broadcasting, digital media)* ***denominations*** *move quickly to exploit them in order to keep adherents informed and to introduce outsiders to their beliefs* [Chris, 2009, p. 1196].

3. *Истилоҳот бо пешванди re-*. Пешванди **re-** такрори амалро мефаҳмонад ва бо пешвандҳои тоҷикии *азнав-*, *боз-*, *во-* муродиф аст.

Пешванди мазкур лотинӣ аст, бо феълҳо ва исмҳои феълӣ меояд. Дар ибтидо дар вожаҳои лотинӣ ба маънии «аз нав анҷом додани коре» ё «такрор ба такрор» пайдо шуда такрори амалро нишон медод. Илова бар ин, дар баъзе феълҳо пасванди бозгашти амал ё амали баръаксро нишон медод:

re-+V: *rehearsal* – машқ, *repercussion* – вокуниш, *review* – хулоса ва ғ. **Мисолҳо**: *The March of Time production process was extensive, requiring hundreds of hours of* ***research****, writing,* ***rehearsal****, and…* [Chris, 2009, p. 446]. *The results obtained from this methodology have a worldwide* ***repercussion****, but also require a high investment in infrastructure* [Palacios, 2007, p. 62].

4. *Истилоҳот бо пешванди inter-*. Пешванди **inter-** умумияти амалро ифода карда, бо пешванди таърихии тоҷикӣ *андар-* ҳамреша ва ҳаммаъно мебошад.

inter-+N: *interactivity* – ҷолибсозӣ, *interpretation* – маънидод, *interview* – мусоҳиба ва ғ. **Мисол**: *Online editors who had been trained as print journalists were introduced to the concepts of hypertext,* ***interactivity****, and multimedia* [Chris, 2009, p. 472].

5. *Истилоҳот бо пешванди pre-*. Пешванди **pre-** маънои «пеш аз», «то», «қабл аз»-ро мефаҳмонад:

pre-+N: *preamble* – дебоча, *prediction* – пешгӯйӣ ва ғ. **Мисол**: *The Constitution's* ***Preamble*** *underscores the importance of a strong military by declaring the need to secure liberty and provide for defense* [Chris, 2009, p. 898].

6. *Истилоҳот бо пешванди post-*. Пешванди **post-** амали баъдтар иҷрошавандаро мефаҳмонад ва бо пешванди тоҷикии «пас» ҳамреша ва ҳаммаъно мебошад:

post-+N: *postscript* – паснавишт. **Мисол**: *And in "The Newspaper As Literature/Literature As Leadership" he called journalism the de facto literature of the majority a synthesis of journalism and literature that the book's* ***postscript*** *called "journalit"* [pphy, 1974, p. 8–9].

7. *Истилоҳот бо пешванди ex-*. Пешванди **ex-** маъниҳои «оғоз», «ибтидо», «берун», «собиқ»-ро мефаҳмонад:

ex-+N: *exclusive* – сарироҳӣ, *experience* – таҷриба, *exposition* – ташреҳ ва ғ. **Мисол**: *"I prefer our stories to wires, but I take care not to post online* ***exclusive*** *news of our newspaper",* ***explained*** *a reporter* [Domingo, 2006, p. 403].

8. *Истилоҳот бо пешванди mis-*. Пешванди **mis-** ба вожа тобиши таҳқир ва пастзанӣ дода, мафҳуми хато ё нодурустро ифода мекунад:

mis-+N: *misinformation* – гӯлзанӣ. **Мисол**: *Using familiar techniques of censorship,* ***misinformation****, obfuscation and psychological operations to varying degrees, the United States was able to frustrate journalists and news organizations in their search for information* [Wahl-Jorgensen, 2009, p. 393].

Ҷадвали басомади пешвандҳоро дар истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ тартиб медиҳем. Мушоҳида кардан душвор нест, ки пешвандҳои серистеъмол *inter-, re-* ва *im-* мебошанд.

Истилоҳоти сохта бо ёрии пасвандҳо дар забони англисӣ. Дар вожасозии забони мазкур пасвандҳо дар муқоиса бо пешвандҳо сермаҳсултаранд.

1. *Истилоҳот бо пасванди* ***-ist***. Пасванди **-ist** исмсоз буда, исмҳои дорои мафҳуми касбу ҳунар, мансубият ба ягон ҷараёни илмӣ ва сиёсиро мефаҳмонад. Ин пасванд аз забонҳои романӣ иқтибос шуда бошад ҳам, дар наввожаҳо бо вожаҳои аслии англисӣ низ меояд. Бо исмҳое, ки номи воситаҳои меҳнат, соҳаҳои истеҳсолот ва илм, равияҳои сиёсӣ, назарияҳо ва таълимотро доранд, омада, иҷрокунандагони фаъоли онҳоро ифода мекунанд:

N+-ist: *humorist* – ширинкор, *journalist* – рӯзноманигор, *publicist* – публитсист ва ғ. **Мисол**: *By 1980, most newspapers had* ***humorists*** *as well as analysts on their editorial or opposite editorial pages, and some, especially smaller ones that did not have separate business or lifestyle sections, ran advice columns on business and other topics there* [Chris, 2009, p. 1034].

2. *Истилоҳот бо пасванди -ism.* Пасванди иқтибосии **-ism** низ исмсоз буда, бештар аз сифат исмҳое месозад, ки дорои маънои муҷаррад мебошанд. Ин гуна вожаҳои нав назария, таълимот, номи умумии амал ва равияҳои илмӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсиро мефаҳмонанд.

A+-ism: *professionalism* – касбият, *plagiarism* – асардуздӣ ва ғ.; **N+-ism**: *barbarism* – барбарият, *humanism* – инсондӯстӣ ва ғ. **Мисолҳо**: *Perhaps the greatest challenge to the BBC's journalistic mission in the twenty-first century will not be issues of its* ***professionalism****…* [Chris, 2009, p. 185]. *Critics charge that such singular devotion to conflict in foreign correspondence leaves us only partly informed and with a picture of the rest of the world in a state of* ***barbarism*** [Chris, 2009, p. 769].

3. *Истилоҳот бо пасванди -er.* Пасванди **-er** исмсоз буда, соҳиби амалро ифода мекунад. Ин пасванди аслии забони англисӣ буда аз исм ва феъл вожаҳои нав месозад. Вожаҳои сохта мафҳумҳои касбу кор, мансубият ба маҳалли зист, афзор, асбоб ва воситаҳои истеҳсолиро ифода мекунанд. Пасванди –**er** ниҳоят сермаҳсул мебошад. Бо вуҷуди ин дар сохтори истилоҳоти рӯзноманигорӣ хеле кам истифода мешавад:

N+-er: *addresser* – ирсолкунанда; **V+-er**: *advertiser* – рекламагузор, *computer* – роёна, *reporter* – хабарнигор ва ғ. **Мисолҳо**: *Finally, mode relates to 'channel' (spoken/written, etc.) and the degree of participation between* ***addresser*** *and addressee (monologue, dialogue, etc.; p. 109)* [Munday, 2001, p. 93]. *Advertising agencies that specialize in advertorials, magalogs, and infomercials pioneered the concept of "per inquiry" advertising where the* ***advertiser*** *is paid for each individual action taken by a consumer* [Chris, 2009, p. 27].

Дар истилоҳоти мураккаби намуди N+N низ пасванди мазкур ҳамчун василаи вожасоз иштирок мекунад: *proof-reader* – мусаҳҳеҳ, *tape-recorder* – магнитофон; *videotape recorder* – видеомагнитофон. **Мисол**: *At smaller newspapers they may assume news-related roles such as copy editors or* ***proof-readers*** [Chris, 2009, p. 1278].

4. *Истилоҳот бо пасванди -or.* Пасванди **-or** низ исмсоз буда, соҳиби амалро ифода мекунад:

V+-or: *commentator* – шорех, *editor* – муҳаррир, *operator* – наворбардор ва ғ. **Мисол**: *Willis later became well known as a CBC reporter and* ***commentator*** [Chris, 2009, p. 248].

5. *Истилоҳот бо пасванди -ment.* Ба гурӯҳи истилоҳоти рӯзноманигорӣ, ки пасванди исмсози иқтибосии **-ment** доранд, вожаҳое дохил мешаванд, ки аз феъл сохта шуда, мафҳуми натиҷаи амалро ифода мекунанд:

V+-ment: *advertisement* – реклама, *agreement* – шартнома, *announcement* – пешхабар, *infringement* – қонуншиканӣ ва ғ. **Мисол**: *An advertorial may be a single print or broadcast* ***advertisement*** *or it can be an entire special section of paid advertising designed to approximate the editorial style as well as the typographical look and feel of a newspaper or magazine's editorial content* [Chris, 2009, p. 26].

6. *Истилоҳот бо пасванди -ing.* Пасванди **-ing** исми феълӣ (gerund) ва сифати феълӣ месозад ва дар ташаккули истилоҳоти сохта, истилоҳоти мураккаби пасванддор ва ибора-истилоҳоти бепешоянду пасоянд фаровон ба кор бурда мешавад. Ҳамчун герунд асосан аз феъл исмҳои нав месозад. Падидаҳои аз исм сохтани вожаҳои нав низ мушоҳида мешавад. Ин гуна вожаҳои сохта номи амал, натиҷа, раванд ва маҳсули амалро нишон медиҳанд.

V+-ing: *binding* – муқова, *briefing* – раҳнамудоварӣ, *editing* – таҳрир ва ғ.; **N+-ing**: *modelling* – намунасозӣ, *monitoring* – мониторинг, *planning* – банақшагирӣ ва ғ. **Мисолҳо**: *With the development of mechanized presses, precision manufacturing, and printfinishing (folding and* ***binding****), printers no longer had to feed individual sheets into presses, making creation of larger newspapers – and more of them – fast and fairly inexpensive* [Chris, 2009, p. 147]. *Taking the formation of the conceptual base as a starting point, he made use of the UML (Unified* ***Modelling*** *Language) method, from the computer sciences* [Palacios, 2007, p. 48-49].

7. *Истилоҳот бо пасвандҳои -ence ва -ance.* Пасвандҳои **-ence** ва **-ance** амал ва ҳолатро ифода мекунанд. Пасванди **-ance** аз забони фаронсавӣ гирифта шуда, дар забони англисӣ ҳамчун пасванди исмсоз маъмул аст:

N+-ance: *attendance* – ҳузур, *importance* – муҳиммият; **N+-ence**: *correspondence* – мухбирнома, *reference* – маълумот ва ғ. **Мисол**: *A good portion of the narrowness results from the tendency for media development to be seen: if television use is increasing, cinema* ***attendance*** *must be falling; if people are using television for news, newspaper use must be declining* [David, 2009, p. 19]. *Online letters offer newsrooms a stream of readily formatted material, typically increasing both the volume of* ***correspondence*** *and the ease with which edits can be made and details clarified with authors* [Chris, 2009, p. 842-843].

8. *Истилоҳот бо пасванди -ion.* Пасванди исмсоз **-ion** (**-ation, -ification**), ки амал ва ҳолатро ифода мекунад, дар сохтори истилоҳоти рӯзноманигории забони англисӣ аз ҳама серистеъмолтарин мебошад ва ин гуна вожаҳо панҷяки шумораи умумии истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд. «Ин пасванди баромадаш лотинӣ се алломорф дорад: вақте ки бо феъли бандаки **-ify** дошта меояд, **-ion** ба **-ification** табдил меёбад (*personification* – таҷассум кунонидан, инсонангорӣ). Ҳангоме ки бо феъли бо **-ate** анҷомёфта меояд, мо **-ion**-ро дарёфт мекунем (ҳамзамон ҳамсадои охирини асос аз [t] ба [ʃ] табдил мегардад, *hyphenation* – автоматӣ ҳичо ё калимотро ҷудо навиштан) ва дар ҳолатҳои боқимонда мо алломорфи **-ation**-ро ба даст меорем (*starvation* – гуруснагӣ, *colonization* – мустамликакунонӣ)» [Plag, 2002, p. 114].

V+-ification: *personification* – таҷассум кунонидан, *typification* – типикунонӣ ва ғ.; **V+-ion**: *creation* – эҷод, *correction* – тасҳеҳот ва ғ.; **V+-ation**: *information* – иттилоот, *argumentation* – санаднокӣ ва ғ. **Мисол**: *Tuchman uncovered "routinization" which journalists undertake daily and the modes of* ***classification*** *and* ***typification*** *such as hard news, soft news, spot news, continuing* [Chris, 2009, p. 306]. *The detailed* ***argumentation*** *and* ***conceptualization*** *of these phenomena offered by technological* ***innovation*** *researchers will be the most useful*

one for the analysis of the Internet adoption in online newsrooms [Domingo, 2006, p. 145].

9. *Истилоҳот бо пасванди -ness.* Пасванди исмсози **-ness** бештар аз сифат ва сифати феълӣ исмҳои нави дорои мафҳуми муҷаррад месозад. Он аз забони англисии қадим гирифта шудааст. Вижагии ин пасванд дар он аст, ки он метавонад бо асосҳое, ки аллакай дар таркиби худ пасвандҳои *-y*, *ous*, *-ive*, *-ed*, *-ish*, *-less*, *-ary*, *-ant* доранд, ояд. Он муодили пасванди исмсози тоҷикии **-ӣ** мебошад. Дар забони ҳозираи англисӣ пасванди сермаҳсул аст:

A+-ness: *awareness* – бохабарӣ, *abstractness* – мафҳумӣ, *consciousness* – маърифат ва ғ. **Мисол**: *By creating broad **awareness** of new products, advertising encourages diffusion of innovation and more rapid adoption of new technologies, thereby ensuring a steady stream of product innovation and improvement* [Chris, 2009, p. 879].

10. *Истилоҳот бо пасванди -ity.* Пасванди **-ity** аз сифатҳо бо тағйири овоии асос исмҳои дорои мафҳуми ҳолату сифат месозад ва бо пасвандҳои исмсози тоҷикии **-ият** ва **-ӣ** айнияти дорад. Он аз *-ite*-и фаронсавии қадим сарчашма гирифта, дар асл аз «itas»-и забони лотинии қадим пайдо шудааст. Пасванди **-ity** дар забони имрӯзаи англисӣ бо пасванди –**ness** муродиф аст. Аз ин сабаб забоншиноси рус О. Д. Мешков ҳодисаҳои аз ҳамон як асос сохта шудани ҷуфти вожаҳо ҳам бо **-ity**, ҳам бо **-ness**-ро қайд кардааст [Мешков, 1976, с. 232]. Масалан: objectiv**ity** (холисият) ва objective**ness** (холисият).

Пасванди **-ity** ҳамчун пасванди дараҷаи дуюм метавонад бо асосҳое, ки аллакай дар таркиби худ пасвандҳои *-ic*, *-ar*, *-ary*, *-or*, *-ive* доранд (бо тағйироти овоии ин пасвандҳо), ояд ва истилоҳоти гуногуни рӯзноманигорӣ созад.

A+-ity: *interactivity* – ҷолибсозӣ, *validity* – дурустӣ, *popularity* – маъруфият, *novelty* – навгонӣ ва ғ. **Мисолҳо**: *As news organizations began to adopt discussion boards in their early years of developing an online presence, as*

journalists saw the increase in user ***interactivity*** *as a threat to their profession* [Chris, 2009, p. 424].

11. *Истилоҳот бо пасванди -ive.* Пасванди сифатсози **-ive** аз феълҳо сифатҳои нисбии ифодакунандаи табиату сифат, шаклу монандиро месозад:

V+-ive: *constructive* – созанда, *exclusive* – такрорнашаванда. **Мисол**: *These papers offer a critical and* ***constructive*** *examination of public journalism, the controversial movement aimed at getting journalists to promote* [Chris, 2009, p. 2289].

12. *Истилоҳот бо пасвандҳои -ent, -ant.* Пасвандҳои исмсози **-ent, -ant,** ки иқтибосӣ (аз забони лотинӣ) мебошанд, низ аз феълҳо вожаҳои ифодакунандаи касбу кор месозанд:

V+-ent: *opponent* – муқарриз, *respondent* – пурсидашаванда;

V+-ant: *communicant* – ахборотдиҳанда. **Мисол**: *Following an 1882 scandal when Pulitzer's chief editorial writer murdered a political* ***opponent****, Pulitzer left St. Louis for New York* [Chris, 2009, p. 1167]. ***Communicant*** *– истеъмолгар – субъекти иртибот. Иштирокчӣ, истеъмолгари иттилоот* [Иматшоева, 2015, с. 21].

13. *Истилоҳот бо пасванди -ous.* Пасванди сифатсози **-ous** низ аз исмҳо вожаҳои дорои аломату сифат месозад:

N+-ous: *officious* – ғайрирасмӣ, *tendentious* – ғаразнок. **Мисол**: *I have refrained from* ***officious*** *tinkering [with the translation] for its own sake, but a translator's loyalty is to the original author, and in trying to be faithful to Proust's meaning and tone of voice I have been obliged* [Munday, 2001, p. 32].

14. *Истилоҳот бо пасванди -ize.* Пасванди феълсози **-ize** аз исмҳо феъл месозад.

N+-ize: *authorize* – муаллифият (*иҷозат додан аз ҷониби муаллиф*), *idealize* – аз будаш зиёд тасвир кардан. **Мисол**: *Describing the business of publication as a public nuisance does not obscure the substance of the proceeding which the statute* ***authorizes*** [Chris, 2009, p. 1491].

15. *Истилоҳот бо пасванди -ly.* Пасванди зарфсози дараҷаи дуюм **-ly** бештар аз сифатҳо, инчунин аз исмҳо, шумораҳои тартибӣ ва сифати феълӣ (герунд) зарф месозад:

A+-ly: *earnestly* – яқинан; **PP1+-ly**: *knowingly* – бошуурона, дидаву дониста. **Мисол**: *For 40 years after diversity finally became a principal value of American journalism in the late 1960s, news institutions endeavored* ***earnestly****, but with only qualified success* [Chris, 2009, p. 439]. *The FCC can only review licensees though it may fine stations for* ***knowingly*** *broadcasting false information* [Chris, 2009, p. 573].

Басомади истеъмоли пасвандҳоро дар истилоҳоти сохтаи рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ муайян мекунем. Мувофиқи ҷадвали басомадҳо пасвандҳои аз ҳама серистеъмолтар *-ion, -ing, -ity, -ism, -or* ва *-er* мебошанд.

Истилоҳоти сохта бо ёрии ҳам пешванду ҳам пасвандҳо дар забони англисӣ. Бо ёрии ҳам пешванду ҳам пешванд сохта шудани вожаҳо-истилоҳот дар забони англисӣ сермаҳсул набошад ҳам, падидаи муқаррарӣ аст.

Дар забони англисӣ баъзе чунин намунаҳоро бо мисолҳои мушаххас дар боло, ҳангоми таҳлили пешвандҳои ҷудогона оварда будем: **im-** (*impartiality* – холисона), **in-** (*inversion* – аз нав ҷобаҷокунӣ), **de-**(*denomination* – номгузорӣ), **re-** (*repercussion* – вокуниш), **inter-** (*interpretation* – маънидод), **pre-** (*prediction* – пешгӯйӣ), **ex-** (*exposition* – ташреҳ), **mis-** (*misinformation* – гӯлзанӣ). Азбаски мақсади мо фақат нишон додани пешвандафзоӣ дар забони англисӣ буд, ин истилоҳотро таҳлили пурраи сохторӣ накардем. Акнун нишон медиҳем, ки онҳо бо намунаҳои зерин сохта шудаанд:

de-+N = de-+V+-ion: *denomination* – номгузорӣ;

ex-+N = ex-+V+-ion: *exposition* – ташреҳ;

im-+N = im-+V+-al+-ity: *impartiality* – холисона;

in-+N = in-+V+-ion: *inversion* – аз нав ҷобаҷокунӣ;

inter-+N = inter-+V+-ion: *interpretation* – маънидод;

mis-+N = mis-+V +-ion: *misinformation* – гӯлзанӣ.

pre-+N = pre-+V+-ion: *prediction* – пешгӯйӣ;

re-+N = re-+V+-ion: *repercussion* – вокуниш;

Намунаҳои дигар:

con-+N+-ous+-ness: *consciousness* – маърифат;

inter-+V+-er: *interviewer* – мусоҳибакунанда;

re-+V+-er: *reviewer* – шореҳ. **Мисолҳо**: *His muckraking work included what is referred to as a "critical* ***consciousness****" of journalism* [Chris, 2009, p. 175]. *People are infinitely fascinated with other people, and therein lies the central appeal of being an* ***interviewer*** *on radio, television, or cable* [Chris, 2009, p. 783]. *If not retained by the* ***reviewer****, recorded or digital media, such as tapes or disks, must be destroyed or returned to the provider* [Chris, 2009, p. 1644].

Хулоса. Дар забони англисӣ истилоҳоти сохтаи рӯзноманигорӣ аз вожаҳои сода бо василаи пешванд ва пасвандҳо сохта мешаванд. Пешвандҳои серистеъмол *inter-, re-* ва *im-* пасвандҳои аз ҳама серистеъмолтар *-ion, -ing, -ity, -ism, -or* ва *-er* мебошанд.

2.2.3. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти сохта дар забони тоҷикӣ

Истилоҳоти сохта бо ёрии пешвандҳо дар забони тоҷикӣ. Таҳлил нишон дод, ки дар забони тоҷикӣ танҳо ду пешванд – **бе-** ва **ҳам-** дар истилоҳофаринӣ сермаҳсултаранд.

1. *Истилоҳот бо пешванди бе-*. Пешванди **бе-** набудани касе, ҳодисае ва ё предметро мефаҳмонад. Мисоли истилоҳоти сохта, ки ин пешванд ба кор бурда шудааст:

бе-+N: *бедалел* – on one's bare word, *бемаслакӣ* – indifference toward(s) politics, *беном* – anonymous author. **Мисолҳо**: ***Бедалел*** *– дар бораи чизе беасос музокира рондан* [Муродов, 2016, с. 34]. ***Бемаслакӣ*** *– муносибати аз сиёсат дур* [Муродов, 2016, с. 35]. *Аноним,* ***беном*** *– навиштаи беимзо* [Муродов, 2016, с. 16].

2. *Истилоҳот бо пешванди ҳам-.* Пешванди **ҳам-** танҳо дар калимасозии исм иштирок карда, аз исм исмҳое месозад, ки ҳамроҳӣ, шарикӣ ва муносибати ду тарафаи шахс ва предметҳоро мефаҳмонад. Истилоҳоти сохтае, ки ба воситаи пешванди **ҳам-** сохта мешаванд:

ҳам-+N: *ҳаммонанд* – identification, *ҳамсуҳбат* – interlocutor. **Мисолҳо**: *Дар матбуоти муосир ин **ҳаммонандӣ** дар сармақолаҳои нашрияи «Шарқи Озод» (30.06.2011–07.03.2012), ки ба қалами сардабир – Хайрандеш тааллуқ доранд, мушоҳида мешавад* [Атоев, 2019, с. 117]. *Маърифату маънавиёти баландаш **ҳамсуҳбатро** мутаваҷҷеҳ карда метавонад* [Қутбиддин, 2019, с. 51].

3. *Истилоҳот бо пешвандҳои бар-, дар-, но-.* Бо пешвандҳои **бар-**, **дар-**, **но-** танҳо яктоӣ истилоҳи сохта дарёфт гардид. Истилоҳи «барнома» калкаи вожаи лотинии «program» аст. Пешванди **дар-** бо асоси замони гузаштаи феъл исмҳои номи амал месозад. Пешванди **но-** аз реша вожаи зидмаъно месозад:

бар-+N: *барнома* – program. **дар-+V**: *дархост* – inquiry. **Мисолҳо**: *Телевизион ва радиошунавонии хориҷӣ ҳадафҳои гуногун дошта, дар баробари муаррифии давлати пахшкунандаи **барномаҳо** метавонад мақсадҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ дошта бошад* [Муқим, 2021, с. 3]. *Дар байни онҳо на фақат ҷавоб ба 25 саволи газета, инчунин пешниҳоду **дархост**, эроду танқид, фикру мулоҳизаҳои муфассал ҳам ҳаст...* [Нуралиев, 1989, с. 66].

Басомади истеъмоли пешвандҳоро дар истилоҳоти сохтаи рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ муайян дар шакли ҷадвал овардем.

Истилоҳоти сохта бо ёрии пасвандҳо дар забони тоҷикӣ. Пасвандҳо дар истилоҳоти рӯзноманигории забони тоҷикӣ низ ба тарзи фаровон истифода мешаванд ва ба истилоҳоти сохта тобишҳои маъноӣ мебахшанд. Аз миёни онҳо серистеъмолтарин пасвандҳои **-а, -ак, -анда, -ат, -гар, -иш, -ия, -ият, -ӣ** (**-вӣ, -гӣ**), **-она, -от, -ча** буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ истилоҳ месозанд.

1. *Истилоҳот бо пасванди -а.* Пасванди **-а** дар забони тоҷикӣ якчанд омоморфема дорад. Омоморфемаи асосии он аз исмҳо исми нав месозад, ки он ба асоси вожа аз ягон ҷиҳат монанд будани вожаи сохтаро мефаҳмонад:

N+-а: *сомона* – site, *ҳангома* – sensation, *шероза* – headband ва ғ. **Мисол**: *Ин омил ҳатто дар шароити феълӣ хоси* ***сомонаҳо*** *низ ҳаст:* «***сомонаҳои*** *маҳдуд (маҳаллӣ), ки танҳо дар доираи маҳалли ҷойгиршавиашон дастрасанд»* [Қутбиддинов, 2018, с. 56].

Омоморфемаи дувуми пасванди **-а** аз феъл сифати феълии намуди якумро месозад, ки қисман маънои луғавии худро маҳфуз дошта, ба исм табдил меёбад. Дар онҳо асосии замони гузашта ё ҳозираи феъл ба сифати реша хизмат мекунад. Мисолҳо бо АЗҲ ва АЗГ:

V(азҳ)+-а: *намуна* – ideal, *ханда* – laugh; **V(азг)+-а**: *зада* – stress, *фишурда* – thesis. **Мисолҳо**: *Зимнан, дар ёд доштан зарур аст, ки таъсирнокии ҳаҷв аз* ***ханда*** *вобаста аст. Яъне ҳаҷвнавис бояд хандида тавонад ва эҳсос кунад, ки дар куҷо ришханд, дар куҷо писханд ва дар куҷо лабханд бояд бошад* [Нуралиев, 1989, с. 146]. *Мусоҳибаи* мазкурро **фишурдаи** «**фишурда**»*-и як очерки портретӣ метавон ҳисоб кард* [Қутбиддин, 2014, с. 45].

Ғайр аз омоморфемаҳои номбурда дар забони тоҷикӣ боз як омоморфемаи пасванди **-а** ҳаст, ки аз забони арабӣ ҳамроҳи вожаҳои иқтибосии арабӣ омадааст. Ин пасванд дар забони арабӣ вожаҳои ҷинси занона месозад. Дар забони тоҷикӣ ин пасванд аз исмҳо исмҳои нави мушаххас месозад:

N+-а: *воқеа* – event, *қарина* – context, *лавҳа* – sketch, *мақола* – article ва ғ. **Мисол**: *Муҳим он аст, ки ҳар* ***мақола*** *гояи сиёсии моро ифода кунад,* ***воқеа*** *ва протсессҳоро амиқ таҳлил намояд, барои ҳалли масъалаҳои умдаи рӯз кумак кунад* [Нуралиев, 1989, с. 6].

2. *Истилоҳот бо пасванди -гар.* Пасванди **-гар** дар исмсозӣ исмҳои шахс месозад, ки маънoҳои гуногун доранд, аз исмҳои мушаххас исмҳои шахс месозад, ки истилоҳи касбу ҳунарро мефаҳмонанд:

N+-гар: *истеъмолгар* – communicant, *таҳиягар* – producer. **Мисол**: *Аломати асосии бозори иттилоотӣ низоми ташкил, ҷамъоварӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти ахбори ба* ***истеъмолгарон*** *мебошад* [Муродов, 2016, с. 37].

3. *Истилоҳот бо пасванди -ӣ.* Пасванди **-ӣ** бо алломорфҳо (вариантҳои овоию маъноии морфема)-яш **-вӣ** ва **-гӣ** се омоморфема (морфемаи омоним) дорад:

а) ҳамчун пасванди исмсоз аз сифатҳо исм месозад. Баромади таърихиаш аз пасванди паҳлавии **-ih**: *dānāg+-ih – dānāgih* (доноӣ) [MacKenzie, 1986, p. 24].

б) ҳамчун пасванди сифатсоз аз исмҳо сифат месозад. Аз пасванди **-ig**-и забони форсии миёна (паҳлавӣ) баромадааст: *dēn+-ig – dēnig* (динӣ) [MacKenzie, 1986, p. 26].

в) пасванди арабиасли **-ӣ**, ки аз вожаҳои иқтибосии арабӣ исм месозад: *зиё+-ӣ – зиёӣ, иҷтимоъ+-ӣ – иҷтимоӣ*.

Пасванди исмсози **-ӣ** аз исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва ихтисос исмҳое месозад, ки номи амал ва соҳаи фаъолият ё ин ки мафҳумҳои муҷаррад (абстракт) мефаҳмонанд.

Пасванди сифатсози **-ӣ** аз исмҳо вожаҳое месозад, ки нишона, аломат, ҳолат ва хусусиятро ифода мекунанд.

А+-ӣ: *муаррифӣ* – presentation, *дурустӣ* – validity ва ғ. **N+-ӣ**: *зиёӣ* – intelligentsia, *иҷтимоӣ* – social, *эҳсосӣ* – emotional ва ғ**. Мисолҳо**: *Мухбири пуртаҷриба маълумоти аз суҳбат гирифтаашро месанҷад. Ҳамаи ин барои* ***дурустӣ*** *ва ҳаққонияти хабар аҳаммияти калон дорад* [Нуралиев, 1989, с. 55]. *Дар солҳои 1990-1991 ин маҷалла аз обрӯмандтарин ва серхонандатарин нашрияҳои Тоҷикистон буд. Вай ба хонандагони босавод ва* ***зиёӣ*** *такя мекард* [Усмонов, 2008, с. 262].

Зимнан агар реша бо садонокҳои **а** ва **и** (**ӣ**) хотима ёбад, пасванди **-ӣ** ба алломорфҳои **-вӣ** ва **-гӣ** табдил меёбад:

N+-вӣ: *фосилавӣ* – discreteness; **N+-гӣ**: *холигӣ* (фазои холӣ дар ороиши рӯзнома) **–** air. **Мисолҳо**: ***Фосилавӣ*** *– имконияте, ки метавонад дар шароити муайян пайдо шавад. Дар шакли қисматҳои алоҳида инъикос намудани ҳолати*

инсон воқеа [Муродов, 2016, с. 388]. ***Холигӣ*** *– фазои холи дар ороиши рӯзнома* [Муродов, 2016, с. 396].

Пасванди –**ӣ** метавонад баъзан ба пасванди дараҷаи дуюм табдил ёбад, яъне бо дигар пасвандҳои исму сифатсоз (-**вар**, -**вор**, -**гар**, -**гон**, -**нок**) омада дар маҷмуъ исмҳои дорои мафҳумҳои ҷомеъ ва муҷаррад месозад:

N+-вор+-ӣ: *сӯгворӣ* (некролог) – obituary; **N+-гон+-ӣ**: *навгонӣ* – novelty. **Мисолҳо**: ***Сӯгворӣ****, матне, ки дар хусуси фавти ин ё он шахси барӯманд хабар медиҳад, зиндагиномаи ӯро мухтасаран бозгӯ мекунад ва бо суханҳои алвидоӣ ҷамъбаст мегардад* [Муродов, 2016, с. 227]. *Дар он чӣ навигарие ҳаст? посух нест, вале аз лиҳози маълумотнокӣ ва тасаввурбахшӣ ин хабар* ***навгонӣ*** *буда, дар он факти асосӣ, ки бархӯрди киштиҳо мебошад, вуҷуд дорад* [Атоев, 2019, с. 227].

Дар забонҳои ҳозираи тоҷикӣ ва англисӣ бо якчанд пасванд омадани вожаҳои сохта мушоҳида мешавад, ки тадричан воқеъ шудани раванди вожасозиро нишон медиҳад. Чунончи, дар истилоҳи **таъсирнокӣ** ду пасванд: -**нок** ва -**ӣ** дида мешавад, ки барои муайян намудани пояҳои вожасозии ин қабил вожаҳо ёрӣ мерасонад: **таъсир+нок+ӣ**. Пояи якуми вожасозӣ бо пасванди -**нок** ва пояи дуюми он бо пасванди -**ӣ** сурат гирифтааст. Агар дар пояи якум (**таъсирнок**) сифат сохта шуда бошад, дар пояи дувум (**таъсирнокӣ**) ин вожа ба исм табдил ёфтааст. «Ин тарзи калимасозӣ бо дигар суффиксҳо. ки исми шахс месозанд, ва суффикси -**ӣ** низ мушоҳида мешавад… Ин тарзи калимасозӣ хеле қадимӣ буда, торафт инкишоф ёфтааст. Дар натиҷаи таъсири ҳамдигарии асосу суффиксҳо раванди якшавии ин ду суффикс ба амал омада, баъзеи онҳо аллакай ҳамчун суффикси мураккаб сурат гирифтаанд, аз ин рӯ дар забон калимаҳои шаклан якхелае вомехӯранд, ки яке дорои як суффикс ва дигаре дорои ду суффикс мебошанд. Ин ҳолат боиси он шудааст, ки дар муайян кардани асоси аслӣ, асоси сохта ва суффиксҳо дар байни забоншиносони тоҷик ақидаи ягона мушоҳида намешавад» [Рустамов, 1981, с. 108].

Ин падида дар забони англисӣ низ вомехӯрад. Масалан, пасванди **-ity** метавонад пас аз пасвандҳои **-ic, -ar, -ary, -or, -ive, -al** ояд: *popul+-ar+-ity* – маъруфият, *imparti+-al+-ity* – холисона.

4. *Истилоҳот бо пасванди -иш.* Пасванди **-иш** аз асоси замони ҳозираи феъл исмҳо-истилоҳоте месозад, ки номи амали муайянеро ифода мекунанд. Ин пасванд қадимӣ буда дар забони форсии миёна (паҳлавӣ) дар шакли -išn вомехӯрад: *dān+-išn – dānišn* (дониш) [MacKenzie, 1986, p. 24].

V(азҳ)+-иш: *дониш* – knowledge, *нигориш* – survey, *ороиш* – illustration ва ғ. **Мисол**: *Вале Латифӣ, ки* ***донишу*** *таҷриба дошт, бо андешаю проблемагузориҳояш бисёр вақт ба ин чиз муваффақ мешуд* [Усмонов, 2008, с. 248].

5. *Истилоҳот бо пасвандҳои -ак ва -ча.* Пасвандҳои **-ак** ва **-ча**, ки барои ифодаи хурдию навозиш ва болидахотирӣ хидмат мекунанд, бо исмҳои ғайришахс низ омада мафҳумҳои нав месозад:

N+-ак: *канорак* – sidehead; **N+-ча**: *бурутча* – cat's whiskers, *дебоча* – preamble; **V(азҳ)+-ак**: *бандак* – copula. **Мисолҳо**: *Вақтҳои охир ҳамчунин сарлавҳаҳоеро* ***канорак*** *меноманд, ки дар қолиби як сутун аз тарафи чапи матн чида мешаванд* [Муродов, 2016, с. 127]. ***Бурутча*** *(усик) – ромбчаи ду тарафаш борик, ки бо мақсади ҷудокунии калимаҳо истифода мешавад. Ин аломат асосан ҳангоми таҳрири матн истифода мешавад* [Муродов, 2016, с. 40]. ***Бандакҳо*** *– порчаи матне, ки вазифаи алоқамандгардонии унсурҳои композитсиониро иҷро мекунад. Масалан, байни иқтибосот* [Муродов, 2016, с. 30].

6. *Истилоҳот бо пасванди -анда.* Пасванди **-анда** (**-янда**) бо асоси замони ҳозираи феъл сифати феълӣ месозад. Дар ин намуди сифати феълӣ дар натиҷаи амали дастурии конверсия мафҳуми иҷрокунандаи амал бартарӣ пайдо карда, хусусиятҳои исм бештар мегарданд. Ин гуна исмҳои сохта ба истилоҳ табдил ёфта, дар ин маврид шахси иҷрокунандаи амали решаро мефаҳмонанд. Дар бархе аз АЗҲ, ки бо **-о** (**-ой**) тамом мешаванд

(*намо, саро, ой, кушо* ва ғ.) пасванди **-анда** ҳамчун **-янда** талаффуз ва навишта мешавад.

V(азҳ)+-анда: *намоянда* – ombudsmen, *созанда* – constructive, *шунаванда* – listener. **Мисол**: *Ба таъбири дигар, муаллифи тақриз шахсест, ки* ***нависандаи*** *асарро бо хонанда,* ***шунаванда*** *ё* ***бинанда*** *шинос мекунад* [Нуралиев, 1989, с. 90-91].

7. *Истилоҳот бо пасванди -она.* Пасванди **-она** ва алломорфи он **-ёна** бо вожаҳое меояд, ки на сифати ашёҳои мушаххас, балки аломати амал ва аломати аломатро эзоҳ медиҳанд ва дар ибораҳо сифати исмҳои амалу маъниро ифода мекунанд:

А+-она: *холисона* – sincerely,

Вақтҳои охир ҳодисаҳои бо ин пешванд ба тарзи сунъӣ аз асоси замони ҳозираи феъл сохтани исм ба чашм мехӯранд:

V(азҳ)+-она: *расона* – media. **Мисол**: *Масалан,* ***расонаи*** *мазкур солҳои охир мавзуи ҳамҷинсгароёнро дар Тоҷикистон бардошта, онро як амали табиӣ ва маъмулӣ арзёбӣ мекунад* [Муқим, 2008, с. 38].

8. *Истилоҳот бо пасванди -ият.* Пасванди иқтибосии арабии **-ият** аз исмҳо ва сифатҳои иқтибосии арабӣ ва ғайриарабӣ барои сохтани мафҳумҳои муҷаррад истифода мешавад:

N+-ият: *айниият* – identity, *касбият* – professionalism ва ғ. **А+-ият**: *қобилият* – ability, *маъруфият* – popularity, *муҳиммият* – importance ва ғ. **Мисол**: ***Айниият*** *(идентичность) – шабоҳат, мувофиқ омадан бо чизе, ё касе* [Муродов, 2016, с. 9].

9. *Истилоҳот бо пасванди -ия.* Пасванди **-ия** низ ба мисли **-ият** мафҳумҳои ҷомеъ ва муҷаррад месозад. Ин пасванд низ арабӣ буда асосан бо решаҳои иқтибосии арабӣ меояд. Айниият доштанаш бо пасванди **-ият** боз дар он аст, ки дар забони арабӣ ин ҳар ду як пасванданд. Фақат гуногунхонӣ дар забони тоҷикӣ онҳоро аз ҳам ҷудо кардааст:

N+-ия: *иттиҳодия* – association, *назария* – theory, *саҳмия* – action, *эъломия* – declaration ва ғ. **Мисол**: *Аввалин* ***иттиҳодияҳои*** *иттилоотӣ*

оҷонсиҳои иттилоотии асри XIX («Волф» дар Олмон, «Гавас» дар Фаронса, «Рейтер» дар Британияи Кабир) буданд [Муродов, 2016, с. 300].

10. *Истилоҳот бо пасванди -от.* Пасванди ҷамъбандии арабӣ **-от** дар сохтори истилоҳоти рӯзноманигорӣ на танҳо исмҳои ҷамъ месозад, балки боз ба онҳо тобиши нави маъноӣ ё ҳатто маънои нав медиҳад:

N+-от: *зуҳурот* – occurrence, *изҳорот* – application, *иттилоот* – information, *ташреҳот* – annotation ва ғ. **Мисол**: *Жанри пародия барои адабиёт ва матбуоти тоҷик* ***зуҳуроти*** *нав нест, гарчи дар бораи он хеле ва хеле кам гуфтаему навиштаем* [Нуралиев, 1989, с. 161].

11. *Истилоҳот бо пасванди -ат.* Пасванди **-ат** низ дар вожаҳои аслан арабӣ аз сифат исми маънӣ месозад:

А+-ат: *муносибат* – intercourse, *мухолифат* – contradiction ва ғ. **Мисол**: ***Муносибат*** *дар умум додугирифти иттилоотиест, ки тарафҳо дар як вақт ҳам ба сифати манбаи иттилоот ва ҳам қабулкунандаи он амал мекунанд* [Муродов, 2016, с. 444].

13. *Истилоҳот бо пасванди -нок.* Пасванди **-нок** сифатсоз буда аз исмҳо сифатҳои нисбии дорои аломату хусусияти иловагӣ месозад.

N+-нок: *ғаразнок* – tendentious. **Мисол**: *Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки ин расонаҳо тарғиботи сиёсӣ мебаранд, ахбори ғайривоқеӣ ва* ***ғаразнок*** *пахш карда, баъзе ақидаҳоро ҳамчун хабар пешниҳод мекунанд* [Атоев, 2019, с. 73].

Басомади истеъмоли пасвандҳоро дар истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ муайян мекунем ва дар ҷадвал меорем. Аз ҷадвал равшан аст, ки пасвандҳои *-ият, -а, -ӣ, -от* ва *-иш* нисбатан серистеъмоланд.

Истилоҳоти сохта бо ёрии ҳам пешванду ҳам пасвандҳо дар забони тоҷикӣ. Ин тарзи сохта шудани вожаҳо-истилоҳот дар забони тоҷикӣ ҳам сермаҳсул нест.

Намунаи вожа-истилоҳоте, ки дар забони тоҷикӣ ҳам бо пешванд ва ҳам бо пасванд сохта шудаанд, инҳоанд:

бар-+V(азг)+а: *баргузида* – elite. **Мисол**: *Идеологияи сиёсӣ аз рӯйи афзалият аслиҳаи руҳии* ***баргузидаҳо*** *маҳсуб меёбад* [Муродов, 2016, с. 94].

боз-+V(азҳ)+ӣ: *бозсанҷӣ* – appeal. **Мисол**: ***Бозсанҷӣ*** *(апелляция) – яке аз шаклҳои ҳалли шикоятҳои судӣ байни даъвогар ва идораи нашрия ё журналистон* [Муродов, 2016, с. 37].

во-+V(азҳ)+иш: *вокуниш* – repercussion. **Мисол**: *Сипас дар бораи* ***вокунишҳо*** *дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дар бораи эътирозҳои Эрон гузориш дода шуд* [Муқим, 2021, с. 24].

ҳам-+N+ӣ: *ҳамоҳангӣ* – empathy. **Мисол**: *Ҷараёнҳои иттилоотиро дарк менамояд ва мутобиқу мувофиқ бо* ***ҳамоҳангӣ*** *ба табъу завқи аудитория чизе таҳия менамояд* [Қутбиддинов, 2018, с. 56].

Хулоса. Дар забони тоҷикӣ низ истилоҳоти сохтаи рӯзноманигорӣ бо пайвастани пешванд ва пасвандҳо ба асосҳо ё вожаҳои сода сохта мешаванд. Пешвандҳо дар забони тоҷикӣ серистеъмол нестанд, вале пасвандҳои серистеъмолтарин *-ият, -а, -ӣ, -от* ва *-иш* мебошанд.

Умумият ва фарқияти роҳҳои сарфии ташаккули истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои муқоисашаванда. Роҳҳои сохташавии истилоҳоти сохтаи рӯзноманигорӣ дар ҳар ду забон аз ҳам фарқи куллӣ надоранд.

Умумият: Дар ҳар ду забон: а) истилоҳоти сохта бо роҳи ба асос васл гардидани пешванд ва пасвандҳо ташаккул меёбанд, миёнвандҳо бошанд ду асосро бо ҳам пайваста истилоҳи мураккаб месозанд; б) пасвандҳо назар ба пешвандҳо сермаҳсултар мебошанд; в) вандҳо аксаран исм месозанд, дар ҳолати ҷонишин, сифат, шумора, зарф, масдар, сифати феълӣ сохтани онҳо, ин ҳиссаҳои нутқ низ дар истилоҳоти рӯзноманигорӣ баъзан ба вазифаи исм меоянд; г) пасиҳам омадани ду ва ё зиёда пасванд. Масалан, дар забони англисӣ пасванди **-ity** метавонад пас аз пасвандҳои **-ic**, **-ar**, **-ary**, **-or**, **-ive** ояд. Дар забони тоҷикӣ бошад, пасванди **-ӣ** пас аз пасвандҳои **-вар**, **-вор**, **-гар**, **-гон**, **-нок** омаданаш мумкин аст; д) бештар вандҳои аслии забон корбурд шаванд ҳам, вандҳои иқтибосӣ низ кам нестанд. Масалан, дар забони англисӣ қариб ҳамаи пешвандҳо (аз забони лотинӣ), пасвандҳои **-ism**, **-ist**, **-ion**, **-ity**, **-ent, -ant** (аз забони лотинӣ), **-ence** ва **-ance (**аз забони

фаронсавӣ) иқтибосӣ мебошанд. Дар забони тоҷикӣ бошад, пасвандҳои **-а** (омоморфемаи сеюмаш), **-ия**, **-ият**, **-от**, **-ан**, **-ат** аз забони арабӣ иқтибос шудаанд.

Фарқият: Истилоҳоти сохта дар забони тоҷикию англисӣ як зайл нестанд, баъзе истилоҳоти сохтаи тоҷикӣ дар забони англисӣ бо вожаҳои мураккаб ва ё ибораҳо ифода мегарданд. Мисол: *шероза* дар забони тоҷикӣ истилоҳи сохта аст, вале дар забони англисӣ ин мафҳум вожаи мураккаб мебошад: *headband***.** Истилоҳоти сохтаи *беном* ва *бурутча* дар забони англисӣ мувофиқан бо таркибҳои *anonymous author* ва *cat's whiskers* ифода мегарданд.

2.3. Роҳҳои ташаккули истилоҳоти мураккаби рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

2.3.1. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти мураккаби рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ

Вожабандӣ. Вожаҳои мураккаб дар забони англисӣ аз ҷиҳати сохтор 4 намуди асосӣ доранд:

1. Аз асосҳои сода иборатанд (*door-step* – остона*, age-long* – садсола), аз он ҷумла пайвастани асосҳо тавассути миёнванд (интерфикс)-ҳои **-o-**, **-i-** ва **-s/z-** (*Anglo-Saxon* – англосаксонӣ*, tragicomic – фоҷиавӣ-мазҳакавӣ, tradesman* – пешавар).

2. Аз як асоси сода ва як асоси сохта. Масалан, исмҳои мураккаби намуди **N+V+-er** (*piano-player* – пианинонавоз), **N+V+-ing** (*book-binding* – саҳҳофӣ); сифатҳои мураккаби намуди **A+N+-ed** (*long-legged* – дарозпой*, snub-nosed* – бинипучук), **N+N+-ed** (*doll-faced – кӯдакчеҳра*), **N+V+-ed** (*snow-covered* – барфпӯш), **Num+N+-ed** (*two-sided – дутарафа*);

3. Вожаи мураккаб, ки як ҷузъаш ихтисора аст (*V-day* – Рӯзи Ғалаба*, A-bomb* – бомбаи атомӣ).

4. Вожаи мураккаб, ки як ҷузъаш вожаи мураккаб аст (*postmaster-general* – вазири почта) [Харитончик, 1992, с. 165; Судиловская, 2018, с. 53; Фамина, 2018, с. 27].

Таҳлили сохтории истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ ин, пеш аз ҳама, таҳлили сарфии онҳост. Зимни он, қабл аз ҳама, мо бояд муайян кунем, ки вожаҳои мураккаб ба кадом ҳиссаҳои нутқ тааллуқ доранд.

В. Адамс аз рӯйи нисбат доштан ба ҳиссаҳои нутқ чор гурӯҳи асосии вожаҳои мураккабро муайян кардааст: исм, сифат, феъл ва сифати феълӣ [Adams, 1973:1984, p. 57–127].

О. Д. Мешков таъкид мекунад, ки дар сохтори вожаҳои мураккаби забони англисӣ исмҳои мураккаб бо намунаи N+N (исм+исм) аз ҳама бештар вомехӯранд [Мешков, 1985, с. 157].

З. А. Харитончик вожаҳои мураккаб ва мураккаби сохтаро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мекунад: исмҳо (N+N, A+N, V+N ва ғ.) ва сифатҳои мураккаб (N+A, A+A, N+PP2 ва ғ.). Ҳамаи намунаҳои вожасозӣ, ки ӯ зикр кардааст, вожаҳои мураккаби ба ҳамин ду ҳиссаи нутқ таллуқдошта месозанд [Харитончик, 1992, с. 165–166].

А. Карстейрз-Маккарти ба ғайр аз исмҳои мураккаб, боз феълҳо ва сифатҳои мураккабро номбар карда, феълҳои мураккаб (V+V, N+V, A+V, PP+V)-ро аз ҳама сермаҳсултар мешуморад [Carstairs, 2002, p. 60-63].

Б. Аартс вожаҳои мураккабро аз ҷиҳати таллуқ ба ҳиссаҳои нутқ ба исм, феъл, сифат, пешоянд, зарфҳои мураккаб ҷудо намудааст. Ӯ инчунин дар вожаҳои ҷузъҳои такроршаванда ё худ силсилаҳоро бори нахуст таҳлил карда, рӯйхати нисбатан пурраи онҳоро овардааст. Масалан, силсилаҳои *some-* (somehow, sometimes, somewhat), *al(l)-* (almost, already, also, altogether, always) ва ғ. [Aarts, 2011, p, 161].

Таҳлил нишон дод, ки 11,24 дарсади истилоҳоти интихобгардида вожаҳои мураккаби тобеъ буда, аксари онҳо исмҳои мураккаб мебошанд.

Исмҳои мураккаб. Ин навъ исмҳои мураккаб 17 навъро ташкил медиҳанд, ки 10 навъи онҳо дар поён бо мисолҳо шарҳ ёфтаанд:

1. **N+N** (исм+исм): *copyright* – ҳуқуқи муаллифӣ, *database* – хазинаи маълумот ва ғ. **Мисол**: *A problem of **copyright** is that an exclusive right vested in one **copyright** owner is at odds with the freedom of expression enjoyed by all other persons* [Chris, 2009, p. 367].

2. **N+if+N** (исм+if+исм): *editor-in-chief* – сармуҳаррир. **Мисол**: *His successor, Nikita Khrushchev, also used the press as a weapon against his opponents, but exercised more control over Izvestia, where he appointed his 35-year-old son-in-law as **editor-in-chief*** [Chris, 2009, p. 1235].

3. **N+o+N** (исм+о+исм): *bus-o-rama* – басорама. Ин истилоҳи сунъӣ дар қолаби *diorama* ва *panorama* сохта шудааст. «*Басорама – лавҳа ва ё навиштаҷоти рекламавии ранга, ки дар тана ва болои воситаҳои нақлиёт ҷой дода мешаванд*» [Муродов, 2016, с. 34].

4. **N+s+N** (исм+s+исм): *landscape* – пейзаж, *newspaper* – рӯзнома. **Мисол**: *More recently, the emergence of media conglomerates, cable television, and interactive webbased media again has altered the advertising* ***landscape*** [Chris, 2009, p. 25].

5. **N+V** (исм+феъл): *press-release* – варақаҳои матбуотӣ, *photomontage* – фотомонтаж ва ғ. **Мисол**: *The Dadaists invented the use of collage and* ***photomontage*** *in magazine design, and they were the first to place photos in a storytelling sequence, the essence of photojournalism* [Chris, 2009, p. 863].

6. **N+V+-er** (исм+феъл**+**-er): *radio-announcer* – натток, *tape-recorder* – магнитофон. **Мисол**: *New York local-news front man and* ***radio-announcer*** *Douglas Edwards took over the CBS newscast, of which he would remain anchor for more than a dozen years, during which it became Douglas Edwards with the News* [Chris, 2009, p. 560].

7. **N+s+V+-er** (исм+s+феъл**+**-er): *newsmaker* – тавлидгарони ҳаводис. **Мисол**: *If we have a chance to interview a* ***newsmaker*** *on a charter or private jet, we reimburse the news source for the reasonable rate of the costs incurred – for example, standard airfare* [Chris, 2009, p. 1664].

8. **N+V+-ing** (исм+феъл**+**-ing): *broadcasting* – пахши барнома, *proofreading* – хонда ислоҳ кардан. **Мисол**: *Egyptian* ***broadcasting*** *is among the most important services in the region* [Chris, 2009, p. 34].

9. **N+(N+V+-er)** (исм+(исм+феъл**+**-er)): *videotape-recorder* – дастгоҳ барои сабти тасвироти телевизионӣ. **Мисол**: *Building on magnetic audiotape technology, the Ampex Corporation introduced the first professional* ***videotape-recorder*** *(VTR)* [Chris, 2009, p. 1189].

10. **A+N** (сифат+исм): *blackmail* – таҳдид, *hot-news* – навигарии пурхурӯш. **Мисол**: *Some even involved putting a kind of pressure on those whose*

private lives were invaded that was barely distinguishable from ***blackmail*** [Fowler-Watt, 2013, p. 231].

Феълҳои мураккаб:

1. **N+V** (исм+феъл): *lithoprint* – чопи сангӣ кардан [Виноградский, 1993, с. 248].

Бленд:

1. *admass* – аудиторияи зудбовар. **Мисол**: ***Admass*** – *аудиторияи зудбовар (пазирандаи хабарҳои рекламавӣ)* [Курянов, 1993, с. 13].

Вожаҳои мураккаби неоклассикӣ. Дар забони англисӣ гурӯҳи махсуси истилоҳоти рӯзноманигорӣ мавҷуданд, ки аз вожаҳои мураккаби неоклассикӣ – *neo-classical compounds* иборатанд. «Бисёр унсурҳои классикӣ, монанди *micro-*, *-scope*, *tele-*, *-graph* ҳар чӣ бештар дар вожаҳои нав вомехӯранд: агарчанде онҳо «хоричӣ» менамоянд ва дар пайвастагӣ бо вожаҳои ба худашон монанд меоянд, вале сермаҳсуланд» [Adams, 1973:1984, p. 31]. Яъне вожаҳои мураккаби неоклассикӣ аз асосҳои юнонӣ ё лотинӣ бо пайвастани ҷузъҳои *-(a)emia, -cephaly, -cide, -crat, -ectomy, -gamy, -geny, -gerous, -grade, -gram, -graph(y), -lithic, -logy, -meric, -merous, -morph, -morphous, -nomy, -onym, -opia, -opsy, -pathy, -phil(e), -phobe, -phone, -saurus, -scope, -stasia, -stat, aer(o)-, andr(o)-* ва ғ. сохта мешаванд [Adams, 1973:1984, pp. 128-134, 183-188; Aarts, 2011, p. 65-67].

Истилоҳоти мураккаб аз вожаҳои неоклассикӣ: *manuscript* – дастнавис, *microphone* – микрофон, *pseudonym* – тахаллус, *television* – телевизион ва ғ. **Мисолҳо**: *Copyright describes, for example, an author's right to reproduce a book* ***manuscript****, an artist's right to duplicate his painting, or a musician's right to perform an original score* [Chris, 2009, p. 365]. *The small staff wrote both under their own names and under* ***pseudonyms****, a practice that made their numbers appear larger than the reality* [Chris, 2009, p. 664].

Хулоса. Дар забони англисӣ истилоҳоти мураккаби рӯзноманигорӣ асосан исмҳо мебошанд. Аз ин гуна исмҳо ягона намуди серистеъмол намунаи N+N (исм+исм) аст.

2.3.2. Вижагиҳои сохтории истилоҳоти мураккаби рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ

Вожабандӣ. Ш. Рустамов бар истиснои усули сарфии сохта шудани вожаҳо боз 5 роҳи вожасозиро номбар мекунад, ки ба назари мо асоситаринаш воситаи «синтаксисию морфологӣ: а) исмҳои мураккаб б) исмҳои омехта» [Рустамов, 1981, с. 95] мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки роҳи наҳвиву сарфии вожасозӣ усули сермаҳсултари сохтани вожаҳои мураккаб (мураккаби тобеъ) ба шумор меравад.

Забоншиносони тоҷик се роҳи асосии наҳвии аз ибораҳо сохта шудани вожаҳои мураккабро муайян кардаанд:

1. ***Аз ибораҳои изофӣ*** бо *факки изофат* («шакли роста»). Факки изофат «афтодани бандаки изофӣ» гуфтан аст. Дар ин усули вожасозӣ бандаки изофии ибораи изофӣ меафтад ва ибора ба вожаи мураккаб табдил меёбад. Масалан, истилоҳи мураккаби *нусхаасл* (applique' work) шакли ивазшудаи ибораи изофии *нусхаи асл* мебошад, бо роҳи факки изофат сохта шудааст.

Дар ибораҳои изофӣ вожаи асосӣ (*нусха*) ҳамеша пеш аз вожаи тобеъ (**асл**), ки эзоҳдиҳандаи вожаи асосӣ аст, меояд ва бандаки изофӣ мегирад. Ҳамин тартиб низ дар вожаи мураккаб (*нусхаасл*) нигоҳ дошта мешавад. Вале бо сабаби факки изофат ибора вижагии синтаксисии худро гум мекунад ва ба вожаи мураккаб табдил меёбад.

Бо вуҷуди ин гуфтаҳо чунин тарзи вожасозӣ дар забони адабии тоҷик сермаҳсул нест. Ҷойи ҷузъҳои калимаи мураккабро, ки бо усули факки изофат ба ҳам васл шудаанд, иваз кардан аз имкон берун аст» [Рустамов, 1981, с. 146]. Яъне истилоҳи «*сармақола*»-ро ҳеҷ гоҳ «*мақоласар*» гуфтан мумкин нест.

2. ***Аз ибораҳои ғайриизофӣ*** ва изофӣ бо *факки изофати билқалб* («шакли чаппа»). Ин гурӯҳи истилоҳоти мураккаб ба ибораҳои ғайриизофии исм нисбат доранд ва хеле сермаҳсул мебошанд. Онҳоро ба ибораҳои изофии чаппа (билқалб) айнияти додан мумкин аст. Зеро дар ин гурӯҳи истилоҳоти мураккаб ҷузъи асосӣ на дар ҷойи якум, балки дар ҷойи

дуюм меистад. Масалан, истилоҳи *буриданамоиш* (videoclip) мувофиқан аз шакли қадимии иборасозии «бурида намоиш», ки ҷузъҳояш бо алоқаи ғайриизофӣ, яъне ҳамроҳӣ омадаанд, сохта шудааст. Ҷузъи асосии чунин ибора (намоиш) ҳамеша пас аз вожаи тобеъ ва эзоҳдиҳанда (бурида) меояд.

3. ***Аз ибораҳои феълӣ***. Ин гурӯҳи вожаҳои мураккаби тобеъ аз ибораҳои феълӣ баромадаанд. Ин вожаҳо низ аз ду ҷузъ иборатанд. Ҷузъи якум ҳиссаи номии нутқ (аксаран исм) буда ашёро мефаҳмонад. Ҷузъи дуюм феъл аст ва амалро мефаҳмонад. Дар маҷмуъ вожаи мураккаб муносибати амалро ба ашё нишон дода мафҳуми нав эҷод мекунад. Масалан, дар истилоҳи *китобсоз* (handbook man) муносибати амал (*сохтан*) ба ашё (*китоб*) мушоҳида мешавад. Дар натиҷа вожа мафҳуми нав – *китобсоз* –шахсе, ки амали сохтанро нисбат ба китоб анҷом медиҳад.

Ин гурӯҳи вожаҳо асосан бо ду роҳ сохта мешаванд: 1) аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл; 2) аз исм ва асоси замони гузаштаи феъл.

Бо роҳҳои якуму дувум қариб ҳамаи хелҳои вожаи мураккаб сохта мешавад, вале вожаҳои ифодакунандаи шахс, касб ва машғулияти ӯ (масалан, *китобсоз*) аксариятро ташкил медиҳанд. Ҷузъи якуми вожаи мураккаб (*китоб*) ба объекти пеша ва машғулияти шахс ишора мекунад. Баъзан ин вожаҳои мураккаб ашё ва мафҳумҳои муҷаррадро низ ифода мекунад. Масалан, *нишонрас* (capsule). Он гоҳ муносибати ҷузъи дувум ба ҷузъи якум ба муносибати амал ба субъект баробар аст.

4) ***аз феълҳои таркибӣ***. Дар забони тоҷикӣ аз қабили *интихоб кардан, ирсол кардан, истеҳсол кардан, фаъол гардонидан, хабар расонидан, хабардор кардан, мувофиқ шудан, муайян кардан, ворид кардан, идора кардан, гӯл задан, сухан рондан, бадном кардан, мусоҳиба кардан* даҳҳо ва садҳо феъли таркибӣ мавҷуд аст, ки ҳар кадом як мафҳуми мушаххасро ифода мекунад. Исмҳои мураккабе, ки аз ин гуна феълҳои таркибӣ сохта мешаванд, амали муҷаррадеро мефаҳмонад, ки ба объекти амал эҳтиёҷ дорад.

Истилоҳоти мураккаби рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ. Аз таҳлил бармеояд, ки 9,76 дарсади истилоҳоти интихобгардида вожаҳои мураккаби тобеъ буда, аксари онҳо исмҳои мураккаб мебошанд.

Исмҳои мураккаб бо факки изофат:

1. **N+N** (исм+исм): *сармақола* – editorial, *сархат* – lead ва ғ. **Мисолҳо**: *Ин қабил мақолаҳои беимзо ва баъзан имзодорро* ***сармақола*** *меноманд* [Нуралиев, 1989, с. 84]. *Дар дарки матни хаттӣ (хониш) воҳидҳои нисбатан калон: ибора, ифода,* ***сархат*** *ва амсоли ин ба сифати воҳиди фаврии маърифат амал мекунанд* [Муродов, 2016, с. 63].

Исмҳои мураккаб аз ибораҳои ғайриизофӣ:

1. **N+N** (исм+исм): *дастхат* – manuscript, *мухбирнома* – correspondence ва ғ. **Мисол**: ***Мухбирнома*** *яке аз шаклҳои инъикоси публитсистии воқеият дар матбуоти даврагӣ буда, дар доираи муайяни маҳдуд ҳамчун зуҳуроти фактҳои ҷудогона ба вуқуъ мепайвандад* [Нуралиев, 1989, с. 75].

2. **N+N+-ӣ** (исм+исм+-ӣ): *аъзоҳаққӣ* – membership dues. **Мисол**: ***Аъзоҳаққӣ*** *– маблағи муайяне, ки ба тарзи мудовим ҳар як аъзо ба фонди ташкилоти худ мегузаронад ва ё месупорад* [Муродов, 2016, с. 27].

3. **A+N** (сифат+исм): *бисёрнусха* – factory house, *кӯтоҳхабар* – chronicle ва ғ. **Мисолҳо**: *Factory house –* ***бисёрнусха*** *– нашрияи корхона, ташкилот ва муассисаи таълимӣ, ки бо теъдоди на он қадар зиёд чоп мешавад* [Иматшоева, 2015, с. 36].

4. **A+N+-ӣ** (сифат+исм+-ӣ): *ошкорбаёнӣ* – publicity. **Мисол**: *Зеро дар шароити* ***ошкорбаёнӣ*** *ва демократия ба назар гирифтани афкори омма аз шартҳои муҳимми такомули ҳаёти иҷтимои, иқтисодӣ ва маданӣ мебошад* [Нуралиев, 1989, с. 7].

5. **Adv+N** (зарф+исм): *зермаъно* – underlying idea, *пешхабар* – announcement ва ғ. **Мисолҳо**: ***Зермаъно*** *– матни маънои маҷозидошта, ки матлаби нигорандаро ифода мекунад* [Муродов, 2016, с. 92]. ***Пешхабар*** –

…хабаре, ки дар бораи чорабинии дарпешистода маълумот медиҳад [Муродов, 2016, с. 262].

6. **PP1+N** (сифати феълии 1+исм): *буриданамоиш* – videoclip. **Мисол**: ***Буриданамоиш*** *ба мақсади реклама низ истифода мешавад* [Муродов, 2016, с. 40].

Исмҳои мураккаб аз ибораҳои феълӣ ва феълҳои таркибӣ:

1. **N+V(азҳ)** (исм+азҳ): *наворбардор* – operator, *хабарнигор* – reporter ва ғ. **Мисол**: *Дар ин рӯйихат номи Маҳастии Дӯстмурод, ки барои радио мавод менавишт ва ҳамчун* ***наворбардор*** *аз моҳи сентябри соли 2017 то моҳи августи соли 2018 фаъолият мекард, нест* [Муқим, 2021, с. 61].

2. **N+V(азг)** (исм+азг_феъл): *маънидод* – interpretation. **Мисол**: *Хизмати шоистаи С. Ализода боз дар он аст, ки барои* ***маънидоди*** *муҳимтарин воқеаву рӯйдодҳо, навигариҳои чашмрас дигар аҳли қаламро низ ба кори матбуот ҷалб мекард* [Нуралиев, 1989, с. 82].

3. **N+V(азҳ)+-анда** (исм+азҳ_феъл+-анда): *ирсолкунанда* – addresser, *мусоҳибакунанда* – interviewer ва ғ. **Мисол**: *Дар он* ***мусоҳибакунанда*** *мавқеъ надорад, вале мусоҳиб фаъол аст* [Атоев, 2019, с. 101].

4. **N+V(азҳ)+-ӣ** (исм+азҳ_феъл+-ӣ): *арзёбӣ* – estimation, *таҳлилгарӣ* – analytics, *суханронӣ* – speech ва ғ. Ин гуна вожаҳоро Ш. Рустамов як намуди исмҳои омехта медонад [Рустамов, 1981, с. 164]. **Мисол**: *Дар саҳифаҳои он як қатор мақола ва шеърҳои С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, А. Алиев, Қ. Дайламӣ, Н.Махсум, Ч. Имомов чоп шудаанд, ки дар онҳо тараққии маориф ва мактаби тоҷик ҳамчун муҳимтарин зарурияти шароити онрӯза* ***арзёбӣ*** *мешаванд* [Усмонов, 2008, с. 109].

5. **N+V(азҳ)+-он+-ӣ** (исм+азҳ_феъл+-он+-ӣ): *аниқгардонӣ* – verification, *хабаррасонӣ* – inform ва ғ. **Мисол**: *Системаи ахбори умум, яъне журналистика вазифаи* ***хабаррасонӣ*** *ва* ***мувофиқгардонии*** *иҷтимоиро дорад…* [Усмонов, 1999, с. 83].

Исмҳои мураккаб аз вожаҳои мураккаби сеҷузъа. Ш. Рустамов ба ин гурӯҳ вожаҳои мураккаберо дохил мекунад, ки аз се ҷузъи маънодор (асос)

иборат мебошанд. Сохтори ин гуна вожаҳо ба тарзи сохтани вожаҳои мураккабе, ки дар боло дида баромадем, гоҳо мувофиқат кунад ҳам, баъзан аз онҳо фарқ мекунад [Рустамов, 1981, с. 163].

1. **(N+N)+V(азҳ)** ((исм+исм)+феъл_азҳ): *рӯзноманигор* – journalist. **Мисол**: *Фаҳмам, ки* ***рӯзноманигор*** *ё ягон ходими газета манфиати хешро аз манфиати умум ва ҷамъият боло гузоштааст, … фош месохтаму кафшашонро пеш мемондам* [Нуралиев, 1989, с. 66].

2. **N+(N+N)** (исм+(исм+исм)): *радиорӯзнома* – radiopaper. **Мисол**: ***Радиорӯзнома*** *– шакли журналистикаи радиоӣ, ки дар давраи аввали ташаккули радио ба сифати маҷмуи барномаҳои иттилоотӣ, тартибӣ ва маводи публитсистиву бадеӣ маъмул буд* [Муродов, 2016, с. 274].

Исмҳои мураккаб аз вожаҳои омехта:

1. **A+V(азҳ)+-ак** (сифат+феъл_азҳ+-ак): *баландгӯяк* – microphone. **Мисол**: *Сергей* ***баландгӯякро*** *дар дохили автобус ба даст гирифта, ҳар як манзара, хиёбон ва биноеро, ки аз наздаш мегузарем, муфассал шарҳ медиҳад* [Қутбиддин, 2011, с. 65].

2. **A+V(азҳ)+-ӣ** (сифат+феъл_азҳ+-ӣ): *гӯлзанӣ* – misinformation, *ҷолибсозӣ* – interactivity ва ғ. **Мисол**: *Усули нави* ***ҷолибсозӣ*** *ба зоҳир вобастагии амиқ дорад* [Қутбиддинов, 2018, с. 145].

3. **Adv+V(азҳ)+-ӣ** (зарф+феъл_азҳ+-ӣ): *пешгӯйӣ* – prediction. **Мисол**: *Мухбирнома ба ин ҳодисаю воқеаҳои зиндагӣ баҳо дода, ояндаи онҳоро* ***пешгӯйӣ*** *ҳам мекунад* [Нуралиев, 1989, с. 80].

4. **PrP+N+V(азҳ)+-ӣ** (пешоянд+исм+феъл_азҳ+-ӣ): *банақшагирӣ* – planning, **PrP+PN+V(азҳ)+-ӣ** (пешоянд+ҷонишин+феъл_азҳ+-ӣ): *баҳамоӣ* – association. **Мисолҳо**: *… марҳилаи омодагӣ, яъне* ***банақшагирӣ****, коркарди фаъолгардонии чорабиниҳои рекламавӣ, ҷалби аудиторияи ҳадафнок, мутахассисон, экспертҳо, аз санҷиши тестӣ гузаронидани онҳо…* [Муродов, 2016, с. 416]. *Ассосиатсия –* ***баҳамоӣ*** *– ҷараёни ба вуҷуд омадани алоқаи маъноӣ байни образ ва таассурот* [Муродов, 2016, с. 23].

Сифатҳои мураккаб аз вожаҳои омехта:

1. **PN+N+-а** (ҷонишин+исм+-а): *ҳамакора* – universal. **Мисол**: *Нигориш як жанри универсалию* ***ҳамакора*** *аст* [Нуралиев, 1989, с. 101].

2. **N+N+-манд** (исм+исм+-манд): *обрӯманд* – authorized. **Мисол**: ***Обрӯманд*** *– аз тарафи омма эътирофшуда. Мутахассис, аз ҷумла рӯзноманигоре, ки бо кору пайкор ва эҷоди худ дар ҷомеаи меҳнатӣ ва берун аз он писанд гардидааст, мардум ба фикру андешааш эътибор медиҳанд, фаъолияташ сазовори арзиши баланд аст* [Муродов, 2016, с. 239].

3. **PrP+N+-ӣ** (пешоянд+исм+-ӣ): *қаблазжурналистӣ* – pre journalism, *сарироҳӣ* – exclusive. **Мисолҳо**: ***Қаблазжурналистӣ*** *– фаъолияти мақсадноки паҳн намудани ахбору маълумоти муайян миёни омма* [Муродов, 2016, с. 146]. *Очеркро дар Ғарб таҳти истилоҳоти «навиштаҳои* ***сарироҳӣ****», «лаҳзаҳо», «портретҳо» ва «манзараҳо» низ ёд мекунанд* [Нуралиев, 1989, с. 133].

Хулоса. Дар забони тоҷикӣ низ ба сифати истилоҳоти мураккаби рӯзноманигорӣ асосан исмҳо хизмат мекунанд. Дар миёни ин гуна исмҳо намудҳои N+V(азҳ)+-ӣ, N+N, N+V(азҳ) ва A+V(азҳ)+-ӣ нисбатан сермаҳсул мебошанд.

2.3.3. Вижагиҳои сохтории ибора-истилоҳот дар забони англисӣ

Дар забони англисӣ ибора ва таркибҳое, ки ба истилоҳ табдил меёбанд, аз ҷиҳати муносибати байни ҷузъҳояшон хусусиятҳои муайянкунандагӣ (атрибутивӣ), пуркунандагӣ (комплетивӣ) ва ҳамроҳӣ (копулятивӣ)ро доро мебошанд [Смирницкий, 1957, с. 174–184]. Яъне агар дар ибораи исмӣ ҷузъи асосӣ исм бошад, ҷузъҳои тобеъ метавонанд муайянкунанда (attribute) – ATTR, пуркунанда (object, complement) – OBJ, ҳол (adverbial phrase) – ADV бошанд.

Муносибати байни вожаҳои ибора аз хелҳои гуногуни алоқаи дастурӣ (грамматикӣ) вобаста аст. Забоншиноси рус А. И. Смирниский дар забони англисӣ 4 хели алоқаи байни вожаҳоро муайян кардааст: 1) тартиби

вожаҳо; 2) шаклҳои грамматикӣ (пешванд, пасванд ва бандакҳо); 3) вожаҳои ёрирасон (пешоянд ва пайвандакҳо); 4) оҳанг (интонатсия) [Смирницкий, 1957, с. 57-60].

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ асосан аз ибораҳои исмӣ иборатанд. Мо ҳангоми таҳлил аз рӯйи алоқаи дастурӣ ибораҳои исмиро бе се гурӯҳ: 1) бевосита (алоқа бо тартиби вожаҳо ё пасояндҳо); 2) пешояндӣ (алоқа бо пешоянду пайвандакҳо); 3) омехта (дорои нишонаҳои ҳар ду гурӯҳ) ҷудо кардем.

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз ибораҳои исмӣ. Ибораҳои исмии бевосита. Дар ибораҳои исмии бевосита тартиби вожаҳо ва пасвандҳои *-al, -ary, -ic, -ly, -ous -'s,-ing, -ive* нақши муҳим мебозанд. Ҷузъи тобеи ин гуна ибораҳо аксаран муайянкунанда аст:

N + ATTR [N]: **print** *run* – адади нашр. **Мисол**: *In the printed picture, the dots or lines are too small to be seen with the naked eye, yet they are strong enough to endure a long newspaper* ***print run*** [Chris, 2009, p. 1057].

ATTR [N] **+ N**: *information* **value** – арзиши иттилоот, *interview* **technique** – маҳорати мусоҳибаорӣ, *press* **conference** – нишасти матбуотӣ ва ғ. **Мисол**: *Under the expression techniques of conversation, a great variety of qualitative* ***interview techniques*** *are found: in-depth, biographical and group techniques* [Palacios, 2007, p. 140].

ATTR [N+-al] **+ N**: *editorial* **board** – ҳайати таҳририя, *informational* **activity** – фаъолияти иттилоотӣ, *international* **broadcasting** – радиошунавонии байналхалқӣ ва ғ. **Мисол**: *As part of government-sponsored* ***informational activities, international broadcasting*** *also presents an important public diplomacy tool* [Chris, 2009, p. 1420].

ATTR [N+-al + N] **+ N**: *traditional mass* **media** – ВАО-и анъанавӣ. **Мисол**: *The second challenge is a broader process of social change that (using the new technologies available) drives young audiences away from the* ***traditional mass media*** [David, 2010, p. 41].

ATTR [N+-ary] **+ N**: *literary* **type** – типи адабӣ, *military* **reporting** – репортажи ҷангӣ ва ғ. **Мисол**: *If the highest position is occupied by an innovative* ***literary type****, then the lower strata are likely to be occupied by increasingly conservative types* [Munday, 2001, p. 110].

ATTR [N+-ic] **+ N**: *dramatic* **effect** – таъсирнокӣ, *journalistic* **ethics** – ахлоқи рӯзноманигорӣ, *public* **opinion** – афкори ҷомеа ва ғ. **Мисол**: *The growth of television, starting in the late 1940s, had a* ***dramatic effect*** *on the advertising industry* [Chris, 2009, p. 20].

ATTR [N+-ic + N] **+ N**: *electronic mass* **media** – ВАО-и электронӣ. **Мисол**: *This helpful pocket volume covers a lot of ground, including chapters on the First Amendment in perspective, defamation, privacy, obscenity, restraint for purposes of national security, free press-fair trial, freedom to gather news, and regulation of* ***electronic mass media*** [Chris, 2009, p. 2275].

ATTR [N+-ly] **+ N**: *weekly* **newspaper** – ҳафтанома. **Мисол**: *Asia Observer is a* ***weekly newspaper*** *catering to an American South Asian readership published in New Jersey but distributed throughout North America* [Chris, 2009, p. 114].

ATTR [N+-ly + N] **+ N**: *hardwarily broadcast* **system** – низоми муҷаҳҳази пахш. **Мисол**: *These "telephone newspapers" operated as early wired* ***hardwarily broadcast systems****, offering a mix of news, lectures, and a wide range of other information and entertainment options (including church services, concerts, and class lessons)* [Chris, 2009, p. 1380].

ATTR [N+-ous] **+ N**: *anonymous* **letter** – навиштаи беимзо, *humorous* **content** – мундариҷаи ҳаҷвӣ. **Мисол**: *In early 2004 an* ***anonymous letter*** *to the editor triggered an internal investigation into the conduct of Kelley, who resigned – but continued to deny the charges – after some of the drafts were found on his office computer* [Chris, 2009, p. 1275].

ATTR [N+-'s] **+ N**: *author's* **right** – ҳуқуқи муаллиф, *people's* **voice** – раъйи мардум ва ғ. **Мисол**: *Copyright describes, for example, an* ***author's right*** *to reproduce a book manuscript, an* ***artist's right*** *to duplicate his painting, or a* ***musician's right*** *to perform an original score business* [Chris, 2009, p. 365].

ATTR [N + A] **+ N**: *television short* **story** – ҳикояи телевизионӣ. **Мисол**: *Moreover, I consider the notion of perfomative discourse to clarify journalism studies because it draws attention to both the news item (the text or radio or* ***television short story****) and the context in which a journalistic story is produced* [Broersma, 2008, p. 18-19].

ATTR [A] **+ N**: *foreign* **reporter** – мухбири хориҷӣ, *independent* **press** – матбуоти мустақил, *live* **broadcast** – пахши мустақим ва ғ. **Мисол**: *Local and* ***foreign reporters*** *and editors cannot work unless annually licensed by the Ministry of Information* [Chris, 2009, p. 95].

ATTR [A+N] **+ N**: *round table* **discussion** – «мизи мудаввар». **Мисол**: *As with election initiatives, news organizations have used various information-gathering methods to identify problems of concern, elaborated on what residents can do to address given problems, and helped organize* ***round table discussions****, community forums, and local civic organizations* [Chris, 2009, p. 304].

ATTR [V+-ed] **+ N**: *printed* **materials** – маводи чопӣ, *published* **material** – маводи нашрӣ ва ғ. **Мисол**: *Additionally, desktop publishing systems can create signage, package designs, promotional items, newspapers and magazines, and other* ***printed materials*** [Chris, 2009, p. 395].

ATTR [V+-ing] **+ N**: *advertising* **agency** – оҷонсии рекламавӣ, *interesting* **material** – маводи шавқовар, *printing* **office** – матбаа ва ғ. **Мисол**: *Using that concept, he left his job to form the first* ***advertising agency*** [Chris, 2009, p. 20].

ATTR [V+-ive] **+ N**: *authoritative* **information** – иттилои боэътимод, *creative* **potential** – иқтидори эҷодӣ, *executive* **secretary** – котиби масъул ва ғ. **Мисол**: *Thinkers such as journalist and political commentator Walter Lippmann called for some institutional corrective for commercial media – in Lippmann's case, expert intelligence bureaus that would provide* ***authoritative information*** *to decision makers* [Chris, 2009, p. 637].

ATTR [Adv+-ing] **+ N**: *underlying* **idea** – зермаъно. **Мисол**: *The* ***underlying idea*** *was to provide the kind of broadcasting that might have been present had the respective countries been in the position to enjoy full media freedom* [Chris, 2009, p. 1419].

Ибораҳои исмии пешояндӣ. Дар ибораҳои исмии пешояндӣ пешояндҳои *of, of the* ҳамчун воситаи муносибати муайянкунандагӣ (ATTR) хидмат мекунанд:

N + ATTR [of+N]: **freedom** *of press* (**freedom** *of the press*) – озодии матбуот, **point** *of view* – нуқтаи назар, **system** *of press* – низоми матбуот ва ғ. **Мисол**: *Fundamental to journalistic freedom are the guarantees of article 5 of the German constitution, which ensures freedom of opinion and information and the* ***freedom of press****, broadcasting, and film* [Chris, 2009, p. 668].

N + ATTR [of the+N]: **implication** *of the frame* – зерматни навор, **freedom** *of the press* – озодии матбуот ва ғ. **Мисол**: *The underlying* ***implication of the frame*** *concept is that a story has more than one way of being told and that editorial decisions affect the way reality is transferred from its actual occurrence to its symbolic representation in the news* [Chris, 2009, p. 619].

N + ATTR [of + N + N]: **system** *of mass media* – системаи ВАО, **review** *of mass media* – хулосаи ВАО ва ғ. **Мисол**: *Governmental control of media, direct or indirect, has declined sharply in recent years and the country now has one of the freest* ***systems of mass media*** *in Asia* [Chris, 2009, p. 1041].

Ибораҳои исмии омехта. Дар ин гуна ибораҳои исмӣ ҳам пасвандҳо ва ҳам пешояндҳо муносибати муайянкунандагӣ (ATTR)-и ҷузъи тобеи ибораро таъмин мекунанд:

N + ATTR [of + N+-al + N]: **world** *of informational plenty* – ҷаҳони фаровонии иттилоотӣ, **formats** *of informational journalism* – шаклҳои рӯзноманигории иттилоотӣ ва ғ. **Мисол**: *As a consequence, we think we live in* ***a world of informational plenty*** *– the market provides hundreds of television channels, thousands of magazines and books and millions of Web sites* [Wahl-Jorgensen, 2009, p. 223].

N + and **+ N** + ATTR [of + N + N]: **role** *and* **function** *of mass media* – нақш ва вазифаҳои ВАО. **Мисол**: *The first attempt to systematically study the* ***role and function of mass media*** *within a specific social setting was the work of the Hutchins Commission in the 1940s* [Chris, 2009, p. 1393].

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз ибораҳои феълӣ. Дар ибораҳои феълӣ ҷузъи асосӣ феъл буда, алоқаи тобеъ бо муносибати пуркунандагӣ (OBJ) бевосита ё тавассути пешояндҳо анҷом мепазирад:

V + OBJ [a + N]: **bury** *a talent* – истеъдодро ба бод додан.

V + OBJ [out + N]: **sold** *out notice* – аншлаг.

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз ибораҳои пешояндӣ мафҳумҳои гуногуни аломату хусусиятро ифода мекунанд:

on + ATTR [Num+-s + A + N]: **on** *one's bare word* – бедалел.

Ихтисораҳо: *FM* (frequency modulation – модулятсияи басомадӣ), PR (public relation – робита бо ҷомеа), *TV* (television – телевизион), *USIA* (United States Information Agency – Оҷонсии иттилоотии ИМА), *VOA* (Voice of America – Садои Амрико), *www* (world wide web – ҳамбофти ҷаҳонӣ). **Мисол**: *Among his recent books are Sounds of Change: A History of* ***FM Broadcasting*** *in America (co-author, 2008) and Shaping American Tele communication* [Chris, 2009, p. xxiii]. *Dan Jackson and David McQueen examine a controversial and sensitive topic in news journalism: the blurring of the boundaries between news and* ***public relations (PR)*** [Fowler-Watt, 2013, p. viii].

Хулоса. Таҳлили ибора-истилоҳоти рӯзноманигории забони англисӣ нишон дод, ки дар онҳо ҳиссаи ибораҳои исмии муайянкунандагӣ ҳам аз ҷиҳати шумора ва ҳам басомади корбурд хеле калон аст. Дар миёни онҳо ибораҳои исмии намудҳои ATTR [N+-al] **+ N**, ATTR [N] **+ N**, ATTR [A] **+ N**, **N +** ATTR [of + N], ATTR [N+-ic] **+ N** аз ҳама бисёртар истифода мешаванд.

2.3.4. Вижагиҳои сохтории ибора-истилоҳот дар забони тоҷикӣ

Истилоҳоти таркибии рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ низ аз ибора ва таркибҳо иборатанд. Ибора дар забони тоҷикӣ – гурӯҳи вожаҳои ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқдошта аст, ки дар онҳо чунин воситаҳои алоқаи наҳвӣ: 1) алоқаи пешояндӣ, 2) алоқаи пасояндӣ, 3) алоқаи пешояндию пасояндӣ, 4) алоқаи ҳамроҳӣ ё тартиби ҷойгирии ҷузъҳо, 5)

алоқаи изофӣ, б) алоқаи изофию пешояндӣ, 7) алоқаи изофию пасояндӣ [Акрамов, 1977, с. 21] истифода мешаванд.

Ибораҳо аз рӯйи он ки кадом вожа ҷузъи асосии онҳост ва он ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ дорад, ба ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморавӣ, ҷонишинӣ ва феълӣ ҷудо мешаванд.

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ низ бештар аз ибораҳои исмӣ иборатанд. Мо ҳангоми таҳлил аз рӯйи алоқаи дастурӣ ибораҳои исмиро мисли ибораҳои забони англисӣ бе се гурӯҳ: 1) изофӣ (алоқаи наҳвии изофат); 2) пешояндӣ (алоқаи наҳвии вобастагӣ, яъне бо пешоянду пасоянд); 3) омехта (алоқаи наҳвӣ – ҳам изофат ва ҳам вобастагӣ) ҷудо кардем.

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз ибораҳои исмӣ. Ибораҳои исмии изофӣ. Дар ибораҳои исмии изофӣ бандаки изофӣ *-и* ҳамчун воситаи асосии алоқаи наҳвӣ нақши муҳим мебозанд. Ҷузъи тобеи ин гуна ибораҳо аксаран муайянкунанда (ATTR) аст. Бояд қайд кард, ки дар ибораҳои типи N+N бандаки изофӣ ба ҷузъи тобеъ ва дар ибораҳои типи N+A бошад, ба ҷузъи асосӣ пайваст мешавад:

ATTR [N+-и] **+ N**: *адади* **нашр** – print run, *арзиши* **иттилоот** – information value, *нуқтаи* **назар** – point of view ва ғ. **Мисолҳо**: *Зеро «Ба забонҳои таҳҷойӣ нашр кардани матбуоти ҷумҳуриҳои миллӣ. зиёд шудани* ***адади нашри*** *… онҳоро таъмин кардан лозим» буд* [Усмонов, 2008, с. 93]. *Дар он маълумот дар бораи воқеа (маҷлис, конференция) бештар аз* ***нуқтаи назари*** *муаллиф пешниҳод мешавад* [Нуралиев, 1989, с. 58].

N+-и + ATTR [A]: **оҷонсии** *иттилоотӣ* – informational agency, **бозори** *иттилоотӣ* – informational market, **маркази** *матбуотӣ* – press–centre ва ғ. **Мисол**: *Маҳз ин «асъор», бо иллати холигии* ***фазои иттилоотӣ*** *оммаро мутаваҷҷеҳ менамуду дар* ***бозори иттилоотӣ*** *дар гардиш буд* [Қутбиддин, 2014, с. 90].

N+-и + ATTR [Num]: **нусхаи** *дуюм* – duplicate. **Мисол**: *Дубликат –* ***нусхаи дуюм****, нусхаи иловагии асл ба қисми дастнавис, ки рақами он аз рақами*

матни асосӣ фарқ мекунад (ҷадвалҳо, эзоҳ, формулаҳо, иқтибосот ва ғайра) [Муродов, 2016, с. 72].

N+-и + ATTR [N+-и + N]: **низоми** *муҷаҳҳази пахш* – hardwarily broadcast system, **шӯрои** *идораи нашрия* – editorial council ва ғ. **Мисол**: ***Таҷаммуи таҷҳизоти студия*** *– таҷаммуи таҷҳизоти қисмати студияҳо ва ё студияҳои радиоҳо бо таҷҳизоти бандубастӣ, ки тавассути маркази иртиботӣ – таҷҳизоти марказӣ ба низоми воҳиди технологӣ алоқамандand* [Муродов, 2016, с. 355].

N+-и + ATTR [N+-и + A]: **таъмини** *амнияти иттилоотӣ* – security of informational ensuring, **дафтари** *қайди ҳаррӯза* – datebook, **саҳифаи** *чопи мошинӣ* – typewritten page ва ғ. **Мисол**: ***Консепсияи амнияти иттилоотӣ*** *– маҷмуи назарияҳои махсус барои* ***таъмини амнияти иттилоотӣ****, усулҳо ва воситаҳои ҳимояи манфиатҳои муҳиму ҳаётии шахсони алоҳида, ҷомеа ва давлат дар соҳаи иттилоот* [Муродов, 2016, с. 140].

N+-и + ATTR [A+-и + N]: **маводи** *муҳимми шумора* – tack of the number, **чопи** *электронии мавод* – electronic type-setting ва ғ. **Мисол**: ***Маводи муҳимми шумора*** *– маводи асосии аҳаммияти ҳаматарафа дошта (мавзуъ, ҳангома, фикр ва ғ.) дар шумораи рӯзнома ва ё барномаҳои радиоиву телевизионӣ* [Муродов, 2016, с. 160].

N+-и + ATTR [A+-у + A]: **таҳлили** *сифативу миқдорӣ* – content-analysis, **шартномаи** *ҳуқуқиву шаҳрвандӣ* – civil-legal-agreement ва ғ. **Мисол**: ***Шартномаи ҳуқуқиву шаҳрвандӣ*** *– шартнома байни идораи нашрия ва шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ* [Муродов, 2016, с. 429].

N+-и + ATTR [N+-и + N+-и + N]: **системаи** *воситаҳои ахбори омма* (ВАО) – system of mass media, **идораи** *воситаҳои ахбори омма* (ВАО) – mass media editorial office ва ғ. **Мисол**: *Дар боло мо ҷойи хабарро дар* ***системаи воситаҳои ахбори омма*** *ва таблиғ (ВАОТ) зикр кардем, акнун пеш аз идомаи мавзуи мавриди назар, барои дарки ҳарчи беҳтари масоиле, ки баъдан ҳаллу фасл мешаванд, бояд донем* [Усмонов, 1999, с. 6].

N+-и + ATTR [N+-и + N+-и + A]: **воситаҳои** *ахбори омма (ВАО)-и соҳавӣ* – sectorial mass media. **воситаҳои** *ахбори омма (ВАО)-и электронӣ* –electronic mass media, **воситаҳои** *ахбори омма (ВАО)-и ҷумҳуриявӣ* – republican mass media. **Мисол**: ***ВАО-и соҳавӣ*** *– нашрияҳое, ки, пеш аз ҳама, ба майлу рағбати хонандагони касбӣ равона шудаанд* [Муродов, 2016, с. 52].

N+-и + ATTR [A+-и + N+-и + N]: **ҳалли** *савтӣ/садоии барномаҳои радио* – vocal decision of broadcast. **Мисол**: ***Ҳалли савтӣ/садоии барномаҳои радио*** *– истифодаи маҷмуи муассири воситаҳои радио, ки дар он нақши асосиро сухан мебозад ва мусиқиву маҳал на вазифаи иловагӣ, балки сюжетиро иҷро мекунанд* [Муродов, 2016, с. 404].

N+-и + ATTR [A+-и + N+-и + A]: **шартҳои** *иқтисодии менеҷменти иттилоотӣ* – economical principals of informational management, **рӯзи** *байналхалқии ҳамраъйии рӯзноманигорон* – international solidarity day of journalists. **Мисол**: ***Шартҳои иқтисодии менеҷменти иттилоотӣ*** *– шарти даромаднокии нашрияи даврӣ; шарти таъмини рақобатпазирии он; шарти кифояти иқтисодӣ ва ё сарфакории иқтисодӣ дар кор* [Муродов, 2016, с. 430].

[N + ва +N]-и + ATTR [N+-и + A]: **сохт ва вазифаҳои** *иртиботи оммавӣ* – structure and function of mass communication. **Мисол**: ***Сохт ва вазифаҳои иртиботи оммавӣ*** *– аз нуқтаи назари консепсионалӣ вазифаҳои ИО бояд ҳимояи арзишҳои иҷтимоию инсонӣ ва ниҳодҳо дар якҷоягӣ бо муҳити атроф бошад* [Муродов, 2016, с. 319].

N+-и + ATTR [N + ва + N]: **ширкати** *телевизион ва радиошунавонӣ* – broadcast company. **Мисол**: ***Ширкати телевизион ва радиошунавонӣ*** *– ташкилоте, ки пахши барномаи телевизионӣ ва ё радиоиро бо фаро гирифтани танзим, ҷобаҷогузории вақти пахшу интиқоли барнома (тавассути эфир, кабел ё моҳвора) бевосита барои аудитория амалӣ месозад* [Муродов, 2016, с. 433].

Дар ин ибораҳои исмии изофӣ сифати феълӣ ё масдар ба исм гузашта, тамоми хусусиятҳои онро соҳиб шудааст:

PP+-и + ATTR [A]: **задаи** *тасвирӣ* – graphic accent, **навиштаи** *беимзо* – anonymous letter. **Мисолҳо**: ***Задаи тасвирӣ*** *– нуқтаеро махсусан ба қайд гирифтан; ба соҳаи суратгирӣ хос буда, дар кадр ҷудо намудани маркази асосии сужавию мавзуиро мефаҳмонад* [Муродов, 2016, с. 89].

PP+-и + ATTR [N]: **истифодабарандагони** *иттилоот* – information users. **Мисол**: ***Истифодабарандагони иттилоот*** *– объектҳое, ки ба системаи иттилоот ё ба миёнарав барои гирифтани маълумоти зарурӣ муроҷиат менамоянд* [Муродов, 2016, с. 112].

Inf+-и + ATTR [A]: **шунавонидани** *эфирӣ* – etheric broadcasting. **Мисол**: ***Шунавонидани эфирӣ*** *– пахши аломатҳои радио ва телевизион тавассути фазои эфирӣ* [Муродов, 2016, с. 435].

Ибораҳои исмии пешояндӣ. Дар ибораҳои исмии пешояндӣ пешояндҳои *дар, бо* истифода мешаванд. Ҷузъи тобеи пешояндҳои ин ибораҳо аксаран муайянкунанда (ATTR) мебошанд:

N + ATTR [дар + N]: **гуногунандешӣ** *дар зебоишиносӣ* – aesthetic pluralism, **рӯзнома** *дар рӯзнома* – newspaper in newspaper. **Мисол**: ***Рӯзнома дар рӯзнома*** *– дар дохили як рӯзнома ҷой додани мундариҷаи рӯзномаи дигар* [Муродов, 2016, с. 294].

N + ATTR [бо + N]: **робита** *бо ҷомеа* – public relation (PR). **Мисол**: *Ба қатори пиарсозон кормандони хадамоти матбуотӣ ва ё хадамот оид ба* ***робита бо ҷомеаи*** *сохторҳои тиҷоратӣ, хусусӣ ва мақомоти давлатиро дохил мекунанд* [Муродов, 2016, с. 263].

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз ибораҳои феълӣ. Феъл дар ибораҳои феълӣ ба воситаи алоқаи наҳвии ҳамроҳӣ ва вобастагӣ исм, ҷонишин, зарф, феъли ҳол ва масдарро ба худ тобеъ менамояд. Дар истилоҳоти таҳлилшаванда асосан ибораҳои феълии бо алоқаи вобастагӣ (пешоянду пасоянд) сохташуда мушоҳида гардид.

Дар ибораҳои феълӣ ҷузъи тобеъ пеш аз ҷузъи асосӣ омада, вазифаи пуркунанда (ATTR) ё ҳол (ADV)-ро иҷро мекунад:

ADV [N+-и + N] + **V**: *сари дуроҳа* **мондан** – dilemma. **Мисол**: *Дилемма –* ***сари дуроҳа мондан****, музокира ё хулосае, ки аз ду фикри ба ҳам зид иборат буда, яке аз онҳоро интихоб кардан зарур аст* [Муродов, 2016, с. 69].

OBJ [N+-ро] + **V**: *истеъдодро* **ба бод додан** – bury a talent. **Мисол**: ***Истеъдодро ба бод додан*** *– дар инкишофи маҳорату истеъдод беаҳамиятӣ зоҳир намудан; дар тарбияи камолоти касбии худ накӯшидан* [Муродов, 2016, с. 110].

OBJ [ба + N] + **V**: *ба мавод* **дохил кардан** – compose. **Мисол**: ***Ба мавод дохил кардан*** *– ба маводи саҳифабандишуда дохил намудани матн, акс ё расми нав* [Муродов, 2016, с. 29].

OBJ [аз + N + A] + **V**: *аз будаш зиёд* **тасвир кардан** – idealize. **Мисол**: ***Аз будаш зиёд тасвир кардан*** *(идеализировать) – низоми ғоя, таассурот, фаҳмиш, гуфтор дар шаклҳои гуногуни афкори иҷтимоӣ – фалсафа, сиёсат, ҳуқуқ, журналистика ва ғайра* [Муродов, 2016, с. 9].

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз феълҳои таркибӣ. Феълҳои таркибӣ гурӯҳи вожаҳое мебошанд, ки аз исму сифат ва ё шумора (аз ҳиссаҳои номии нутқ) ва феълҳои ёвар сохта шудаанд [Ҳалимиён, 2013, с. 24]. Масалан, феъли таркибии *тартиб додан* (compote). Фарқи феълҳои таркибӣ аз ибораҳои феълӣ дар он аст, ки дар феъли таркибӣ миёни вожаҳои он – ҳиссаи номӣ (*тартиб*) ва феъли ёвар (*додан*) ягон алоқаи наҳвӣ нест. Чунки феъли таркибӣ як аъзои ҷумла, як ҳиссаи нутқ аст, ҷузъи дувум – феъл (*додан*) дар ин ҷо мустақил набуда, балки вазифаи ёридиҳандагӣ дорад. [ГЗТ, 1956, с. 106-107]. Пас дар таркибҳои феълии зерин ҷузъи асосӣ ҳиссаи номӣ буда, феъли ёвар (ФЁ) ба он маънои амал медиҳад:

N + V (фё): *таҷассум кунонидан* – personification, *тартиб додан* – compote, *ислоҳ даровардан* – partition. **Мисол**: ***Таҷассум кунонидан*** *– алоқамандии зич ва устувор миёни ғоя – мундариҷаи эҷоди ин ё он барномаи*

радио ва ё телевизион бо шахсият, барандаи доимии барнома [Муродов, 2016, с. 356].

A + V (фё): *бекор кардан* – abolition. **Мисол**: *Аболитсия – (лот. abolition – бекор кардан, нобуд сохтан) –* ***бекор кардани*** *қонун, қарор ва дигар асноди ҳуқуқӣ* [Муродов, 2016, с. 6].

PP + N + V (фё): *хонда ислоҳ кардан* – proofreading. **Мисол**: ***Хонда ислоҳ кардан*** *– ҷараёни баъд аз таҳрир бодиққат коркард намудани мавод (ба хотири ислоҳи хатоҳои техникӣ ва имлоӣ)* [Муродов, 2016, с. 397].

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз ибораҳои пешояндӣ мафҳумҳои гуногуни аломату хусусиятро ифода мекунанд:

паси + N+-и + ATTR (PP): **паси** *дарҳои пӯшида* – behind the closed doors. **Мисол**: ***Паси дарҳои пӯшида*** *– вохӯриву ҷаласа, гуфтугӯву мулоқот ва дигар чорабиниҳое, ки дар ҷараёни онҳо иштироки рӯзноманигорон ҳатмӣ нест* [Муродов, 2016, с. 258].

Ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз ихтисораҳо: *ВАО* (воситаҳои ахбори омма – mass media), *АМИТ «Ховар»* (Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар»), *ОИ* (оҷонсии иттилоотӣ – information agency). **Мисолҳо**: *Нақши* ***ВАО*** *дар сиёсати хориҷӣ дар асри XXI боз ҳам муҳимтар арзёбӣ мешавад* [Муқим, 2021, с. 3].

АМИТ «Ховар» *дар доираи Ассотсиатсияи агентиҳои миллии иттилоотии Иттиҳоди давлатҳои мустақил шартномаи бисёрҷонибаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст* [Усмонов, 2008, с. 276].

Хулоса. Дар сохтори ибора-истилоҳоти рӯзноманигории забони тоҷикӣ, Чунон ки дар забони англисӣ мушоҳида гардид, саҳми ибораҳои исмии изофӣ ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам басомади корбурд хеле калон аст. Дар миёни онҳо ибораҳои исмии изофии намудҳои N+-и + ATTR [A], ATTR [N+-и] + N, N+-и + ATTR [N+-и + A] аз ҳама бештар корбурд мешаванд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки роҳҳои сохташавии истилоҳоти мураккаб ва ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои муқоисашаванда умумият ва фарқияти куллӣ надоранд.

Умумият: Дар ҳар ду забон: а) истилоҳоти мураккаб бо қонуниятҳои умумии сохта мешаванд (аз асосҳои сода, аз асосҳои сода ва сохта, аз асосҳои сода ва мураккаб); б) истилоҳоти мураккаби рӯзноманигорӣ асосан исмҳои мураккаби тобеъ буда, бештар аз ҷузъҳо – исмҳо сохта мешаванд. Дар сурати ба сифати ҷузъҳо ба кор рафтани дигар ҳиссаҳои нутқ ҳам истилоҳоти рӯзноманигорӣ ҳамчун исмҳои мураккаб ташаккул меёбанд; в) аз ҷиҳати мансубият ба ҳиссаҳои нутқ ибораҳо исмӣ, сифатӣ, феълӣ ва ғ. мешаванд; г) дар миёни ҷузъҳои ибораҳо (асосӣ ва тобеъ) муносибатҳои муайянкунандагӣ, пуркунандагӣ ва ҳолшарҳкунандагӣ мавҷуд аст.

Фарқият: а) тартиби ҷузъҳо дар ибора-истилоҳоти рӯзноманигории забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба ҳам мувофиқат намекунад. Масалан дар ибораҳои зерини исмию муайянкунандагии намуди ATTR [N] **+ N** дар забони англисӣ ҷузъи асосӣ дар ҷойи дуюм меистад: *information* **value**, *interview* **technique**, *press* **conference.** Вале дар муодилҳои тоҷикии онҳо – ибораҳои изофии исмию муайянкунандагии намуди **N**+ATTR [N]: **арзиши** *иттилоот*, **маҳорати** *мусоҳибаорӣ*, **конфронси** *матбуотӣ* ҷузъи асосӣ дар ҷойи якум меояд; б) баъзе аз ибора-истилоҳоти рӯзноманигории англисӣ дар забони тоҷикӣ бо як вожа ифода мешаванд: *dramatic* **effect** – таъсирнокӣ, *weekly* **newspaper** – ҳафтанома, *printing* **office** – матбаа, *underlying* **idea** – зермаъно, *sold out notice* – аншлаг, *on one's bare word* – бедалел. Вале ҳодисаҳои дар забони англисӣ бо як вожа ифода шудани ибора-истилоҳоти рӯзноманигории тоҷикӣ кам нест: **нусхаи** *дуюм* – duplicate, **дафтари** *қайди ҳаррӯза* – datebook, *сари дуроҳа* **мондан** – dilemma, *ба мавод* **дохил кардан** – compose, *аз будаш зиёд* **тасвир кардан** – idealize.

2.4. Майдони семантикии истилоҳоти рӯзноманигорӣ/journalism дар забонҳои таҳқиқшаванда

Назарияи *майдони семантикӣ* асосҳои умумияти маъноии вожаҳо, усулҳои таҳлили маъноӣ, хусусиятҳои гурӯҳҳои семантикӣ ва монанди инҳоро меомӯзад.

Дар илми забоншиносӣ майдони семантикӣ бо номҳои гуногун зикр мешавад: *майдони вожагӣ* (словесное поле), *майдони семантикӣ*, *парадигмаи луғавӣ-семантикӣ*, *майдони забонӣ*, *майдони мафҳумҳо*, *гурӯҳи семантикӣ*, *гурӯҳи луғавӣ-семантикӣ*, *гурӯҳи мавзуӣ* ва ғ. [Харитончик, 1992, с. 81].

Майдони истилоҳии рӯзноманигорӣ*/journalism* аз микромайдонҳои зиёде иборат аст, ки бо усулҳои ҷудокунии мантиқӣ ва мавзуӣ мураттаб мегарданд. Ин микромайдонҳо аз: 1) *рӯзноманигор*/journalist; 2) *иттилоот*/information; 3) *жанрҳои рӯзноманигорӣ*/journalistic genres; 4) *воситаҳои ахбори омма*/mass media; 5) *мундарича*/content); 6) *эҷод*/creation; 7) *реклама*/advertisement иборат буда, дар навбати худ ҳар кадом майдони семантикии алоҳида мебошанд.

Майдонҳои семантикии истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз ҷиҳати сохтор майдони истилоҳие мебошад, ки *ҳаста* (ядро)-и ин майдонро *системаи истилоҳоти рӯзноманигорӣ* ташкил медиҳад. Яъне ҳастаи майдони семантикии *journalism/рӯзноманигорӣ*-ро истилоҳоти *analytical journalism/рӯзноманигории таҳлилӣ, radio-journalism/рӯзноманигории радио, yellow journalism/рӯзноманигории «зард»* ва ғ. ташкил медиҳанд, ки истилоҳоти нисбатан фаъол буда, бо истилоҳи *journalism/рӯзноманигорӣ* муносибати муродифӣ (синонимия) доранд. Мувофиқи назарияи Ю. Н. Караулов ба ҳаста калидвожаҳо: синонимҳо: *radio-journalism* (рӯзноманигории радио), *publicism* (публитсистика); антонимҳо: *parajournalism* (рӯзноманигории ғайриобъективӣ), ҳосилаҳо (дериватҳо): *journalistic* (рӯзноманигорӣ); ибораҳои типикӣ ва устувор: *analytical journalism* (рӯзноманигории таҳлилӣ) дохил мешаванд [Рублева, 2004, с. 79].

Дар атрофи ҳаста истилоҳоте ҷой гирифтаанд, ки аз ҷиҳати таснифи мафҳумӣ, мантиқӣ ва мавзуӣ ба ин майдон шомил бошанд ҳам, нисбат ба ҳаста муносибати зичи маъноӣ ва услубӣ надоранд: *freedom of the journalism (озодии рӯзноманигорӣ), journalism theory* (назарияи рӯзноманигорӣ) ва ғ.

Истилоҳот дар майдони семантикӣ миёни худ муносибатҳо (коррелятсияҳо)-и гуногуни маъноӣ зоҳир мекунанд: синонимия, ҳипонимия, номувофиқатӣ, ҷузъу кул, антонимия, вогардонӣ (конверсия), ҳосилаи семантикӣ, тасаввур (ассотсиатсия) [Кобзева, 2000, с. 99-108]. Баъзе аз онҳоро шарҳ медиҳем.

Синонимия. Муродиф (синонимия) рӯйдоди забонӣ мебошад. Муродифҳо якчанд сабабҳои пайдоиш доранд: маъноҳои нав пайдо кардани вожа, яъне сермаъноӣ (полисемия), истифодаи вожаҳои иқтибосӣ, шевагӣ, касбӣ ва жаргон, вожаофарӣ ва эвфемизм [Судиловская, 2018, с. 31].

Олимоне, ки ба мактабҳои анъанавии истилоҳшиносӣ тааллуқ доранд Вюстер ва Фелбер [Wüster, 1991; Felber, 1984] ҳатто мафҳуми синонимияро мавриди баҳс қарор надодаанд. Ба ақидаи онҳо истилоҳот бояд бевосита ба мафҳуми асосиашон, ки ифода мекунанд, нигаронида шуда бошанд. [Л. Блумфилд 1935] ва Палмер [1981] ин ақидаро инкишоф дода, исбот карданӣ мешуданд, ки на танҳо истилоҳот, балки воҳидҳои луғавӣ ҳам умуман наметавонанд шаклҳои дигар (вариантҳо, синонимҳо, дублетҳо) дошта бошанд [Edmonds, 2002, с. 106].

Ба ин нигоҳ накарда лексикологҳои маъруф аз он ҷумла Квуин, Уллман, Лионз, Круз, Картер (Quine, 1951; Ullmann, 1962; Lyons, 1981; Cruse, 1986; Carter, 1998) ва диг. мафҳуми синонимияро ба тарзи фарох таҳқиқ кардаанд, зеро ки синонимия падидаи маъруфест, ки барои хидмати робитаҳои таъиноти махсус (communication for special purposes)-и забони англисӣ зарур аст.

Дар истилоҳшиносӣ истилоҳ-синонимҳо субъект ва рӯйдоди ягонаро ифода мекунанд. Онҳо дар амал *синонимҳои пурра* (мутлақ) мебошанд ва *дублет* низ номида мешаванд [Судиловская, 2018, с. 26].

Бар замми ин ҷуфтҳои истилоҳии «наздик ба синоним» – *near-synonym* [Adams, 1973(1984), p. 171; Cruse, 1986, p. 268; Lipka, 1992, p. 170, 179], *quasi-synonym* [Sager, 2000, p. 12; ISO 25964; Grinev-Griniewicz, 2011, p. 37] мавҷуданд, ки аз ҷиҳати семантикӣ ба ҳам наздиканд. Вожаҳои аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик, вале аз рӯйи қабатҳои мавзуӣ ва мафҳумӣ аз ҳам фарққунандаро квази-синонимҳо (шабеҳи синонимҳо) меноманд [Кобозева, 2000, с. 100].

Ҳипонимия (аз юнон. *hipo* – зер ва *onima* – ном) ин муносибати ҷинсию намудӣ миёни воҳидҳои низоми луғавию семантикӣ аст, ки ба воситаи *ҳиперним* ва *ҳипоним* амалӣ мегардад. З. Харитончик оид ба ин «муносибати шомилшавӣ ва соҳибият» чунин мисол меорад: Дар таснифи умумии наботот истилоҳи «рустанӣ» ҳаст. Номҳои «дарахт», «бутта», «гиёҳ» ҳамчун зернамуд тобеъ ё шомили мафҳуми умумии «растанӣ» мебошанд. Миёни «растанӣ» ва ҳар кадоме аз «дарахт», «бутта», «гиёҳ», «гул» ва ғ. муносибати ҳиперо-ҳипонимӣ мавҷуд аст. Пас «рустанӣ» – ҳиперним ва «дарахт», «бутта», «гиёҳ», «гул» ҳипонимҳо мебошанд. Дар навбати худ «дарахт» нисбат ба «тӯс», «бед», «санавбар»; «гул» нисбат ба «лола», «наргис», «садбарг» муносибати ҳиперо-ҳипонимӣ доранд. Пас ин дафъа «дарахт», «гул» ба ҳиперним табдил ёфта, «тӯс», «бед», «санавбар» ва «лола», «наргис», «садбарг» ҳипоним мешаванд.



Дар байни ҳипонимҳо муносибати баробарҳуқуқӣ низ мавҷуд аст. Дар ин маврид ҳипонимҳои як ҳиперним нисбат ба якдигар *ҳамҳипонимҳо* (co-hiponyms) номида мешаванд [*ниг*. Харитончик, 1992, с. 86-87].

Масалан, дар майдони семантикии *informational genre* (жанрҳои ахборӣ) ҳипонимҳои *interview* (мусоҳиба), *report* (ҳисобот) мавҷуданд.

Пас дар мисолҳои овардашуда истилоҳи *informational genre* барои истилоҳоти *interview* ва *report* ҳипероним мебошад. Истилоҳоти *interview* ва *report* нисбат ба якдигар ҳамҳипоним мебошанд.

Ҷузъу кул ҳамчун муносибати семантикӣ номи ягон объектро бо номҳои қисмҳои таркибии он алоқаманд мегардонад. Масалан, истилоҳи *content,* ки мундариҷаи ягон расонаро ифода мекунад, бо муносибати «ҷузъ – кул» бо истилоҳоти *page* (саҳифа), *title* (сарлавҳа), *word* (вожа), *key word* (калидвожа) робита дорад. Ин робита аз дигар муносибатҳо, масалан ҳипонимия, синонимия бо он фарқ мекунад, ки ҳеҷ гоҳ дар алоҳидагӣ ҷузъ мафҳуми пурраи *content*-ро иваз намекунад.

Муносибатҳои семантикии **антонимия, омонимия,** чунон ки аз таҳлили минбаъда бармеояд, дар истилоҳоти рӯзноманигорӣ нисбатан каммаҳсул мебошанд.

Таҳлили майдони истилоҳии рӯзноманигорӣ. Зимни таҳлили майдони истилоҳии рӯзноманигорӣ, ҳамчунин майдонҳо ва микромайдонҳои семантикии (маънои) ба он шомилшаванда мавҷудияти сермаъноӣ (полисемия), муродифот (синонимия), мутазодот (антонимия), ҳамгунӣ (омонимия) ва маҷозро дар майдони истилоҳӣ дида мебароем. Гарчанде ки таҳлил аксаран дар заминаи маводи забони англисӣ мегузарад, ҳамаи муҳокимаронихо дар як вақт ба ҳар ду забони муқоисашаванда (англисӣ ва тоҷикӣ) тааллуқ хоҳанд дошт.

Ҳастаи семантикии истилоҳоти рӯзноманигориро дар забонҳои муқоисашаванда майдони истилоҳии *journalism* ташкил медиҳад:

рӯзноманигорӣ/*journalism*

Истилоҳ ва ибора-истилоҳоте, ки ба майдони семантикии *journalism* дохил мешаванд, инҳоанд: *analytical journalism and its genre* – рӯзноманигории таҳлилӣ ва жанрҳои он; *boulevard journalism* – рӯзноманигории кӯчагӣ; *deontology of journalism* – деонтологияи рӯзноманигорӣ; *ethics of journalism* – ахлоқи рӯзноманигорӣ ва ғ.

Номгӯйи мисолҳои овардашуда, ҳам майдони истилоҳии *journalism* ва ҳам системаи истилоҳоти *journalism* мебошанд. Агар ба ин рӯйхат истилоҳи «*publicism* – публитсистика»-ро дохил кунем, он гоҳ номгӯйи истилоҳот ҳамчун система барҳам мехӯрад ва танҳо ҳамчун майдони истилоҳӣ боқӣ мемонад, зеро дар таркиби истилоҳи *publicism* лексемаи *journalism* нест.

Бо вуҷуди ин ҳамаи истилоҳот, ки ба майдони семантикии *journalism* дохил мешаванд, маънои истилоҳи *journalism*-ро пурратар ва мушаххастар гардонида, аз ҷиҳати семантикӣ ба он шомил мешаванд.

Зиёда аз 2000 истилоҳи таҳлилшуда 13 ададаш ба майдони истилоҳии *journalism* тааллуқ дорад, ки 1,48 дарсадро ташкил медиҳад.

Дар ин майдон ҳангоми таҳлил ҷуфтҳои квази-синонимии зерин муайян карда шуданд: *ethics of journalism* – ахлоқи рӯзноманигорӣ ва *journalistic ethics* – ахлоқи рӯзноманигорӣ; *boulevard journalism* – рӯзноманигории кӯчагӣ ва *yellow journalism* –рӯзноманигории «зард».

Дар ҷуфти дуюм вожаҳои *boulevard* ва *yellow* маҷоз (метафора) мебошанд. Вожаи **boulevard** дар луғат «кӯчабоғ, гулгашт, булвар (*хиёбони паҳне, ки дар ду тарафи он дарахт ва ё гулкорӣ бошад*)» [Мамадназаров, 2015, с. 112]. Вожаи **yellow** дар луғат «зард, зарда, зардӣ» аст. Аммо дар истилоҳоти *boulevard journalism, yellow journalism* (boulevard press, yellow press) ба маънои маҷозӣ омадаанд: «МАТБУОТИ КӮЧАГӢ – нашрияҳо барои хонандагони авом, ки бештар бо номи матбуоти зард ёд шуда, мундариҷаи ягона надоранд [Муродов, 2016, с. 172].

Дар майдони умумии истилоҳии рӯзноманигорӣ майдонҳои зиёде вуҷуд доранд. Ҳар яки онҳо нисбат ба майдони умумӣ микромайдон ҳисоб мешаванд. Истилоҳи *journalism* барои ҳамаи унсурҳои ин майдонҳо

ҳиперним мебошад. Чанде аз онҳоро меорем: 1) рӯзноманигор/journalist; 2)иттилоот/information; 3) жанрҳои рӯзноманигорӣ/journalistic genres; 4) воситаҳои ахбори омма/mass media; 5) мундарича/content; 6) эҷод/creation; 7) реклама/advertisement.

1. Истилоҳоти майдони семантикии *рӯзноманигор/journalist* инҳоанд: *author* – муаллиф; *foreign reporter* – мухбири хорича; *interviewer* – мусоҳибакунанда; *moderator* – модератор; *publicist* – публитсист; *reporter* – хабарнигор; *reviewer* – шореҳ ва ғ.

Дар ин майдони истилоҳӣ ду системаи истилоҳот ошкор гардид: 1) *author* (муаллиф) – (*author's agreement* – шартномаи муаллифӣ, *author's information* – муаллифи хабар, *author's sheet* – варақаи муаллифӣ, *authorize* – муаллифият); 2) *reporter* (хабарнигор) – (*reporter* – мухбир, *military reporter* – мухбири ҳарбӣ, *foreign reporter* – мухбири хорича, *TV reporter* – рӯзноманигори телевизион).

Як ҷуфт синоним (дублет): *commentator* – шореҳ ва *reviewer* – шореҳ, инчунин танҳо барои забони тоҷикӣ ҷуфти дигари синоним (дублет)-ҳо: *хабарнигор* – reporter ва *мухбир* – reporter муайян гардиданд.

Ба ин майдон 19 истилоҳ дохил мешаванд, ки 2,16 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд.

2. Чанде аз истилоҳоти майдони семантикии *иттилоот/information*-ро зикр мекунем: *authoritative information* – иттилои боэътимод; *express information* – иттилооти фаврӣ; *initial information* – иттилооти ибтидоӣ; *interesting information* – иттилооти ҷолиб; *international information* – иттилооти байналхалқӣ ва ғ.

Ин майдон комилан аз як системаи истилоҳоти *information* иборат буда, дорои 28 истилоҳ аст, ки 3,18 дарсади истилоҳоти таҳлилшаванда мебошанд.

Сермаъноӣ (полисемия) барои истилоҳот хос нест. Агар истилоҳ сермаъно бошад, он мавқеи худро ҳамчун истилоҳ гум мекунад ва ба вожаи

одии забони умумии адабӣ табдил мегардад. Аммо истилоҳ ҳамчун вожаи забони адабӣ метавонад сермаъно бошад. Масалан, вожаи *information*:

«**иттилоот.** 1. Дониши фиристодашаванда. 2. Фиристодани навигариҳо; маълумот; дониш пайдо кардан аз хондан ё аз дастуруламал. 3. Мурофиа барои айбдор кардан барои ҳуқуқвайронкуниҳо ба муқобили ҳукумат» [Webster, 1867, p. 223].

«**information** n 1) иттилоъ, огоҳӣ, огоҳдод: for your information барои иттилои шумо; маълумот, ахборот (*on/about – дар бораи*); 2) дониш, додаҳо, хабардорӣ, бохабарӣ, воқифшавӣ: our information about nature дониши мо дар бораи табиат; 3) иттилоот (*миз, идора ё ҷое, ки ба пурсиши мардум иттилоъ дода мешавад*): hotel's information desk бахши иттилооти меҳмонхона; 4) *ҳуқ.* айбдоркунӣ, гунаҳгоркунӣ; 5) кашфиёт, иттилооти махфӣ; 6) иттилооти компютерӣ» [Мамадназаров, 2015, с. 437].

information 1. иттилоот; ахбор 2. дониш, бохабарӣ [Курянов, 1993, с. 142].

М. Муродов дар рӯзноманигорӣ ба се маъно истифода шудани ин истилоҳро қайд мекунад: 1. «Маҷмуи маълумоти ташреҳнаёфта дар хусуси фактҳои муҳим, навгонии тоза аз соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ: сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, варзишӣ ва ғайра. Иттилооти ватаниву хориҷӣ». 2. «Тамоми ахбору маълумоти барои аудитория аҳамиятнок, ки дар шакли асарҳои публитсистӣ, илмӣ ва санъат тавассути ВАО пахш мешаванд». 3. «Маълумоти коркардашуда, ки ба хонанда, шунаванда ва бинанда таъсир мерасонад» [Муродов, 2016, с. 112].

Ин ҷуфти истилоҳот квази-синоним мебошанд: *information customers* – истеъмолгарони иттилоот ва *information users* – истифодабарандагони иттилоот.

Ду ҷуфти антонимҳо муайян гардиданд: *hard information* – иттилооти дуруст ва *disinformation* – иттилооти нодуруст; *hard information* – иттилооти дуруст ва *misinformation* – иттилооти нодуруст.

Истилоҳоти *horizontal transfer of information* – пахши уфуқии иттилоот маҷоз ва *vertical transfer of information* – пахши амудии иттилоот дар баробари ба ҳам антоним будан, дар онҳо ибораҳои *horizontal transfer* ва *vertical transfer* ба маънои маҷозӣ омадаанд.

Майдони семантикии *иттилоот/information* ду микромайдон дорад: 1) амнияти иттилоотӣ/security; 2) пахши иттилоот/broadcasting

2.1. Аз майдони семантикии *амнияти иттилоотӣ/security*: *informational security* – амнияти иттилоотӣ; *security of informational conception* – амнияти консепсияи иттилоотӣ; *security of informational ensuring* – амнияти таъмини иттилоотӣ; *security of informational threat* – таҳдиди амнияти иттилоотӣ ва ғ.

Ин майдони истилоҳӣ як системаи истилоҳот (*security*) дорад ва аз 7 истилоҳ иборат аст, ки 0,79 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро дар бар мегирад. Як ҷуфти синонимҳо (дублетҳо) ёфт шуд, ки бо тартиби вожаҳо аз ҳам фарқ мекунанд: *security information* – амнияти иттилоотӣ ва *informational security* – амнияти иттилоотӣ.

2.2. Аз майдони семантикии *пахши иттилоот/broadcasting*: *address broadcasting* – пахши унвонӣ; *etheric broadcasting* – шунавонидани эфирӣ; *hot-line* – хати пурҳарорат; *informational broadcasting* – иттилооти тасвириву овозӣ; *open transmission* – пахши мустақим; *spin control* – пахши гардон ва ғ.

Ин майдони истилоҳӣ низ дорои як системаи истилоҳот (*broadcasting*) мебошад. Майдон аз 11 истилоҳ иборат аст, ки 1,25 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил мекунанд.

Истилоҳи *broadcasting* низ сермаъно мебошад: **broadcasting** 1. барнома; намоиш 2. намоиши телевизион 3. радиошунавонӣ [Курянов, 1993, с. 46].

Дар ин майдон истилоҳоти *hot-line* – хати пурҳарорат ва *live broadcast* – пахши мустақим, ки ба маънои маҷозӣ омадаанд мебошанд.

3. Аз майдони семантикии *жанрҳои рӯзноманигорӣ/journalistic genres* чанд мисол меорем: *analytical journalism and its genre* – рӯзноманигории таҳлилӣ ва жанрҳои он; *epistolary genre* – жанрҳои ирсол; *media genre* –

жанрҳои медиа; *system of genre* – низоми жанрҳо; *television genre* – жанрҳои телевизионӣ ва ғ.

Майдони истилоҳии мазкур як системаи истилоҳот дорад (*genre*) ва 5 истилоҳро фаро гирифтааст, ки 0,57 дарсади истилоҳоти таҳлилшаванда мебошанд.

Майдони семантикии *жанрҳои рӯзноманигорӣ/journalistic genres* се микромайдон дорад: 1) жанрҳои ахборӣ/informational genres; 2) жанрҳои таҳлилӣ/analytical genres; 3) жанрҳои публитсистӣ/publicistic genres.

3.1. Мисолҳо аз майдони семантикии *жанрҳои ахборӣ/informational genres*: *chronicle* – кӯтоҳхабар; *communique* – хабари расмӣ; *interview* – мусоҳиба; *note* – хабар; *photo-report* – репортажи мусаввар; *radiointerview* – радиомусоҳиба; *report* – ҳисобот; *reporting* – репортаж ва ғ.

Агар намудҳои мушаххаси жанрҳои ахбориро, ки муҳаққиқони тоҷик зикр кардаанд ва ё дар рӯзноманигории тоҷик истифода мешаванд ва бештар аналоги англисӣ надоранд, ҳамчун майдонҳои нави семантикӣ илова кунем, рӯйхат чунин мешавад:

Майдони семантикии *мусоҳиба*: *мусоҳиба–нақл мусоҳиба-диалог*, *мусоҳиба-лавҳа*, press conference – *конференсияи матбуот*, round table – *мизи мудаввар*, *мусоҳиба-анкета*, *мусоҳиба-ақида* [Нуралиев, 1989, с. 63].

Майдони семантикии *хабар*: *хабари васеъ*, chronicle – *кӯтоҳхабар* ва *хабари кӯтоҳ* [Нуралиев, 1989, с. 55].

Майдони семантикии *ҳисобот*: *ҳисоботи расмӣ, ҳисоботи умумӣ, ҳисоботи мавзуӣ* [Нуралиев, 1989, с. 58].

Бо ба назар гирифтани иловаҳо майдони истилоҳии *жанрҳои ахборӣ/informational genres* 5 системаи истилоҳот (*interview, report, мусоҳиба, хабар, ҳисобот*) ва 20 истилоҳро дар бар мегирад, ки ба 2,27 дарсади истилоҳоти таҳлилшаванда рост меояд.

3.2. Мисолҳо аз майдони семантикии *жанрҳои таҳлилӣ/analytical genres*: *article* – мақола; *comment(ary)* – табсира; *correspondence* –

мухбирнома; *editorial* – сармақола; *journalistic investigation* – таҳқиқи рӯзноманигорӣ ; *review* – тақриз; *review of mass media* – хулосаи ВАО; *revue* – нигориш; *survey* – нигориш; *talk* – суҳбат ва ғ.

Агар намудҳои дигари жанрҳои таҳлилиро, ки донишмандони тоҷик қабул кардаанд ва ё дар рӯзноманигории тоҷик корбурд мешаванд ва бештари онҳо бадили (аналоги) англисӣ надоранд, ба сифати майдонҳои нави семантикӣ ворид кунем, номгӯй тариқи зайл мешавад:

Майдони семантикии *мақола*: *мақолаи назариявӣ, мақолаи проблемавӣ* [Нуралиев, 1989, с. 85-88]; *мақолаи умумитаҳқиқӣ, мақолаи амалию таҳқиқӣ, мақолаи мубоҳисавӣ* [Муродов, 2016, с. 163].

Майдони семантикии *мухбирнома*: *мухбирномаи ахборӣ, мухбирномаи таҳлилӣ* [Нуралиев, 1989, с. 78].

Майдони семантикии *тақриз*: *тақризи мавзуӣ, тақризи байнижанрӣ* (*тақриз-мақола, тақриз-очерк, тақриз-репортаж*) [Нуралиев, 1989, с. 91]; *тақризи ташреҳот* (аннотатсия), *кӯтоҳтақриз* ё китобиёт, *такризи калон* [Муродов, 2016, с. 333].

Бо истифодаи иловаҳо майдони истилоҳии *жанрҳои таҳлилӣ/analytical genres* дорои 5 системаи истилоҳот (*review, мақола, мухбирнома, тақриз, хулоса*) буда, 28 истилоҳро фаро мегирад, ки ба 3,18 дарсади истилоҳоти таҳлилшаванда рост меояд.

Дар майдони истилоҳии *жанрҳои таҳлилӣ/analytical genres* вожаҳои *article* – мақола сермаъноанд.

«**ARTICLE.** [Лот. *articulus*, хурд. аз *artus*, банд.] 1. Қисми муайяни ҳар навишта, ки аз ду ё зиёда ҷузъиёт иборат аст; аз ин рӯ моддаи шартнома, ҳисобнома ва ғ. 2. Қисми муайян. 3. Коло ё моддаи мушаххас. 4. (*Грам.*) Яке аз ин се вожа *a, an, the.* [-ED ; -ING.] 1. Дар моддаи муайян баён кардан. 2. Моддаҳоро ба ҳам пайвастан» [Webster, 1867, p. 24].

«**article** 1. n 1) мақола, модда: the leading article сармақола; an article of the constitution моддаи сарқонун; 2) чиз, асбоб: articles of clothing пӯшока; articles of general consumption молҳои мавриди ниёзи умум; 3) *заб.* артикл:

the defmite/indefinite article артикли муайянӣ/ номуайянӣ; 4) параграф, банд, асл (шартнома ва ғ.; in the article of death дар лаҳзаи марг;

2. *v* 1) айбнома пешниҳод кардан; 2) ба тариқи шартномавӣ ба хондан додан; 3) банд ба банд баррасӣ кардан» [Мамадназаров, 2015, с. 65].

«**article** 1. мақола (дар рӯзнома, маҷалла) 2. банд; зербоб» [Курьянов, 1993, с. 24].

«**МАҚОЛА.** – 1) гуфтор, нутқ ва навишта; 2) жанри таҳлилии публитсистика, ки таҳқиқи масоили ҳалталабро фаро гирифта, муаллиф дар асоси факту ҳодиса ва воқеаҳои муайян фикр ва ё ғояи умумиро ташаккул медиҳад» [Муродов, 2016, с. 163].

Як ҷуфт синоним (дублет): *survey* – нигориш ва *revue* – нигориш муайян гардиданд.

4. Мисолҳо аз майдони семантикии *воситаҳои ахбори омма/mass media*: *electronic mass media* – ВАО-и электронӣ; *informational agency* – оҷонсии иттилоотӣ; *law about mass medium* – қонун дар бораи ВАО; *mass media* – воситаҳои ахбори омма (ВАО); *mass media editorial office* – идораи ВАО; *news agency* – оҷонсии иттилоотӣ; *press agency* – оҷонсии матбуотӣ; *republican mass media* – ВАО-и ҷумҳуриявӣ; *sectorial mass media* – ВАО-и соҳавӣ ва ғ.

Дар ин майдон 2 системаи истилоҳот (ҳастаҳои семантикӣ)-и *mass media* ва *agency* мавҷуд буда, 13 истилоҳ фаро гирифта шудаанд, ки 1,48 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил мекунанд.

«**medium**, n.; ҷ. лот. media, ҷ. анг. mediums. [Лот., миёна.] 1. Ҷисм ё миқдори мобайнӣ; хусусан, (a.) Ҷой ё дараҷаи миёна; восита. (b.) Мобайн ё даври миёнаи силлогизм. 2. Алоқаи бавосита; оҷонсии интиқол) [Webster, 1867, p. 268].

Имрӯз *media* истилоҳест, ки маъноҳои зиёдеро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама, «**media** 1. воситаҳои интишори иттилоот 2. воситаҳои интишори реклама 3. воситаҳои оммавии иттилоот» аст [Курянов, 1993, с. 173].

«РАСОНА (аз лот. *medium* – миёнрав, мутавассит) – воситаи бавуҷудоварандаи иртибот байни гурӯҳҳои гуногун, афроди алоҳида ва ё расонандаи ҳар гуна маҳсули иттилоотиву маънавӣ ба аудитория [Муродов, 2016, с. 278].

Майдони семантикии *воситаҳои ахбори омма/mass media* шаш микромайдон дорад: 1) ҳайати таҳририя/ editorial board; 2) матбуоти даврӣ/ periodical press; 3) радио/ radio; 4) телевизион/television; 5)интернет/i nternet; 6) нашриёт/ publishing.

4.1. Мисолҳо аз майдони семантикии *ҳайати таҳририя/editorial board*: *proof-reader* – мусаҳҳеҳ; *correction* – тасҳеҳот; *editing* – таҳрир; *editor* – муҳаррир; *editor column* – сутуни муҳаррир; *editorial board* – ҳайати таҳририя; *editorial office* – идораи нашрия; *editor-in-chief* – сармуҳаррир; *executive secretary* – котиби масъул ва ғ.

Майдони истилоҳии мазкур як системаи истилоҳот (*editor*)-ро дар бар мегирад ва аз 13 истилоҳ иборат аст, ки 1,48 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳад.

Вожаи *editor* дар луғат якмаъност:

«**editor**, n. Касе, ки китоб, рӯзнома ва ғ.-ро барои нашр омода, назорат ва ислоҳ мекунад» [Webster, 1867, p. 137].

«**editor** n муҳаррир, виростор, вироишгар (монтажёр), сардабир» [Мамадназаров, 2015, с. 29].

Аммо дар луғатҳои рӯзноманигорӣ ҳамчун истилоҳ сермаъност:

«**editor** 1. муҳаррир 2. коргардони видеовироиш (видеомонтаж) 3. муҳандиси видеовироиш 4. пештахтаи вироиши электронӣ» [Курянов, 1993, с. 97].

«**Editor** – ношир – 1) шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки таъминоти моддию техники истеҳсоли маҳсулоти воситаҳои иттилооти оммаро ба уҳда дорад.

Editor – муҳаррир – касби рӯзноманигорӣ, роҳбари аҳли эҷодии нашрия ва ё ВАО-и алоҳида, ки асосан масъулияти таъмини мундариҷавӣ,

санҷиш ва ислоҳи матни муаллифонро ба дӯш дорад. Муҳаррирони муосир вазифаи роҳбарро низ иҷро мекунанд»[Иматшоева, 2015, с. 33].

Мувофиқи шарҳи Иматшоева истилоҳи *editor* хусусияти омонимия (ҳамгунӣ) дорад: *editor* – ношир ва *editor* – муҳаррир.

Дар истилоҳи *editor column* – сутуни муҳаррир вожаҳои англисӣ ва тоҷикии *column*, *сутун* маънои маҷозӣ гирифта ба истиора табдил ёфтаанд.

4.2. Мисолҳо аз майдони семантикии *матбуоти даврӣ/periodical press*: *braille press* – матбуоти брайлӣ; *business press* – матбуоти тиҷоратӣ; *freedom of press* – озодии матбуот; *independent press* – матбуоти мустақил; *language of newspaper* – забони рӯзнома; *newspaper* – рӯзнома; *newspaper in newspaper* – рӯзнома дар рӯзнома; *periodical press* – матбуоти даврӣ; *press* – матбуот; *printing* – матбуот; *printing day* – рӯзи матбуот ва ғ.

Майдони истилоҳии номбурда се системаи истилоҳот (*press, newspaper, printing*)-ро фаро мегирад ва аз 24 истилоҳ иборат аст, ки 2,72 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳад.

Дар ин майдон вожаи *press* ҳамчун истилоҳ як мафҳум, яъне «матбуот»-ро мефаҳмонад. Ҳамчун вожаи забони умумии адабӣ луғати Вебстер 8 маънои исмии *press*-ро зикр мекунад, ки 3-тоаш ба мавзуи мо дахл дорад: «2. Мошини чоп. 3. Фаъолияти чопу нашр. 4. Нашрияҳои коллективии бачопрасида» [Webster, 1867, p. 332]. А. Мамадназаров низ ҳамчун исм 8 маънои *press*-ро шарҳ додааст:

«**press** I 1. n 1) фишор, фишора: a press of the hand фишори даст; 2) *мех*. мошини фишор/пресс; 3) пресс, мошини чоп: a printing press мошини чоп; 4) матбаа, чопхона; 5) пресса, васоити ахбор, расонаҳо, матбуот, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо: press compaign маъракаи матбуотӣ; the daily press матбуоти ҳаррӯза; press comments фикру мулоҳизаҳои матбуот; 6) уту; 7) ҷамъият, анбуҳи мардум, издиҳом; 8) нашриёт, интишорот, муассисаи интишороти: Oxford Universtity Press Муассисаи Интишоротии Донишгоҳи Оксфорд» [Мамадназаров, 2015, с. 632].

Як ҷуфти истилоҳот муайян карда шуд, ки бо ҳам синоним (дублет)-анд: *press* – матбуот ва *printing* – матбуот.

Дар истилоҳи *yellow press* – матбуоти «зард» вожаҳои *yellow* ва «*зард*» ба маънои маҷозӣ омадаанд.

4.3. Мисолҳо аз майдони семантикии *радио*/*radio*: *emotional speech* – каломи муассир; *language of radio* – забони радио; *monological speech* – гуфтори нақлӣ; *radio* – радио; *radio-announcer* – натток; *radio-channel* – нуқтаи радио; *radio-company* – ширкати радиоӣ; *sound producer* – режиссёри овоз; *sound recording* – сабти овоз; *sound technician* – оператори овоз; *speech* – суханронӣ ва ғ.

Истилоҳи *language of radio* – забони радио маҷоз аст.

Ин майдони истилоҳӣ се системаи истилоҳот (*radio, speech, sound*)-ро дар бар мегирад ва 25 истилоҳ дорад, ки 2,84 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳад.

4.4. Мисолҳо аз майдони семантикии *телевизион*/*television*: *cable television* – телевизиони кабелӣ; *camera* – камера; *candid camera* – сабти пинҳонӣ; *operator* – наворбардор; *showmen* – шоумен; *talk-show* – ток-шоу; *telebridge* – алоқаи телевизионӣ; *television* – оинаи нилгун; *video recording* – сабти видеоӣ; *videoclip* – буриданамоиш; *videofilm* – филми видеоӣ ва ғ.

Майдони истилоҳии мазкур се системаи истилоҳот (*television, camera, video*)-ро фаро мегирад ва аз 24 истилоҳ иборат аст, ки 2,72 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳад.

Дар истилоҳоти *television speech* – нутқи телевизионӣ ва *telebridge* – алоқаи телевизионӣ маҷоз истифода шудааст.

Истилоҳи тоҷикии *оинаи нилгун* (television) истиора аст.

5. Мисолҳо аз майдони семантикии *мундариҷа*/*content*: *abbreviation* – ихтисора; *active vocabulary* – луғати фаъол; *content* – мундариҷа; *content-analysis* – таҳлили сифативу миқдорӣ; *key word* – калидвожа; *mode* – образ; *mode of event* – тасвири воқеаҳо; *parenthetical words* – воҳидҳои туфайлӣ; *word game* – суханбозӣ; *word* – вожа; *satiric mode* – образи ҳаҷвӣ ва ғ.

Майдони истилоҳии мазкур се системаи истилоҳот ё худ майдони семантикӣ (*content, word, mode*)-ро дар бар мегирад ва аз 20 истилоҳ иборат аст, ки 2,27 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳад.

Дар истилоҳоти *word game* – суханбозӣ ва *word parasite* – калимаҳои «дӯстдошта» маҷоз истифода шудааст.

6. Мисолҳо аз майдони семантикии *реклама/advertisement*: *admass* – аудиторияи зудбовар; *advertisement* – реклама; *advertiser* – рекламагузор; *advertising agency* – оҷонсии рекламавӣ; *banner* – баннер; *banner advertisement* – рекламаи баннерӣ; *banner headline* – кулоҳи баннер ва ғ.

Майдони истилоҳии зикршуда ду системаи истилоҳот ё худ майдони семантикӣ (*advertisement, banner*)-ро дар бар мегирад ва аз 7 истилоҳ иборат аст, ки 0,79 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳад.

Умумият ва фарқияти майдони семантикии истилоҳоти рӯзноманигорӣ/journalism дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.

Умумият: Ҳастаи семантикии майдони истилоҳии рӯзноманигорӣ аслан дар асоси истилоҳоти забони англисӣ тартиб дода шуда бошад ҳам, барои истилоҳоти забони тоҷикӣ ҳам ҳаст. Зеро ҳангоми тартиб додани он мафҳум ва семантика ба асос гирифта шудааст. Аксари синонимҳо (дублетҳо) ба ҳар ду забон тааллуқ доранд.

Фарқият: Ҳодисаҳои сермаъноӣ (полисемия), муродифот (синонимия), мутазодот (антонимия), ҳамгунӣ (омонимия), маҷоз (метафора), истиора (метонимия) махсуси ҳар як забони мушаххас аст ва мо ҳангоми таҳлил ба кадом забон тааллуқ доштани хусусиятҳои маъноиро таъкид кардаем. Масалан, *printing-house* (матбаа) ва *polygraphy* (матбаа) танҳо дар забони англисӣ синоним (дублет) мебошанд.

Хулосаи боби II

Таҳлили сохтории истилоҳоти рӯзноманигории за бони тоҷикӣ нишон дод, ки истилоҳоти рӯзноманигории забонҳои тоҷикӣ аз ҷиҳати шакли дастурӣ (грамматикӣ) ду намуди асосӣ доранд: а) истилоҳ-вожаҳо

(истилоҳоти сода, сохта, мураккаб); б) ибора-истилоҳот (истилоҳоти таркибӣ).

Роҳҳои асосии истилоҳсозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ инҳоанд: 1) роҳи сарфии вожасозӣ (вандафзоӣ, конверсия); 2) роҳи сарфию наҳвии вожасозӣ (вожабандӣ); 3) роҳи наҳвии истилоҳсозӣ (сохтани ибора ва таркибҳо).

Истилоҳоти содаи рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз вожаҳои содаи аслӣ ва вожаҳои иқтибосӣ ташаккул ёфта, дар онҳо ҳиссаи вожаҳои аслӣ ночиз аст. Дар ҳудуди 2000 адад истилоҳи интихобшуда истилоҳоти сода дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мутаносибан 13,85 ва 30,08 дарсад мебошанд. Агар дар истилоҳоти содаи забони тоҷикӣ таносуби вожаҳои содаи аслӣ ва содаи иқтибосӣ 2,61 ва 27,47 дарсад бошад, пас дар забони англисӣ ин рақамҳо 2,72 ва 11,12 дарсадро ташкил медиҳанд.

Истилоҳоти сохта дар забонҳои муқоисашаванда бо роҳи вандафзоӣ ташаккул меёбанд. Саҳми онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мутаносибан 22,27 ва 10,43 дарсад аст. Пешвандҳо ҳарчанд дар вожасозӣ каммаҳсуланд, аммо баъзе аз онҳо нисбатан бештар истифода мешаванд. Дар истилоҳоти англисӣ – *inter-* (1,14%), *re-* (0,68%), *im-* (0,58%); дар истилоҳоти забони тоҷикӣ – *бе-* (0,34%), *ҳам-* (0,23%) пешвандҳои серистеъмол мебошанд. Пасвандҳо дар вожасозӣ назар ба пешвандҳо сермаҳсултаранд. Дар истилоҳоти англисӣ – *-ion* (8,63%), *-ing* (1,59%), *-ity* (1,48%), *-ism* (1,25%), *-or* (0,91%), *-er* (0,79%); дар истилоҳоти тоҷикӣ – *-иям* (1,93%), *-а* (1,70%), *-ӣ* (1,48%), *-от* (1,25%), *-иш* (0,91%) пасвандҳои серистеъмол мебошанд.

Аксари истилоҳоти мураккаб исмҳо мебошанд. Ҳиссаи истилоҳоти мураккаб дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мувофиқан ба 11,24 ва 9,76 дарсад баробар аст. Дар сохтори истилоҳоти мураккаби забони англисӣ намунаи *N* + *N* (3,18%) бартарӣ дорад. Бахши бузурги истилоҳотро *вожаҳои мураккаби неоклассикӣ* (4,20%) ташкил медиҳанд. Инчунин

намунаҳои *N + V+-ing* (0,57%) ва *N + V* (0,45%) низ нисбатан бештар истифода мешаванд. Намудҳои сохтории нисбатан маъмули истилоҳоти мураккаби рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ *N + V(азҳ)+-ӣ* (2,16%), *N + N* (1,70%), *N + V(азҳ)* (1,48%), *A + V(азҳ)+-ӣ* (1,13%), *N + V(азҳ)+-анда* (0,68%) мебошанд.

Дар сохтори ибора-истилоҳот ибораҳои исмӣ мавқеи асосӣ доранд. Ҳаҷми ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хеле бузург буда мутаносибан 32,12 ва 37,28 дарсаданд. Намунаҳои серистеъмоли ибора-истилоҳот дар забони англисӣ: *ATTR [N+-al] + N* (7,72%), *ATTR [N] + N* (6,58%), *ATTR [A] + N* (3,06%), *N + ATTR [of + N]* (2,50%), *ATTR [N+-ic] + N* (2,27%), *ATTR [V+-ing] + N* (1,36%), *ATTR [V+-ive] + N* (1,25%) ва дар забони тоҷикӣ: *N+-и + ATTR [A]* (20,54%), *ATTR [N+-и] + N* (9,88%), *N+-и + ATTR [N+-и + A]* (1,25%) мебошанд.

Таҳлили семантикӣ таҳлили майдони истилоҳии рӯзноманигорӣ, ҳамчунин майдонҳо ва микромайдонҳои семантикии (маъноии) ба он шомилшаванда мавҷудияти сермаъноӣ (полисемия), муродифот (синонимия), мутазодот (антонимия), ҳамгунӣ (омонимия) ва маҷозро дар майдони истилоҳӣ дар бар гирифта буд. Зимни он маълум гардид, ки дар истилоҳоти интихобшуда дастикам 18 микромайдони истилоҳӣ, 49 системаи истилоҳот (майдони семантикӣ) мавҷуд буда, 6 ҳолати сермаъноӣ (полисемия), 10 – муродифот (синонимия), 3 – мутазодот (антонимия), 1 – ҳамгунӣ (омонимия), 16 – маҷоз (метафора), 4 – истиора (метонимия) вомехӯрад.

БОБИ III

ТАҲЛИЛИ ЭТИМОЛОГИИ ИСТИЛОҲОТИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

3.1. Шарҳи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ

3.1.1. Истилоҳоти рӯзноманигории аслӣ дар забони англисӣ

Бахши муайяни истилоҳоти рӯзноманигории забони англисиро вожаҳое ташаккул додаанд, ки аз ҷиҳати пайдоиш ба забони асл, яъне англисӣ тааллуқ доранд. Мо аз донишнома ва луғатҳои соҳавии мавҷудаи англисӣ, англисӣ-русӣ ва англисӣ-тоҷикии С. Андерсон [Anderson, 2006], Ҳ. Кристофер [Chris, 2009], Т. Ҳаркап [Harcup, 2014], А. В. Виноградский [1993], В. Н. Крупнов [1993аб], Е. И. Курянов [1993], М. Иматшоева [2015] 881 адад истилоҳро интихоб намудем. Истилоҳот яквожагӣ ва бисёрвожа ҳастанд.

Масалан: истилоҳи *plot* – «сужа» дар анг. бостонӣ – *plot* маънои «парчаи хурди замин»-ро дошт. Соли 1551 ба маънои «харита» истифода мешуд. Соли 1587 маънии «нақша»-ро гирифт [Barnhart, 1995, p. 576; Weekley, 1921, p. 1111; Klein, 2003, p. 589].

Истилоҳи *talk* – «суҳбат» дар асри 12 дар шакли *talken* ба маънои «ҳикоят» истифода мешуд. Пасон дар забони англисии миёна ин исм ба феъл табдил ёфт. *To talk shop* – «оид ба касбу кори худ суҳбат кардан» – дар соли 1854 [Barnhart, 1995, p. 793; Weekley, 1921, p. 1467; Klein, 2003, p. 743].

Ба монанди вожаҳои дар боло шарҳёфта истилоҳоти дар зер номбаршуда вожаҳои аслии англосаксонӣ буда, фақат ба хотири ифои вазифаи истилоҳ маънои худро тағйир додаанд ва мазмуни илмию касбӣ гирифтаанд: *awareness* – бохабарӣ (аз решаи қадимаи **aware** [Barnhart, 1995, p. 50]), *binding* – муқова (аз решаи қадимаи **bind** [Barnhart, 1995, p. 69]), *blackmail* – таҳдид (дар соли 1557 **blackmail** – пуле, ки ба ғоратгарон барои муҳофизат пардохта мешуд [Barnhart, 1995, p. 71]) ва ғ.

Бояд гуфт, ки миқдори муайяни ибора-истилоҳот низ мавҷуданд, ки ҳамаи ҷузъҳояшон вожаҳои аслии англисианд. Масалан *book world* – олами китоб, *depth of coverage* – умқи фарогирӣ, *freedom of speech* – озодии сухан, *hot news* – навигарии пурхурӯш, *leader tape* – пайванди навор, *playbill* – эълоннома ва ғ.

Мисолҳо: *Annotations average from several lines to half a page and are mainly* ***plot*** *summaries* [Chris, 2009, p. 2154]. *The* ***talk*** *centred on the role of the small boats and ferries used to rescue the troops* [Fowler-Watt, 2013, p. 83]. *Mentioning in the final article or broadcast piece that you used the law is also recommended as a way of enforcing its value and raising public* ***awareness*** *of the right* [Gray, 2012, p. 119].

Ҳангоми таҳқиқи этимологӣ муайян гардид, ки дар истилоҳоти рӯзноманигории забони англисӣ истилоҳот аз забони асл, яъне англосаксонӣ, 7,26 дарсади ҳамаи истилоҳоти интихобшударо ташкил медиҳанд.

3.1.2. Истилоҳоти рӯзноманигории иқтибосӣ дар забони англисӣ

Масъалаи иқтибос дар вожашиносӣ ҳамеша мушкилоти пурихтилоф ба шумор меравад. Бархе аз донишмандон афзоиши теъдоди истилоҳоти иқтибосиро рӯйдоди ғайримеъёрӣ шумурдаанд, ки забонро олуда сохта, ба пешрафти раванди вожаофарии он монеъ мешавад. Баръакс гурӯҳе дигар бар онанд, ки иқтибос таркиби вожагонро фарох мекунад ва захираҳои дохилии вожасозии забонро ба кор меандозад.

Забони англисӣ яке аз бойтарин забонҳои ҷаҳон мебошад, ки бештар аз 600 ҳазор вожаю ибораи фаъол дорад, ки дар фарҳангҳои чандҷилда тавсиф ва шарҳ дода шудаанд. Сабаби якум дар он аст, ки дар ин забон қобилияти хуби вожаофарӣ (калимасозӣ) инкишоф ёфтааст. Сабаби дигар қобилияти баланди иқтибоскунии он аст. Маълум аст, ки таркиби луғавии забони англисӣ дар худ шумораи бузурги вожаҳои забонҳои гуногуни ҷаҳонро гирд овардааст. «Иқтибос ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи

луғавии забони ҳозираи англисӣ …асосан барои соҳаи истилоҳоти илмӣ фаъол аст. Бояд қайд намуд, ки бисёр истилоҳот аз морфемаҳои иқтибосӣ сохта шудаанд, бахусус аксаран аз забонҳои классикӣ» [Гинзбург, 1979, с. 191].

Муҳаққиқони таърихи забони англисӣ А. Бауг ва Т. Кабле қайд мекунанд, ки забони англисӣ «на танҳо маҳсули шеваҳоест, ки ютҳо, саксҳо ва англҳо ба Англия бо худ овардаанд…, балки дар 700 соли аввали мавҷудияти худ, ки онҳо бо келтҳо, римиҳо ва скандинавҳо тамос барқарор карданд, барои луғати худ самаре бардоштанд» [Baugh, 2002, p. 66].

3.1.3. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони лотинӣ

Забони лотинӣ – забони илми Аврупо дар ташаккули истилоҳоти рӯзноманигории забони англисӣ ҳиссаи назаррас гузоштааст. Чунки забони лотинӣ яке аз забонҳои бостонии ҳиндуаврупоист, ки дорои хат буд ва қариб тамоми осори илмӣ ба ин забон навишта мешуд. Нахустин ёдгориҳои хаттӣ ба ин забон ба асри VII то милод тааллуқ дорад.

Забони лотинӣ барои англосаксҳо забони мардуми истилогар набуд. Он забони муътабари тамаддун буд, ки англосаксҳо мехостанд ба он тамос ёбанд. Тамос бо ин тамаддун дар тӯли садсолаҳо борҳо шакл дигар мекард. Аввалҳо хислати тиҷоратӣ ва ҳарбӣ дошт, баъдҳо шакли динӣ ва зеҳнӣ гирифт. Қабилаҳои англ ва сакс ҳанӯз дар Германия бо римиҳо робитаҳои гуногун доштанд ва бисёр вожаҳои лотиниро истифода мебурданд. Баъд дар ҷазираҳои Британия онҳо аз иқтибосоти лотинии келтҳо фоида бурданд. Миссионерҳои Рим, бо паҳн кардани насрония вусъати қабули унсурҳои забони лотиниро дар забони англисӣ таъмин карданд [Baugh, 2002, p. 70].

Таҳқиқ нишон дод, ки ҳиссаи истилоҳоти рӯзноманигории забони англисӣ, ки аз забони лотинӣ иқтибос шудаанд, чунин аст:

- иқтибосоти бевосита аз забони лотинӣ (Л) – 4,09 дарсад;

- иқтибосоти лотинӣ ба воситаи забони фаронсавӣ (ЛФ) – 28,38 дарсад;

- иқтибосоти лотинӣ ба воситаи забони итолиёӣ (ЛИ) – 0,57 дарсад;

- иқтибосоти лотинӣ ба воситаи забони олмонӣ (ЛО) – 0,22 дарсад;

- иқтибосоти таркибӣ аз забони лотинӣ (ибора-истилоҳоти навъи Л+Л) – 3,41 дарсад.

Ҷамъулҷамъ таносуби истилоҳоти иқтибосӣ аз забони лотинӣ ба 36.67 дарсади маводи таҳлилшаванда баробар аст.

а. Иқтибосоти бевосита аз забони лотинӣ (Л). Дар ҳама давру замон ва бавижа дар се садаи охир бинобар созмон ёфтани нашрияҳои бузурги даврии «Дейли курант» [“Daily Courant”, 1702], «Таймс» [“The Times”, 1785], «Дейли Экспресс» [“Daily Express”,1900], оҷонсии иттилоотии «Рейтер» [“Reuters”, 1851], «Ширкати пахши иттилооти Британия» – [“British Broadcasting Corporation” – BBC, 1922], тараққиёти илму истеҳсолот ва техникаву технология, рушди бемайлони риштаи рӯзноманигорӣ дар кишварҳои англисизабон зарурати иқтибосоти нав ба миён меомад. Аз ҳамин сабаб бештари иқтибосоти бевосита аз забони лотинӣ ба ҳамин минвол шакл гирифтаанд. Масалан, истилоҳоти *edition* – «нашр», *editor* – «муҳаррир», *editor* – «ношир», *editorial* – «сармақола» аз *лот. editionem* (nom. *editio*) «истеҳсол, тавлид» аз асоси *edere* «истеҳсол кардан, тавлид кардан» ба вуҷуд омадаанд. Ҳарчанд гумон меравад, ки асоси онҳо аз *editer*-и фаронсавӣ пайдо шудааст. Соли 1791 *editor* маънои «ношир»-ро гирифт, ҳол он ки дар соли 1712 маънои «муҳаррир»-ро дошт [Barnhart, 1995, p. 232].

Ҳамин тариқ, истилоҳоти дигари лотиниасос ба вуҷуд омаданд: *abstractness* («мавҳумӣ»), *agitation* («тарғиб»), *alliteration* («аллитератсия»), *duplicate* («нусхаи дуюм»), *infringement* («қонуншиканӣ»), *interlocutor* («ҳамсуҳбат»), *interpolation* («воридкунӣ»), *monitor* («монитор»), *monitoring* («мониторинг»), *producer* («таҳиягар»), *propaganda* («таблиғ»). ва ғ.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

duplicate *сиф*. (**дубликат**) Эҳтимол пеш аз 1425, дучандон, иборат аз ду қисм, аз лотини duplicātus гирифта шудааст, сифати замони гузаштаи duplicāre ба дукарата, (dupīcare ба пӯшиш); Маънои ба чизе мувофиқат кардан бори аввал соли 1812 аз нав сабт шудааст [Barnhart, 1995, p. 226].

interlocutor *n*. (мусоҳибон) соли 1514 пайдо шуда шахсе, ки дар сухбат ё муколама иштирок мекунад; дар забони англисӣ сохта шудааст, ки гӯё аз лотинии *interlocūtor, аз interlocū-, бунёд ёфтааст [Barnhart, 1995, p. 394].

monitor *n.* (монитор) Соли 1546, вом гирифтан аз монитори лотинӣ касеро хотиррасон мекунад, панд медиҳад ё тафтиш мекунад, аз monēre насиҳат мекунад, огоҳ мекунад, маслиҳат медиҳад, марбут ба meminī ман дар ёд дорам, ман дар хотир дорам ва mēns MIND алоқаманд мебошад; [Barnhart, 1995, pp. 485-486].

Мисолҳо: *Berman also refers to the* ***abstractness*** *of rationalization, the translation of verbs by noun forms and the tendency to generalization* [Munday, 2001, p. 150]. *First, media were instruments for* ***agitation*** *and class struggle, a weapon used by the proletarian class to overthrow capitalism and to build up socialism. Third, media were a central instrument of the party to* ***propagandize*** *party policies* [Chris, 2009, p. 288].

б. Иқтибосоти лотинӣ ба воситаи забони фаронсавӣ (ЛФ) аз ҷиҳати миқдор нисбатан сершумор буда, сабабҳои таърихии худро доранд. Таъсири забони фаронсавӣ ба забони англисӣ бавижа дар давраи ҳукмронии фаронсавиҳо дар кишвар, ҳангоме ки забони миллии англисӣ ҳанӯз шакл нагирифта буд, пурзӯр гардид. Бо зӯрӣ даромадани фаронсавиҳо ба Англия дар соли 1066 оғози давраи забткориҳои нормандиҳо шуд. Забони фаронсавӣ дар давраи дуру дароз ба забони давлатии Англия табдил ёфт. Дар кишвар дузабонӣ ҳукмрон гардид. Ин замони иқтибосоти англису фаронсавӣ буд.

Ҳукмронии забони фаронсавӣ дар нимаи дуюми асри XVI хотима меёбад, аммо бахши бештари иқтибосот аз ин забон маҳз ба ҳамин замон рост меояд – забони англисӣ, ки акнун ба забони расмӣ мубаддал мегардид, ба ғанӣ гардонидани вожагони худ аз ҳисоби унсурҳои забони фаронсавӣ эҳтиёҷ дошт.

Аз ҳамин сабаб, иқтибосоти фаронсавиро аз садаи XIII сар карда дигар наметавон иқтибосоти фаронсавии инглистонӣ номид. Чунки бархе аз вожагони иқтибосӣ дертар баъд аз барқарории сулолаи Стюартҳо ва дар алоқа бо инқилоби буржуазии соли 1789-и Фаронса ба забони англисӣ гузаштаанд.

Забоншиносон бар онанд, ки аксари иқтибосоти фаронсавӣ дар амал воҳидҳои луғавии лотинӣ буданд. «Забони фаронсавӣ, яке аз забонҳои романист, ки аз забони лотинӣ, ба мисли португалӣ, испанӣ, каталонӣ, провансалӣ, романӣ (дар Швейтсария), итолиёӣ (бо шеваҳои сершумораш) ва руминӣ баромадааст. Бинобар ин бештари вожаҳое, ки аз забони фаронсавӣ иқтибос шудаанд, ғайримустақим аз лотинӣ баромадаанд» [Carstairs-McCarthy, 2002, с. 100–101].

Умуман, ҳоло дар рӯзноманигории англисизабон иқтибосоти лотинии ҳам куҳна ва ҳам нави аз забони фаронсавӣ гузашта истифода мешаванд.

Масалан: *ability* («қобилият»), *accreditation* («эътиборнома»), *argument* («санад»), *argumentation* («санаднокӣ»), *briefing* («раҳнамудоварӣ»), *censor* («сензура»), *comment* («табсира»), *commentator* («шореҳ»), *correction* («тасҳеҳот»), *correspondence* («мухбирнома») ва ғ.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

advertisement *n. (реклама)*. Паёми пулакӣ, ки дар ҷойҳои муайян радио, шабакаҳои иҷтимоӣ телевизион маҷалла ва рӯзномаҳо гузошта мешавад. Асли ин калима advertir – хабар додан аз забони фаронсавии қадим гирифта шудааст [Harcup, 2014, p. 5].

argue *v*. (баҳс кардан) Тақрибан соли 1303, ки тавассути arguer англо-франсавӣ гирифта шудааст, аз Фаронсаи қадим, аз лотинии argūtāre chatter shrilly, prattle, commonative of arguere assert, далел овардан мебошад.

argument n. (баҳс) Инчунин соли 1330 аз argumentum лотинии argumentum, аз arguere assert, яъне далел, баҳс истифода шуд [Barnhart, 1995, pp. 36-37].

brief *adj*. (мухтасар). Эҳтимол пеш аз 1300 bref, ба воситаи brif-и қадимаи фаронсавӣ, мухтасар ва бевосита аз brevis кӯтоҳи лотинӣ гирифта шудааст [Barnhart, 1995, p. 86].

comment *n*. **(**шарҳ). Пеш аз соли 1387, эҳтимол тавассути шарҳи фаронсавии қадим, ё бевосита аз шарҳи лотинии шарҳ, тафсир, аз ихтирои лотинии commentum, гирифта шудааст [Barnhart, 1995, p. 142].

Мисол: *One of the main reasons appears to have been the blind trust in the* ***ability*** *of market forces to bring about all the benefits associated with the information society* [David, 2010, p. 58]. *Many journalism training courses, including those by* ***accreditation*** *bodies like the National Council for the Training of Journalists in the UK* [Fowler-Watt, 2013, p. 151]. *The program debuted in 1996 as Fox News was launched. It includes discussions, debates,* ***commentary****,* ***arguments****, and interviews about current events, politics, and celebrities* [Chris, 2009, p. 617].

в. Иқтибосоти лотинӣ ба воситаи забони итолиёвӣ. Иқтибосоти лотинӣ, ки ба воситаи забони итолиёвӣ ба забони англисӣ гузаштаанд, инҳоанд: *corridor* («даҳлез»), *manager* («менеҷер»), *motto* («шиор»), *scenario* («сенария»), *studio* («студия»). Ин истилоҳот дар забони англисӣ ҳосила-истилоҳоти зиёде пайдо кардаанд: *abbreviate* (ихтисор кардан)*, abbreviature* (ихтисора)*, manageability* (идорашавандагӣ)*, manageable* (идорашаванда), *management* (идоракунӣ), *managed* (идорашаванда) ва ғ. Ғайр аз ин дар истилоҳоти иқтибосии таркибию гуногунзабон вожаҳои баромадашон итолиёии **pun** (базлагӯйӣ), **opera** (опера)**, relief** (барҷаста)**, firm** (корхона) ва

лотинии итолиёишудаи **cartoon** (карикатура)**, manage** (идора кардан)**, artistic** (артистӣ) истифода шудаанд.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

medium *n*. (расона) шакли танҳои media гирифта шуда дар минаи асри 19 аз забони лотинии medius 'middle яъне маънои миёнаро доро мебошад [Harcup, 2014, p.178].

scenario *n*. (сенария) соли пайдоишаш 1878, яъне сенарияи итолиёви саҳна, аз лотинӣ scaena, scēna SCENE. Нақшаи вазъият ё силсилаи ҳодисаҳои тасаввуршаванда бори аввал соли 1962 сабт шудааст [Barnhart, 1995, p. 690].

Мисол: *In 1941 as Canadian contributions to the war in Europe began to increase, the CBC set up its first in-house news room with bureaus in five cities linking the Atlantic Provinces to those on the Pacific* ***corridor*** [Chris, 2009, p. 248]. *While the Netzeitung had some success in providing quality journalism on the web, it never really* ***managed*** *to establish itself as a brand that could compete with Spiegel Online* [David, 2010, p. 47]. *Instead, an author created a* ***scenario*** *for the general topic, and the art director transformed this* ***scenario*** *into a sketch that included the nature of pictures he wanted to incorporate* [Chris, 2009, p. 1072].

г. Иқтибосоти лотинӣ ба воситаи забони олмонӣ. Аз истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ иқтибосоти лотинии зерин аз забони олмонӣ гирифта шудаанд: *terminology* – истилоҳотшиносӣ ва *ambivalence* – духелагӣ [Barnhart, 1995, pp. 22, 803].

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

terminology *n*. (истилоҳот) соли 1801, аз истилоҳоти олмонӣ гирифта шудааст (калимаи истилоҳи лотинии асримиёнагӣ, ифода + олмонӣ -ologie -ology) [Barnhart, 1995, p. 803].

ambivalence *n* (духелагӣ, мухолифатнокӣ) соли 1924, ба забони англисӣ аз (1912) амбивалентӣ сохта шудааст ва аз Ambivalenz олмонӣ (соли 1910

маънояш ба як объект равона шудани эҳсос, мақсад, фикр ва баёни ба ҳам зид [Barnhart, 1995, p. 22].

Мисолҳо: *One of the difficulties encountered by translation studies in systematically following up advances in theory may indeed be partly attributable to the overabundance of* ***terminology*** [Munday, 2001, p. 46]. *The* ***ambivalence*** *of the role of the magazine in the articulation of thefragmented and increasingly commodified experiences of women reflects the Janus-faced aspect of journalism towards their participation* [Conboy, 2004, p. 148].

д. Ибора-истилоҳоти ҳар ду ҷузъҳояшон лотинӣ (навъи Л+Л)

Ин гуна ибора-истилоҳот аз вожаҳои иқтибосии лотинӣ таркиб ёфта, дар онҳо алоқаи байни ҷузъҳо бо воситаҳои дастурии забони англисӣ (пасвандҳои сифатсоз дар ибораҳои муайянкунандагӣ, пешояндҳо дар ибораҳои пуркунандагӣ ва ҳолӣ) анҷом дода мешавад. Масалан, *creation process* – ҷараёни эҷодӣ, *editorial office* – идораи нашрия, *global problems* – масоили умумӣ, *initial information* – иттилооти ибтидоӣ, *public opinion* – афкори ҷомеа ва ғ.

Мисол: *The Internet has also introduced a new degree of interactivity to journalism, in which news consumers increasingly participate in the news-****creation process****, and professional journalists must cater to more fragmented audiences* [Chris, 2009, p. 1298]. *A globally responsible journalism in needed to help citizens understand the daunting* ***global problems*** *of poverty and environmental degradation* [Wahl-Jorgensen, 2009, p. 305].

е. Ибора-истилоҳоти ҷузъҳояшон лотинию лотинии фаронсавишуда Л+ЛФ ва ЛФ+Л: *creative process* – ҷараёни эҷодӣ, *digital press* – чопи рақамӣ, *editor-in-chief* – сармуҳаррир, *advertising agency* – оҷонсии рекламавӣ, *press conference* – нишасти матбуотӣ ва ғ.

Мисолҳо: *The term* ***digital press*** *impliesa higher level of operating speed and capability for production applications* [Chris, 2009, pp. 1125–1126]. *In Kenya, George Githi was dismissed as* ***editor-in-chief*** *of the Standard in 1982 after the*

government apparently took exception to his criticism of the policy of detaining people without trial [Eaman, 2009b, p. 66].

3.1.4. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони юнонӣ

Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони юнонӣ низ дар баробари иқтибосоти лотинӣ дар ривоҷи истилоҳоти забони англисӣ саҳм гузоштаанд. Бештари вожаҳои юнонӣ ба забони англисӣ бо миёнаравии забони лотинӣ иқтибос шудаанд. Ҳиссаи иқтибосоти юнонӣ дар истилоҳоти рӯзноманигории забони англисӣ чунин аст:

- иқтибосот бевосита аз забони юнонӣ (Ю) – 1,70 дарсад;

- иқтибосоти юнонӣ ба воситаи забони лотинӣ (ЮЛ) – 2,84 дарсад;

- иқтибосоти юнонӣ ба воситаи забони фаронсавӣ (ЮФ) – 1,93 дарсад.

- иқтибосоти юнонӣ ба воситаи забонҳои лотинию фаронсавӣ (ЮЛФ) – 6,36 дарсад.

Ҷамъулҷамъ таносуби истилоҳоти иқтибосӣ аз забони юнонӣ ба 12.83 дарсади маводи таҳлилшаванда баробар аст.

а. Иқтибосоти бевосита аз забони юнонӣ: *epigraph* – катиба*, euphemism* – эвфемизм*, microphone* – микрофон*, pathos* – пафос*, phonogram* – фонограмма*, semiotics* – семиотика ва ғ.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

epigraph *n*. (эпиграф) 1624, навиштаҷоти рӯи бино; аз эпиграфи юнонӣ навиштаҷоти юнонӣ гирифта, аз *epigráphein* навиштан. Маънои шиор ё ҷумлаи мухтасари бахшидашуда, бори аввал дар соли 1844 ба забони англисӣ сабт шудааст [Barnhart, 1995, p. 247].

euphemism *n*. эвфемизм 1656-81,иқтибос аз юнонӣ euphēmismós истифода бурдани калимаи мусоид ба ҷои калимаи бад, аз euphēmízein бо сухани одилона сухан гуфтан (eu- good + phēmē гуфтан, аз phánai сухан); гирифта шудааст [Barnhart, 1995, p. 255].

pathos *n*. (пафос) 1668, аз юнонӣ гирифта шудааст páthos ранҷу азоб, эҳсосот, эҳсосот, марбут ба ғаму ғусса ё андӯҳ мебошад [Barnhart, 1995, p. 546].

Мисолҳо: *This was the methodology employed in a large number of the works mentioned above in the second and third* ***epigraphs*** *of this chapter on the working conditions of journalists, including online journalists* [Palacios, 2007, p. 104]. *We do not use* ***euphemisms*** *such as "recasts," "fixes," "clarifies" or "changes" when correcting a factual error* [Chris, 2009, p. 1658].

б. Иқтибосоти юнонӣ ба воситаи забони лотинӣ (ЮЛ): *allegory* – маҷоз, *camera* – камера, *hero* – қаҳрамон, *method* – усул, *pamphlet* – памфлет, *parody* – пародия, *typification* – типикунонӣ ва ғ.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

allegory *n*.(киноя) тақрибан соли 1384, эҳтимол аз allēgoria лотинӣ, аз юнонӣ allēgoríā, аз allēgoreīn ба таври дигар сухан гуфтан гирифта шуда, маъноясш тасвири ғайри ҳақиқат, суханро на ба маънои аслӣ гуфтан мебошад [Barnhart, 1995, pp. 18-19].

pamphlet *n*. (памфлет) тақрибан 1385, аз англо-лотинӣ panfletus, pamfletus гирифта шудааст, эҳтимол истифодаи умумии Pamphilet, номи маъмули "Pamphilus, seu de Amore" (Pamphilus, ё Дар бораи ишқ, шеъри мухтасари ишқи лотинии солҳои 1100), аз pámphilos юнонӣ дӯстдоштаи ҳама (пан- ҳама + phílos дӯстдошта, азиз); мебошад [Barnhart, 1995, p. 537].

Мисолҳо: *Perhaps the cave* ***allegory*** *(or 'analogy') is worth applying more widely to the provision of political information* [Munday, 2001, p. 290]. *The editor tilts to book authors on the political left in his choice of journalistic* ***heroes****, but it is a roster few could challenge* [Chris, 2009, p. 2201].

в. Иқтибосоти юнонӣ ба воситаи забони лотинию фаронсавӣ (ЮЛФ): *analytics* – таҳлилгарӣ, *archives* – бойгонӣ, *chronicle* – кӯтоҳхабар, *critic* – мунаққид, *dialogue* – гуфтугӯ, *ether* – эфир, *metaphor* – истиора ва ғ.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

ether *n*. (эфир) То соли 1398 майдонҳои болоии фазо; аз эфири фаронсавии қадим гирифта шудааст ва бевосита ҳамчун вом аз лотинии aethēr ҳавои пок ва равшани боло, аз aethēr ҳавои болоии юнонӣ гирифта шудааст. Дар соли 1757 эфир, як пайвастагии кимиёвӣ, ки бо сабаби сабукӣ ва набудани ранг номида шуд, ки шабеҳи ҳаворо нишон медиҳад. То соли 1842 хосиятҳои анестетикии он муқаррар карда шуданд [Barnhart, 1995, p. 254].

Мисолҳо: *Many journalists seem to be unaware of the size of the revenue that is already generated through data collection, data* ***analytics****, and visualization* [Gray, 2012, p. 58]. *A majority of his works* ***chronicle*** *his own travels and the lives he encountered, often resulting in insightful* ***criticism*** *of society* [Chris, 2009, p. 176].

г. Иқтибосоти юнонӣ ба воситаи забони фаронсавӣ (ЮФ) *archaism* – архаизм, *demagogy* – авомфиребӣ, *episode* – лаҳза, *ideal* – намуна, *polemics* – мунозара ва ғ.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

episode n. эпизод 1678 тафсири эпизод дар фоҷиаи юнонӣ байни ду суруди хорӣ; 1679 эпизод, ривояти тасодуфӣ ё канорагирӣ дар ҳикоя, шеър ва ғ.; ба воситаи episode фаронсавӣ аз юнонӣ epeisódion изофӣ гирифта шудааст. Ҳисси ҳодиса ё таҷрибае, ки аз дигарон фарқ мекунад, бори аввал ба забони англисӣ соли 1773 сабт шудааст [Barnhart, 1995, p. 247].

polemic *n* мунозира. 1638, эҳтимол аз polémique фаронсавӣ ва юнонии *polemikós* иқтибоз омада маъноякш., баҳснок ё ситез ва ҷангро ифода мекунад [Barnhart, 1995, p. 581].

Мисолҳо: *Chapter 10 investigates a selection of philosophical issues of language and translation, ranging from Steiner's 'hermeneutic motion', Pound's use of* ***archaisms****, Walter Benjamin's 'pure' language, and Derrida and the*

deconstruction movement [Munday, 2001, p. 16]. *Podcasts, however, offer the advantage of syndication; users can subscribe to them and download new* ***episodes*** *automatically* [Chris, 2009, p. 1346].

3.1.5. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони фаронсавӣ

Ба ғайр аз иқтибосоти лотинӣ ва юнонӣ, ки ба воситаи забони фаронсавӣ ба забони англисӣ гузаштаанд, боз як гурӯҳ истилоҳоти решагии фаронсавӣ мавҷуданд, ки дар ҳамон давру замон иқтибос шуда номгӯйи истилоҳоти рӯзноманигории ин забонро пурра кардаанд. Масалан: *argot* – арго*, banal* – сухани обшуста *brochure* – брошюра*, debate* – мубоҳиса*, feuilleton* – фелетон*, genre* – жанр*, interview* – мусоҳиба ва ғ. Ин иқтибосот 2,84 дарсади маводи таҳлилшавандаро ташкил мекунанд.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

debate *n*. (баҳс) Пеш аз соли 1325 баҳсу мунозира, баҳс; аз мубоҳисаи фаронсавии қадим гирифта шудааст, аз débatre ба ҷанг, мубориза бурдан [Barnhart, 1995, p. 187].

genre *n*. (жанр) соли 1816, аз жанри фаронсавӣ навъ, навъ, услуб, аз Фаронсаи қадим гирифта шудааст [Barnhart, 1995, p. 314].

Мисолҳо: *Any type of writing for hire can come under the rubric of freelance writing – be it sports reports, advertising copy, promotional* ***brochures****, or greeting card verses* [Chris, 2009, p. 645]. *Although the news style is generally accepted, the dichotomy between the information and the story models is still very present in the public* ***debate*** *on* ***journalism*** [Broersma, 2008, p. 29]. *Form can be analyzed into three subcategories that cover structure, design and* ***genre*** [Broersma, 2008, p. 21].

3.1.6. Истилоҳоти иқтибосӣ аз забони ҳоландӣ

Ин истилоҳот аз забони ҳоландӣ иқтибос шудаанд: *landscape* – пейзаж, *sketch* – очерк, лавҳа, *tick* – аломати қайд. Вожаҳои ҳоландии

sketch, ***cable*** (кабел) дар таркиби истилоҳоти мураккабу таркибии гуногунзабон низ корбурд мешаванд: *radio-sketch* – очерки радиоӣ. Ба воситаи забони фаронсавӣ аз забони ҳоландӣ вожаҳои **block** (блок)**, boulevard** (гулгашт)**,** инчунин истилоҳи **placard** – «лавҳаи мусаввара» иқтибос шудааанд: *block programming* – барномасозии қишрӣ, *boulevard journalism* – журналистикаи кӯчагӣ.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ якчанд моддаи луғавиро айнан меорем:

landscape *n*. манзара соли 1603, тасвири саҳнаи замин; иқтибос аз landschap Голландӣ, аз минтақаи ландшафтҳои Ҳолланд Миёна (замин замин + -scap -SHIP); ҳамсояи минтақаи ландсипии қадимии инглисӣ (гарчанде ки чунин истилоҳ дар забони англисии миёна вуҷуд надорад);. Маънои қаблии муаррифӣ ҳамчун манзара, тасвир, соли 1868 пайдо шудааст [Barnhart, 1995, p. 419].

sketch *n.* (нақши сардастӣ) 1668 нақша; қарз аз schets Голландия, аз schizzo итолиёвӣ эскиз, расмкашӣ, истифодаи махсуси schizzo a splash, squirt, аз schizzare ба splash ё squirt, пайдоиши номаълум ги рифта шудааст [Barnhart, 1995, p. 723].

Мисолҳо: *A model that distinguishes between different styles can be helpful in the analysis of the media* ***landscape*** *as a dynamic field of relations* [Broersma, 2008, p. 24]. *The above has done no more than* ***sketch*** *something of this structuration by overshadowing paradigms, different perspectives and salient debates and has moved to offer three further possible research trajectories for the future* [Wahl-Jorgensen, 2009, pp. 353-354].

3.1.7. Истилоҳоти иқтибосии дигар

Дар ин истилоҳоти иқтибосии гуногунзабон вожаи фризии олмонишудаи **key** ва вожаи лотинии олмонишудаи **format**, ки тавассути забони фаронсавӣ соли 1840 ба забони англисӣ гузаштааст, ҷузъи асосӣ мебошанд: *radio-format* – формати радио, *key word* – калидвожа.

Аз забони тоҷикӣ (форсӣ) ду истилоҳ иқтибос шудааст, ки он ҳам бо миёнаравии забонҳои лотинӣ ва арабию туркӣ сурат гирифтааст: *algorithm* – алгоритм, *kiosk* – киоск. Аз забони арабӣ ба воситаи забонҳои фаронсавӣ ва итолиёвӣ истилоҳи *magazine* – «маҷалла» иқтибос шудааст. Аз яке аз забонҳои бумии гурӯҳи келтии Британия – забони гэлӣ як истилоҳ иқтибос шудааст: *slogan* – шиор. Аз забони ҷопонӣ истилоҳи *karaoke* – «караоке» омадааст. Истилоҳи *ombudsmen* – «намоянда» аз забони шведӣ иқтибос шудааст.

Барои тасдиқи маъхази иқтибос аз луғатҳои этимологӣ моддаҳои луғавиро айнан меорем:

kiosk *n*. (киоск) соли1625, аз киоски фаронсавӣ, аз павильони кошки туркӣ, қаср, аз гӯшаи порси goše гирифта шудааст [Barnhart, 1995, p. 414].

slogan *n*. (шиор). 1513 фарёди ҷанг slogorne истифода аз ҷониби Ирландия ё Шотландия Highland кланҳои; аз гаэли слуаг-гизаирм гирифта шудааст. Шиори имлоӣ дар соли 1680 пайдо шуд ва маънои калима ё ибораи фарққунанда аз ҷониби як гурӯҳи сиёсӣ ё дигар дар соли 1704 истифода шудааст [Barnhart, 1995, p. 728].

ombudsman *n*. (омбудсмен) 1959, қарз гирифтани омбудсмени Шветсия, ба маънои аслӣ, комиссар ё комиссар, ки ба umbothsmadhr-и куҳнаи Исландия мувофиқ аст. Шахсе, ки шикоятҳоро тафтиш мекунад ва кӯшиш мекунад, мушкилотро одилона ҳал кунад [Barnhart, 1995, p. 521].

Мисолҳо: *After this first selection filter, social reality is transformed once again to fit into media* ***formats*** *that give it shape* [Broersma, 2008, p. 16]. *After describing the main features of Brazil's broadcasting and print media sectors, the chapter identifies* ***key*** *pressures facing news organizations* [David, 2010, p. 107].

3.1.8. Истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ аз забонҳои гуногун

Ин гуна истилоҳоти иқтибосӣ, ки дар мисолҳои поён овардем, ҳамагӣ 35,76 дарсади маводи таҳлилшавандаро дар бар мегирад.

Таркибҳои англисию лотинии намуди А+Л ва Л+А: *editorial board* – ҳайати таҳририя, *news agency* – оҷонсии иттилоотӣ, *no comment* – бидуни шарҳ, *on line* – дар алоқа, бархат, *outline* – очерк ва ғ.

Мисолҳо: *Editors generally select their own* ***editorial boards*** *and are expected to conform to the society's ethical standards* [Chris, 2009, p. 1259]. *The network had few reporters of its own; much of the news script came directly off the* ***news agency*** *tickers, and viewing audiences were tiny* [Chris, 2009, p. 2].

Таркибҳои англисию фаронсавии А+Ф ва Ф+А: *freedom of journalism* – озодии рӯзноманигорӣ, *headband* – шероза, *yellow press* – матбуоти «зард» ва ғ.

Мисолҳо: *In News and Free Speech, Barry Richards argues that the key challenge to the* ***freedom of journalism*** *in liberal democracies is not from the threat of censorship by an overbearing state, although state censorship remains in force, but from several other threats to freedom of speech* [Fowler-Watt, 2013, p. x]. *Two types of readers, immigrants and women, were especially drawn to the* ***yellow press*** [Chris, 2009, p. 1281].

Таркибҳои англисию лотинии фаронсавишуда А+ЛФ ва ЛФ+А: *banner advertisement* – рекламаи баннерӣ, *business press* – матбуоти тиҷоратӣ, *copyright* – ҳуқуқи муаллифӣ, *freedom of the press* – озодии матбуот, *imbalance in news* – нобаробарии иттилоот ва ғ.

Мисолҳо: ***Banner advertising*** *… an advertisement that stretches across the top or bottom of a printed page or a webpage* [Anderson, 2006, p. 19]. *All of these, along with business sections of major daily newspapers, specialized cable networks, and a growing number of Internet sites, make up the American* ***business press*** [Chris, 2009, p. 229]. *The company also provides* ***copyright*** *policing services* [Chris, 2009, p. 316].

Таркибҳои англисию юнонии лотинию фаронсавишуда А+ЮЛФ ва ЮЛФ+А: *bury a talent* – истеъдодро ба бод дода, *hot theme* – мавзуи пурхурӯш, *number of sheets* – ҳаҷм, *style sheet* – дастурамали нашриёт.

Мисолҳо: *Tank … 1. a large tray or container for processing a* ***number of sheets*** *of film together 2. a lightproof container for developing film, designed so that processing chemicals can be poured in and out without light entering* [Anderson, 2006, p. 232]. *Ventura improved on PageMaker's pasteboard metaphor by automating* ***style sheets*** *and pagination processes, making it more suitable for longer documents* [Chris, 2009, p. 396].

Таркибҳои англисию юнонӣ А+Ю ва Ю+А: *bold type* – ҳуруфи ғафс, *microphone folder* – ҷузвдони ровӣ, *size of type* – кегл, *underlying idea* – зермаъно.

Мисолҳо: *Even magazines covering the same general subject – sports, for example – have differing personalities: ESPN, with its larger-than-typical size,* ***bold type****, and strong cover portraits, says it's a sports magazine with an attitude* [Chris, 2009, p. 863]. *Cicero … a* ***size of type*** *slightly larger than the pica* [Anderson, 2006, p. 39].

Таркибҳои лотинию фаронсавии Л+Ф ва Ф+Л: *information war* – ҷанги иттилоотӣ, *journalism organization* – ташкилоти рӯзноманигорӣ, *radio journalism* – рӯзноманигории радио, *radio journalist* – рӯзноманигори радио ва ғ.

Мисолҳо: *This form of discussion is considered by* ***journalism organization*** *as a critical element in engaging and holding an audience on a site* [Chris, 2009, p. 408]. *Journalists Under Fire:* ***Information War*** *and Journalism Practice* [Chris, 2009, p. 2191]. *Born in Canada as the son of a Canadian Broadcasting Corporation official, Jennings got his start as a* ***radio journalist*** [Chris, 2009, p. 2].

Таркибҳои лотинӣ ва юнонии тавассути лотинӣ фаронсавишуда Л+ЮЛФ ва ЮЛФ+Л: *information policy* – сиёсати иттилоотӣ, *mass culture* – фарҳанги оммавӣ, *mass communication* – иртиботи оммавӣ, *mass media* – воситаҳои ахбори омма (ВАО) ва ғ.

Мисолҳо: *The* ***information policy*** *adopted by the British government and the military during the Falklands was poorly organized and lacked planning* [Wahl-Jorgensen, 2009, p. 390]. *The 1980s saw the popular press retreat from political*

journalism towards an increasing dependence on sex, sensation and symbiosis with television's brand of ***mass*** *popular* ***culture*** [Conboy, 2004, p. 183].

Таркибҳои лотинию юнонии Л+Ю ва Ю+Л: *dictaphone* – диктофон, *literary type* – типи адабӣ, *technical editor* – муҳаррири техникӣ, *television* – оинаи нилгун ва ғ.

Мисолҳо: ***Dictaphone*** *… a trade name for a small tape recorder used for dictating letters or documents which can then be typed by someone playing the recording back* [Anderson, 2006, p. 66]. *If the highest position is occupied by an innovative* ***literary type****, then the lower strata are likely to be occupied by increasingly conservative types* [Munday, 2001, p. 109]. *In fields like banking, law, and medicine,* ***technical editors*** *handle specialized books, journals, pamphlets, reports, and training material* [Chris, 2009, p. 468].

Таркибҳо аз юнонии лотинишуда бо фаронсавӣ ЮЛ+Ф ва Ф+ЮЛ: *electronic mail (e-mail)* – почтаи электронӣ, *journalism theory* – назарияи рӯзноманигорӣ, *system of press* – низоми матбуот ва ғ.

Мисолҳо: But, as presently constituted, those most relevant to this case are **electronic mail ("email")**, automatic mailing list services ("mail exploders," sometimes referred to as "listservs"), "news-groups," "chat rooms," and the "World Wide Web" [Chris, 2009, p. 1590]. Similarly, Löffelholz (2008), in tracing the German tradition of journalism studies, found the ancestry of contemporary **journalism theory** in the work of the German writer and literary historian Robert Eduard Prutz (1816–1872) [Wahl-Jorgensen, 2009, p. 5].

Таркибҳо бо юнонии лотинишуда ва лотинии фаронсавишуда ЮЛ+ЛФ ва ЛФ+ЮЛ: *dramatic effect* – таъсирнокӣ, *lithoprint* – чопи сангӣ, *periodical press* – матбуоти даврӣ, *publishing system* – низоми нашриёт, *typesetting* – ҳуруфчинӣ ва ғ.

Мисолҳо: *Increasingly, video footage is included in weather broadcasts for* ***dramatic effect*** [Chris, 2009, p. 1455]. ***Lithoprint*** *литографировать* [Виноградский, 1993, с. 248]. *The* ***periodical press*** *is neither a mirror reflecting Victorian culture, nor a means of expressing Victorian culture but an inescapable*

ideological and subliminal environment, a (or perhaps the) constitutive medium of a Victorian culture [Conboy, 2004, p. 151].

Таркибҳои юнонӣ бо юнонии лотинишуда ЮЛ+Ю ва Ю+ЮЛ: *electronic graphic* – ҷадвали электронӣ, *methodology* – методология.

Мисолҳо: ***Electronic graphic*** *systems developed in the 1970s could generate simple locator maps – now in color, with improved contrast – as well as animated sequences with few labels* [Chris, 2009, p. 872].

Таркибҳои гуногуни лотинӣ бо лотинии фаронсавишуда Л-ЛФ: *executive secretary* – котиби масъул, *foreign reporter* – мухбири хориҷӣ, *independent press* – матбуоти мустақил, *sound recording* – сабти овоз ва ғ.

Мисолҳо: *Written by the organization's first* ***executive secretary****, this provides an overview and assesses the role of ASNE in journalism education, Pulitzer Prizes, the American Press Institute, relations abroad, the fight for freedom of information, and highlights from its Bulletin* [Chris, 2009, p. 2249]. *In an interesting way, the colonial structure (especially in the British colonies) allowed a free and* ***independent press****, though not one without government control* [Chris, 2009, p. 37].

Таркибҳои гуногуни лотинӣ-фаронсавӣ-юнонӣ: *television station (TV station)* – истгоҳи телевизион, *TV journalist (television journalist)* – рӯзноманигори телевизион, *ethics of journalism* – ахлоқи рӯзноманигорӣ, *electronic typesetting* – чопи электронии мавод ва ғ.

Мисолҳо: *This also was around the time of the first black-owned* ***television station****, which began to broadcast in Detroit in 1973* [Chris, 2009, p. 50]. ***Television journalists*** *developed onscreen personas to connect with viewers by using strategies to mimic facetoface interaction* [Chris, 2009, p. 83].

Таркибҳои гуногунзабон бо вожаҳои лотинии фаронсавишуда (ЛФ): Дар ин гуна таркибҳо вожаҳои лотинии фаронсавишуда бо вожаҳои англисӣ, лотинӣ, юнонӣ ва норвегӣ омада, истилоҳ сохтаанд: *weekly newspaper* – ҳафтанома, *broadcast company* – ширкати телевизион ва

радиошунавонӣ, *cable television* – телевизиони кабелӣ, *banner headline* – кулоҳи баннер ва ғ.

Мисолҳо: *Asia Observer is a **weekly newspaper** catering to an American South Asian readership published in New Jersey but distributed throughout North America* [Chris, 2009, p. 114]. *Los Angeles is the number one market for Hispanic radio programming; KSCA and KLVE, two of the top-ten radio stations overall, are owned by Univision, the nation's largest Spanish-language **broadcast company*** [Chris, 2009, p. 861].

Таркибҳои гуногунзабон бо вожаҳои юнонии бевосита ё бавосита фаронсавишуда (ЮФ): Вожаҳои юнонӣ, ки бевосита ё ба воситаи забони лотинӣ ба забони фаронсавӣ гузашта, аз он ба забони англисӣ иқтибос шудаанд, дар ибора-истилоҳот бо вожаҳо аз забонҳои гуногун – англисӣ, лотинӣ ва юнонӣ меоянд: *style sheets* – дастурамали нашриёт, тарзи нигориш, *number of sheets* – ҳаҷм, *stylistic analysis* – таҳлили услубӣ, *database* – хазинаи маълумот, *cinematography* – кинематография ва ғ.

Мисолҳо: *Ventura improved on PageMaker's pasteboard metaphor by automating **style sheets** and pagination processes, making it more suitable for longer documents* [Chris, 2009, p. 396]. *Vinay and Darbelnet carried out a comparative **stylistic analysis** of French and English* [Munday, 2001, p. 56].

Таркибҳои гуногунзабони дорои вожаҳои лотинию юнонӣ (Л+Ю): *media politics* – сиёсати медиа, *sociological analyses* – таҳлили сотсиологӣ, *biographical information* – маълумоти тарҷумаиҳолӣ ва ғ.

Мисолҳо: *In response to criticism saying that they were too easily manipulated by candidates who were sophisticated about the new **media politics**, reporters introduced fact-checking techniques that often made them seem even more adversarial* [Chris, 2009, p. 1086]. *This is a guide to other guides – the format lists journalist name plus birth and (if applicable) death dates, then a series of abbreviations where more **biographical information** may be found* [Chris, 2009, p. 2245].

Хулоса, шарҳи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ нишон дод, ки

а) бахши муайяни истилоҳоти рӯзноманигории забони англисиро истилоҳоте ташкил додаанд, ки аз ҷиҳати этимологӣ вожаҳои аслии англисӣ буда, бо воситаҳои дастурии ин забон шакл гирифтаанд. Бо вуҷуди ин истилоҳоти аслии англисӣ ниҳоят камшумор буда, ҳамагӣ 7,26 дарсади истилоҳоти интихобшударо ташкил медиҳанд;

б) бахши бузурги истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ аз морфемаҳои иқтибосии забонҳои классикӣ (юнонӣ, лотинӣ) бо истифодаи воситаҳои дастурии забони англисӣ сохта шудаанд. Қисми зиёди истилоҳоти рӯзноманигорӣ (44,37 дарсад) иқтибосоти лотинӣ мебошанд, ки аксари онҳо (28,94 дарсад) тавассути забони фаронсавӣ иқтибос шудаанд. Иқтибосоти юнонӣ (12,83 дарсад) низ назаррасанд. Инчунин иқтибосоти фаронсавӣ, норвегӣ, ҳоландӣ, итолиёӣ, олмонӣ ва дигар низ мавҷуданд;

в) дар аксари ҳолатҳо морфемаҳои иқтибосӣ мафҳуми ибтидоиашонро гум кардаанд. Онҳо дар раванди мутобиқ шудан ба муҳити нави корбурд маъноҳои нав гирифтаанд. Масалан, *broad* дар ибтидо «фарох, паҳн», *to cast* «партофтан, ҳаво додан»-ро мефаҳмонд. *Broadcast* дар сабти соли 1767 маънои «(тухм) пошидан»-ро гирифт. Дар сабти соли 1921 бошад, *broadcast* (ҳам исм ва ҳам феъл) маънои паҳн (пахш) кардани мавҷҳои радиоро гирифт [Barnhart, 1995, p. 87]. Имрӯзҳо истилоҳи *broadcasting* маънои «пахши барнома» буда, танҳо барномаҳои радиоро дар назар надорад. Яъне ҳоло истилоҳи *broadcasting* мафҳуми пахши барномаи ҳама гуна расонаҳои ҳозиразамонро дар бар мегирад.

3.2. Шарҳи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ

Пайдоиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ ба замони таъсиси нахустин нашрияҳои даврӣ ба забони тоҷикӣ, яъне ба ибтидои садаи бистуми мелодӣ рост меояд.

Рӯзномаҳои тоҷикӣ дар охирҳои садаи XIX пайдо шуда бошанд ҳам, то соли 1912, яъне то таъсиси рӯзномаи «Бухорои шариф» онҳо барои тамоми форсизабонон умумӣ ё ба қавли И. Усмонов «умумитоҷикӣ» буданд. «Бухорои Шариф» дер напоида бошад ҳам, дар кишварамон боиси инқилоби маънавӣ гардид. То Инқилоби Октябр рӯзномаҳои дузабона аз қабили «Самарқанд», «Рӯзномаи моварои баҳри Хазар», «Садои Фарғона» амал мекарданд. Дар солҳои бистум рӯзнома-ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб» (1919–1921) [Усмонов, 2008, с. 15-75].

Маҳз дар ҳамин замон дар забони тоҷикӣ вожаву ибораҳои нав пайдо шуданд, ки ба ҳукми истилоҳоти нахустини рӯзноманигорӣ онҳоро метавон пазируфт: *газета (газет), нашри газета, муҳаррир, муҳаррирӣ, мудири газета, газетаи ҳаррӯза, ҳаққи сензорӣ, мудири масъул, ҳарф барои чоп, мақола, муштарии газета, ношири газета* ва ғ. [Айнӣ, 1987, с. 106–111].

Дар замони шуравӣ бинобар таъсиси ҷумҳурии миллии тоҷикон ва ташаккул ва рушди матбуот истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ пурра ташаккул ёфтанд. Вале дар истилоҳсозӣ асосан ба вожаҳои русию байналмилалӣ такя мешуд.

Дар натиҷаи демократикунонии ҷомеаи шуравӣ ва бо нашри «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) ва китоби «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров (1972) дар солҳои 70–80-уми садаи гузашта дар илму адаби тоҷик тамоюл ба бедории фикрӣ ва арзишҳои миллӣ ба миён омада, талошҳои нахустинро барои покизагии забони матбуот ба вуҷуд овард. Беҳуда нест, ки бори нахуст дар фарҳанги русӣ-тоҷикии соли 1985 [РТС, 1985] дар баробари истилоҳоти иқтибосӣ варианти тоҷикии онҳо низ оварда шудаанд: **газета** *(рӯзнома),* **журнал** *(маҷалла),* **памфлет** *(ҳаҷвия),* **юмор** *(зарофат),*

журналист *(рӯзноманигор),* **анализ** *(таҳлил),* **аналитик** *(таҳлилкунанда),* **репортаж** *(хабарнигорӣ),* **антология** *(баёз),* **характеристика** *(тавсифнома),* **конструктивӣ** *(асоснок),* **консултация** *(машварат),* **диалог** *(муколима, гуфтугӯ),* **редакция** *(ҳайати таҳририя),* ва ғ.

Истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ, ки давоми солҳои истиқлол дар пояҳои таърихии дар боло зикршуда рушду такомул ёфта, дар рисолаҳои илмӣ, васоити таълимӣ, луғатнома, маълумотнома ва донишномаҳои вижа ба низом дароварда шудаанд, мавриди шарҳи мо қарор мегиранд.

Барои тавсифи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ мо аз донишнома ва луғатҳои мавҷуда [Аминов, 2013, Иматшоева, 2015; Муродов, 2011: Муродов, 2016] 2000 адад истилоҳро интихоб намудем. Истилоҳот яквожагӣ ва бисёрвожа ҳастанд.

Ҳамаи истилоҳоти интихобгардида аз ҷиҳати этимологӣ шарҳ дода шуданд. Ҳангоми шарҳ барои ҷудо кардани намудҳои истилоҳот аз сарчашмаҳои луғавӣ ва этимологӣ [ОИЯ, 1982; ФЗТ, 1969а; ФЗТ, 1969б; ФТЗТ, 2008а; ФТЗТ, 2008б; Ҳасандӯст, 1393абвг; Horn, 1893; MacKenzie, 1986] истифода кардем.

Таҳқиқ нишон дод, ки ба гуногун будани баромад ва таркиби этимологӣ нигоҳ накарда, истилоҳоти рӯзноманигорӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: истилоҳоти худӣ ё решагӣ ва истилоҳоти иқтибосӣ.

3.2.1. Истилоҳоти аслии рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ

Истилоҳоти рӯзноманигорӣ, ки бевосита аз вожагони аслии забони тоҷикӣ маншаъ мегиранд, бунёди эронӣ ва ҳиндуаврупоӣ доранд. Таҳқиқ нишон дод, ки онҳо 13,21 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд. Масалан: *банду баст* – montage, *барнома* – program, *гӯлзанӣ* – misinformation, *дархост* – inquiry, *забони рӯзнома* – language of newspaper, *мизи гирд* – round table discussion, *навгонӣ* – novelty, *навид* – transaction, *наворбардор* – operator, *озодии сухан* – freedom of speech, *паси дарҳои пӯшида*

– behind the closed doors, *паснавишт* – postscript ва ғ. аз вожаҳои аслии тоҷикӣ – **исмҳо**: *ном, гӯл, забон, рӯз, миз, навид, навор, сухан, дар*; **сифатҳо**: *гирд, нав, озод*; **феълҳо**: *бастан, задан, хостан, бардоштан, пӯшидан, навиштан*; **зарф**: *пас*; **пешояндҳои сода ва изофӣ**: *бар, паси*; **пайвандак**: -*у* ва дигар воситаҳои грамматикӣ сохта шудаанд

Мисолҳо: *Вай бояд, қабл аз ҳама мавзуи ҷаззоб интихоб намояд, иштирокчиёни босалоҳиятро гирд оварад, роҳи ҳаллу фасл,* ***банду басти барномаро*** *дарёбад* [Саъдуллоев, 2008, с. 36]. *Шояд ин дастнорасӣ омил шудааст, ки И. С. Брагинский* ***забони рӯзномаи*** *«Бухорои шариф»-ро соли 1956 саҳван ё амдан тоҷикӣ ва ӯзбекӣ гуфтааст* [Атоев, 2019, с. 3]. *Дар* ***мизи гирди*** *«Шоҳмот» масоили сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Эрон мавриди мубоҳисаи коршиносон қарор мегирад* [Муқим, 2021, с. 23]. *Онҳо рӯзҳои (шояд моҳҳои) аввал аз рӯйи нақша амал мекунанд ва ҳангоми интихоби кадр, монтажи* ***навор*** *аз рӯйи нақша ё талаби сармуҳаррири идора тадриҷан дарк мекунанд, ки барои* ***навиди*** *телевизионӣ кадом навъ ё намуди* ***навор****, кадр ва нақша бештар зарурат дорад* [Саъдуллоев, 2008, с. 51–52]. ***Паснавис*** *– илова ба мавод, ки дар шакли ҳошия, одатан бо ишораи ҳарфҳои лотинии PS нишон дода мешавад* [Муродов, 2016, с. 258].

Этимологияи бархе вожаҳои аслӣ, ки дар истилоҳот корбурд шудаанд: Мо якчанд истилоҳи рӯзноманигориро номбар мекунем, ки аз вожаҳои аслии тоҷикӣ сохта шудаанд: *банду баст* (montage), *банду басти овоз* (vocal montage), *барнома* (program), *забони рӯзнома* (language of newspaper), *зада* (stress), *коршинос* (expert), *навгонӣ* (novelty), *намоянда* (ombudsmen), *нигориш* (survey), *озодии сухан* (freedom of speech), *паснавис* (postscript), *пешгӯйӣ* (prediction), *пурсидашаванда* (respondent), *пурсиш* (interrogation), *пурсишнома* (questionnaire), *расона* (media), *рӯзнома* (newspaper), *рӯзноманигор* (journalist), *рӯзноманигорӣ* (journalism), *сутун* (column), *сухани обшуста* (banal), *ҳафтанома* (weekly newspaper).

Ин истилоҳот аз ҷузъҳои маънодори зерин ташаккул ёфтаанд: **баланд**, **гӯй-** (аз *гуфтан*), **пеш, банд-, баст-** (аз *бастан*), **овоз, бар, нома, забон, рӯз,**

дар, нигор- (аз *нигоштан*), **ҳафт, озод, сухан, об, шуст-** (аз *шустан*), **боз-** (аз *бохтан, бозидан*), **пурс-** (аз *пурсидан*), **шав-** (аз *шудан*), **зад-** (аз *задан*), **канор, нав, пас, навис-** (аз *навиштан*), **намо-** (аз *намудан*), **сомон**, **рас-** (аз *расидан, расонидан*), **сутун**, **кор**, **шинос-** (аз *шинохтан*)**.**

Эрониасл, яъне тоҷикӣ будани ҷузъҳои маънодори истилоҳотро аз ҷиҳати этимологӣ бо таҳаввулоти таърихии онҳо аз забонҳои эронии бостон (*э.б.*), авастоӣ (*ав.*), форсии бостон (*ф.б.*), форсии миёна (*ф.м.*) то ба забони имрӯзаи тоҷикӣ нишон медиҳем. Модом ки вожаҳои мазкур ба забонҳои қадимаи эронӣ ва забони имрӯзаи тоҷикӣ (бо тағйироти овоию маъноӣ ҳам бошад) таллуқ доштанд ва доранд, пас истилоҳоти номбурда аз вожаҳои аслии эронӣ – тоҷикӣ ташаккул ёфтаанд. Барои ин ба луғатҳои этимологӣ муроҷиат мекунем ва шарҳи онҳоро меорем:

баланд: *ав.* **bərəzant-** «баланд»; *ф.м.* **buland** «баланд» [ОИЯ, 1982, с. 113];

бар: *ф.б.* **upari**, *ф.м.* **apar** «бар, бар рӯйи» [ОИЯ, 1982, с. 195].

бастан: *ф.б.* **basta-** «бастан»; *ав.* **band-** «бастан»; *ф.м.* **bastan, band** «бастан, банд» [Horn, 1893, p. 50].

бохтан, бозидан: *ф.м.* **wāzidan** «бозӣ кардан» [Ҳасандӯст, 1393а, с. 350].

гуфтан: *ф.б.* **gaub-, gaubataiy** «гуфтан»; *ф.м.* **guftan** «гуфтан» [Horn, 1893, p. 206].

дар: *ав.* **antarə**, *ф.б.* **a^{n}tar**, *ф.м.* **andar** «дар, дар даруни» [ОИЯ, 1982, с. 195].

забон: *ф.б.* **izāvam** «забон»; *ав.* **hizū-** «забон»; *ф.м.* **uzvān** «забон» [Horn, 1893, p. 144].

задан: *ф.б.* **jan-** «куштан»; *ав.* **jan-** «задан, куштан»; *ф.м.* **zatan** «задан, куштан» [Horn, 1893, p. 145].

канор: *ав.* **karāna-** «канор, карон»; *ф.м.* **kanār**, **kanārak** «канор, канора» [Horn, 1893, p. 189].

кор: *э.б.* **kāra-** аз решаи **kar-** «кардан»; *ф.м.* **kār** «кор, ҷанг» [Ҳасандӯст, 1393г, с.2085]; *ф.б.* **kar-, kunavāhy** «кардан»; *ав.* **kar, kerenaoiti** «кардан»; *ф.м.* **kartan, kartār, kunāk, kun[i]šn** «кардан, кирдор, куниш» [Horn, 1893, p. 189].

нав: *ав.* **nava-** «нав»; *ф.м.* **navak** «нав» [Horn, 1893, p. 234].

навиштан: *ф.б.* **ni+pais-**, **nipištanaiy** «навиштан»; *ф.м.* **nipištan** «навиштан» [Horn, 1893, p. 235].

намудан: *э.б.* ***ni+mā-**; *ф.м.* **n[i]mūtan** «намудан, нишон додан, пайдо шудан» [Horn, 1893, p. 233].

нигоштан, нигоридан: *э.б.* ***ni-kāra-** (**ni-** пешванд, **kāra-** «ба ёд ор») [Ҳасандӯст, 1393г, с. 2770], *ф.м.* **n(i)kār** «сурат» [Horn, 1893, p. 232].

нома: э.б. ***nāmaka-** «ном», *ф.м.* **nāmak** «нома, китоб» [Ҳасандӯст, 1393г, с. 2717].

об: *ф.б.* **āp** «об», *ф.м.* **āp** «об» [Ҳасандӯст, 1393а, с. 1].

овоз: э.б. ***vāča-** «бигӯй» аз феъли ***vak-** «гуфтан»; портӣ **w'c [vāž-]** «гуфтан»,**"w'c [āvāž-]** «садо кардан» [Ҳасандӯст, 1393г, с. 2844].

озод: *ав.* **ā-zāta-** «нижода, зотӣ»; *ф.м.* **āzāt/āzād** «нижода, озод» [ОИЯ, 1982, с. 30].

пас: *ф.б.* **pasā** «пас, аз паси», **pasāva** «пас аз он, сипас»; *ф.м.* **pas** «пас» [Ҳасандӯст, 1393б, с. 691]; *ф.б.* **pasā-** «пас», *ав.* **pasča-** «пас», *ф.м.* **pas, pasin** «пас, пасин» [Horn, 1893, p. 70].

пеш: *ф.б.* **paišiyā** «пеш»; ф.м. **pēš** «пеш» [Ҳасандӯст, 1393б, с. 775].

пурсидан: *ф.б., ав.* **fras-** «пурсидан», *ф.м.* **pursītan, pursišn, pursītār** «пурсидан, пурсиш, пурсанда» [Horn, 1893, p. 67] ва ғ.

Дар рӯзноманигорӣ вожаҳои аслӣ метавонанд бо ҳамроҳии вожаҳои иқтибосии арабӣ, лотинию юнонӣ, русию англисӣ ва ғ. дар шаклҳои мураккаб ва таркибӣ истилоҳоти нав созанд.

3.2.2. Истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ аз вожаҳои арабӣ

Вуруди вожаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ (форсӣ), ки аз замони истилои араб ва интишори ислом (асри VIII) бо роҳҳои иҷборӣ ва табиӣ

оғоз ёфт, то имрӯз давом дорад. «Танҳо як нигоҳи андак ба материали лексикии мавриди шарҳи «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ки дар асоси забони адабиёти гуногуни тоинқилобӣ тартиб ёфтааст, барои фаҳмидани он ки дар забони адабии тоҷикии тоинқилобӣ арабизмҳо то чӣ андоза бомавриду бемаврид кор фармуда шудаанд, кифоя аст» [ЗАҲТ, 1982, с. 28].

Махсусан, дар замони Истиқлол бисёр вожа ва истилоҳоти русию байналмилалӣ ба муодили арабиашон иваз шуданд. Масалан: **намуна** (модел), **иттилоот** (информатсия), **баёз** (антология), **бухрон** (кризис), **вазифа** (функсия), **зеҳн** (интеллект), **инфиродӣ** (индивидуалӣ), **иҷтимоӣ** (сотсиалӣ), **истилоҳ** (термин), **лаҳза** (эпизод), **мавод** (материал), **масъала**, **мушкилот** (проблема), **матбаа** (типография), **машварат** (консултатсия) ва ғ.

Бояд гуфт, ки ҳангоми иқтибос вожаҳои арабӣ (А) ба қоидаҳои овоӣ (фонетикӣ) ва дастурии (грамматикии) забони тоҷикӣ мутобиқ гардонида мешаванд. Дар забони арабӣ 3 намуд овози «с» (ث се, س син, ص сод), 4 намуд овози «з» (ز зе,ذ зол, ض зод, ظ зо), 2 намуд овози «т» (ت те, ط то), 2 намуд овози «ҳ» (ه ҳавваз, ح ҳуттӣ) ҳастанд, ки дар иқтибос бо як намуд «с», «з», «т» ва «ҳ»-и тоҷикӣ ифода мешаванд. «Т»-и занона (ة), бандаки «-ун», артикл ва изофати «ал» (ال) меафтад. Шаклҳои ҷамъи арабӣ айнан иқтибос мешаванд. Алифи мукассар (яъне «и») дар оғози вожаҳо пеш аз айн ва ҳамза ба «э» табдил меёбад (*эъмор, эълон, эъдом* ва ғ.). Ҳамаи ин нишонаҳоро дар истилоҳоти зер дидан мумкин аст.: *асл* – original, *таҳрир* – editing, *тасҳеҳот* – correction, *муаллиф* – author, *ахборот* – news, *ҳуруф* – font, *хабар* – note, *эълон* – annunciation, *таблиғ* – propaganda ва ғ.

Ҳангоми иборасозӣ воситаҳои дастурии тоҷикӣ – бандаки изофӣ, пешванду пасванд, пешоянду пасоянд, пайвандаку бандакҷонишинҳо, феълҳои ёридиҳанда ба кор мераванд. Масалан: *фаҳшу фуҷур* – pornography, *тартиб додан* – compote, *ҳуруфи сарлавҳа* – headline type, *сарлавҳа* – title ва ғ.

Мисолҳо: *Истифодаи* ***воситаҳои ахбори омма*** *барои* ***интишори маълумот****и дорои сирри давлатӣ ё асрори дигари қонунҳои маҳфуз, ахбор, ки ба зӯран сарнагун сохтан, ё тағйир додани ҳокимияти мавҷуда ва таблиғ менамояд,* ***фаҳшу фуҷур*** *(порнография)-ро паҳн мекунад, аъмоли ҷиноятии дигарро таҳрик менамояд, манъ аст* [Усмонов, 1999, с. 74]. *Ба гуфтаҳои Г. Лассуэл такя карда ва қолиби дугонаи* ***мухобираи*** *эътимодбахши К. Ховленд ва И. Ҷонилро кор фармуда, қолиби зерини* ***назарияи мухобироти оммавиро тартиб додан*** *мумкин аст* [Саъдуллоев, 2008, с. 12].

Дар раванди истеъмоли вожаҳои иқтибосӣ дар ҳудудҳои маънои онҳо тағйирот ба амал меояд. Баъзе вожаҳо сермаъноии худро гум мекунанд, баъзеи дигар бошад, маънои худро тағйир медиҳанд, маънои иловагӣ ё худ маънои тамоман нав касб мекунанд. Вобаста ба ин маънои луғавии истилоҳоти аз ин вожаҳо сохташуда низ на ҳама вақт ба мафҳуми ибтидоии вожаи иқтибосӣ мувофиқат мекунад.

Ниҳоят, бояд қайд намуд, ки истилоҳоти иқтибосӣ аз вожаҳои арабӣ бахши бузурги истилоҳоти рӯзноманигории забони тоҷикиро ташкил мекунанд. Онҳо 39,75 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро дар бар мегиранд.

3.2.3. Истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ аз вожаҳои русӣ ва байналмилалӣ

«Калимаҳои иқтибосии русӣ-интернатсионалӣ дар қисмати лексикаи илмӣ, техникӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ, моддӣ-маишӣ ва топонимика бештар дида мешаванд. Калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ на танҳо мафҳумҳои муайянро аниқу равшан ифода намуда, таркиби луғавии забонро бой ва пурмазмун гардонидаанд, балки дар шароити инкишофи ҳарҷонибаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва маданияти он барои ба вуҷуд овардан ва такмили терминологияи илмӣ-техникии забони тоҷикӣ низ васеъ истифода шудаанд [ЗАҲТ, 1982, с. 39–40]. Бояд қайд намуд, ки 14,24 дарсади ҳамаи

истилоҳоти таҳлилшаванда – ин истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз вожаҳои русию байналмилалӣ мебошанд.

Зери мафҳуми «русию байналмилалӣ» (РБ) мо ҳамаи он иқтибосотеро дар назар дорем, ки ба забонҳои русӣ, юнонӣ, лотинӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва ғ. тааллуқ дошта тавассути забони русӣ ва дар қолаби забони русӣ ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд. Бинобар ин дар ин вожаҳои байналмилалӣ (масалан, *журналистика*, *реклама*, *автология, геополитика, демократия, композитсия, консепсия, глобализатсия* ва ғ.) тарзи овонавишти забони русӣ қабул гардидааст, ки аз талаффузи сарчашмаҳо – забонҳои асл (англисӣ) фарқ мекунад.

Чунон ки дар бахши истилоҳоти иқтибосии арабӣ гуфтем, ҳангоми иқтибос вожаҳои РБ низ ба қоидаҳои овоӣ (фонетикӣ) ва дастурии (грамматикии) забони тоҷикӣ мутобиқ гардонида мешаванд. Дар онҳо овозҳои «ц», «щ» ва «ы» мувофиқан ба «с» ё «тс», «ш» ва «и» табдил ёфта, ҳарфи «ь» меафтад. Ҳангоми иборасозӣ воситаҳои дастурии тоҷикӣ ба кор мераванд.

Дар ин миён вожаҳои **устура** (юн. *historia* «ҳикоя, саргузашт»), **калид** (юн. *κλειδα* «калид»), **қалам** (юн. *kalamos* «най»), **қонун** (юн. *kanon* «қоида»), **собун** (лот. *sapo, saponis* «собун») истисно мебошанд, чунки онҳо бо миёнаравии забони арабӣ иқтибос шудаанд ва ба талаффузи забони арабӣ мутобиқ шудаанд.

Истилоҳоти зерин аз забонҳои гуногун баромада бошанд ҳам тавассути забони русӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд: **автология** (юн. *autos* худ+ юн. *logos* вожа), **алгоритм** (шакли лотинии номи Ал-Хоразмӣ – *algorithm*), **аллитератсия** (лот. *ad* ба, назди + *lit(t)era* ҳарф), **аншлаг** (олм. *anschlag* эълон), **апгрейдинг** (анг. *upgrading* навкунӣ), **аудитория** (лот. *auditorium* ҷой барои гӯш кардан), **байт** (анг. *byte* – акроним аз *b(inar)y (digi)t e(ight)*), **баннер** (фр. *banere, baniere*), **брошюра** (фр. *brochure*), **буклет** (фр. *bouclette* ҳалқача), **визитка** (фр. *visite* + рус. *-ка*), **геополитика** (юн. *ge*

замин + *politike* сиёсат), **гранка** (рус.), **диктофон** (лот. *dicto* мегӯям + юн. *phone* нутқ), **жанр** (фр. *genre* намуд), **интернет** (лот. *inter* андар, байн + анг. *net* бофт, шабака), **интершум** (лот. *inter* андар, байн + *natio (nationis)* халқ, миллат + рус. *шум* маҒал), **информатика** (лот. *informatio* нақл), **микшер** (анг. *mixer* омезгор), **модератор** (лот. *moderator* маҳдудкунанда), **монитор** (лот. *monitor* огоҳкунанда), **образ** (рус. *образ* тарз, симо), **оттиск** (рус. *оттиск*), **очерк** (рус. *очерк*), **памфлет** (анг. *pamphlet*), **пародия** (юн. *parodia* чаппа сурудан), **публитсистика** (лот. *publicus* ҷамъиятӣ), **радио** (лат. *radiare* нур афкандан), **реклама** (фр. *reclame* аз лот. *reclamare* ҷор задан) ва ғ. [Курянов,1993; Мамадназаров, 2015; Москвин, 2005; Мюллер, 2007; РТС, 1985; Barnhart, 1995; Klein, 2003].

Мисолҳо: ***Автология*** *– истифодаи калима ба маънои аслиаш* [Муродов, 2016, с. 7]. ***Алгоритм*** *– тартиби иҷрои амалиёт дар низоми компютерӣ. Дар соҳаи иртибот ҳангоми таҳлили усулҳои намунасозии матнҳои иттилоотӣ ва ё барномаҳои гуногун истифода мешавад* [Муродов, 2016, с. 11]. ***Аллитератсия*** *– воҳиди услубие, ки дар он якчанд овози якхела ва ҳамсадои бо ҳам монанд такрор меёбад.* [Муродов, 2016, с. 11]. *Масалан, дар саҳифаи аввал ҷило додани ахбори асосӣ (**аншлаг, аннотатсия**) қоидаи маълуми бо зоҳир ҷалб сохтани хонанда аст* [Қутбиддинов, 2018, с. 143]. ***Апгрейдинг*** *– истилоҳест, ки тағйироти дар технологияи иттилоотӣ бавуҷудомада – гузариш ба зинаи нави сифатии инкишофро мефаҳмонад;* [Муродов, 2016, с. 18]. *Ҳамзамон манбаъҳои далелсанҷӣ, чунон ки таҷриба нишон медиҳад, ба **аудиторияи** васеи хонанда нигаронида шудааст, бинобар ҳамин шеваю услуби пешниҳоди матн бояд барои қабул ва дарк созгор бошад* [Гороховский, 2018, с. 31]. ***Аутентификатсия*** *– маҷмуи маълумоти иттилоотии тибқи барномаи муайян сохташуда, мавҷудияти низоми ягонаи тасвир* [Муродов, 2016, с. 25]. ***Байт*** *– воҳиди асосии ченаки теъдоди иттилоот дар техникаҳои компютерӣ (диск, флеш). Воҳидҳои нисбатан калон – **килобайт, мегабайт, гигабайт*** [Муродов, 2016, с. 29].

Дар истилоҳоти зерин вожаҳои аслии тоҷикӣ (Т) бо иқтибосоти РБ-и **тип, устура, аудитория, радио, филм** иқтибосоти мураккаб ва таркибӣ сохтаанд: *типикунонӣ* (typification) – **тип** (РБ), **кунонӣ** (Т); *устурашиносӣ* (mythology) – **устура** (РБ), **шиносӣ** (Т); *аудиторияи зудбовар* (admass) – **аудитория** (РБ), **зуд+бовар** (Т); *забони радио* (language of radio) – **забон** (Т), **радио** (РБ); *ороиши овозии филм* (vocal typography of a film) – **оройиш** (Т), **овозӣ** (Т), **филм** (РБ) ва ғ.

Мисолҳо: *Худи **фелетон** ба **типикунонӣ** муносибати якранг надорад. Зеро дар он **факту** воқеа ва **персонажи** марказиро **типӣ** кунондан мумкин нест* [Нуралиев, 1989, с. 151]. ***Устурашиносӣ** – 1) маҷмуи **асотир**, **образҳои** нисбатан машҳур; 2) илм дар бораи омӯзиши пайдоиш, моҳият, мазмун ва паҳн гардидани афсонаву ривоят* [Муродов, 2016, с. 374]. *Эдмасса – **аудиторияи зудбовар**, **аудиторияи оммавии зудбовар**, ки ба **рекламаҳо** мубтало гардида, ба мундариҷаи онҳо ихлос мебанданд* [Муродов, 2016, с. 437].

3.2.4. Истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ аз забонҳои гуногун

Истилоҳоти мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ метавонанд аз унсурҳои аслӣ ва иқтибосӣ ташаккул ёбанд. Ин гуна истилоҳот бо воситаву усулҳои вожасозӣ ва иборасозии забони тоҷикӣ сохта шуда аз таркибҳои зерин иборатанд:

– тоҷикӣ-арабӣ ва арабӣ-тоҷикӣ (Т+А ва А+Т);

– тоҷикӣ-русию байналмилалӣ ва русию байналмилалӣ-тоҷикӣ (Т+РБ ва РБ+Т);

– тоҷикӣ-русию байналмилалӣ ва арабӣ (Т+РБ+А);

– русию байналмилалӣ-арабӣ ва арабӣ-русию байналмилалӣ (РБ+А ва А+РБ).

Таркибҳои Т+А ва А+Т

Дар истилоҳоти мураккабе, ки бо намунаҳои **N+N** (*исм + исм*), **N+Vазҳ** (*исм + асоси замони ҳозираи феъл*), **N+Vазҳ+-ӣ** (*исм + асоси замони ҳозираи феъл + пасванди* **-ӣ**), **N+Vазҳ+-анда** (*исм + асоси замони ҳозираи феъл + пасванди* **-анда**), **ба-+N+Vазҳ+-ӣ** (*пешванди* **ба-** *+ исм + асоси замони ҳозираи феъл + пасванди* **-ӣ**) сохта шудаанд, ба ҷойи исмҳои аслӣ метавонанд исмҳои иқтибосии арабӣ истифода шаванд:

N+N: *бисёр**нусха**, дастур**амал**, даст**хат**, **иҷозат**нома, кӯтоҳ**ахбор**, **маълумот**нома, намо**лавҳа**, нахуст**манбаъ**, пеш**хабар**, **саво**лнома, сар**лавҳа**, сар**мақола**, сар**муҳаррир**, сар**хат**, **тавсиф**нома, тахта**фарш**, **ҳол**нома* ва ғ.

N+Vазҳ: ***китоб**соз, **моҷаро**ҷӯ, **самт**бахш, **саҳифа**банд, **услуб**шинос, **хабар**нигор* ва ғ.

N+Vазҳ+-ӣ: ***авом**фиребӣ*, ***намуна**созӣ, **аниқ**гардонӣ, **асар**дуздӣ, **ворид**кунӣ, **идора**кунӣ, **истилоҳот**шиносӣ, **маҳал**гаройӣ, **моил**гардонӣ*, ***муайян**кунӣ*, ***мувофиқ**созӣ*, ***мувофиқ**шавӣ*, ***мусоҳиба**оройӣ*, ***нусха**бардорӣ*;

N+Vазҳ+-анда: ***интихоб**кунанда, **интишор**диҳанда, **ирсол**кунанда, **истеҳсол**кунанда, **истифода**баранда, **иштирок**кунанда, **мусоҳиба**кунанда* ва ғ.

ба-+N+Vазҳ+-ӣ: *ба**нақша**гирӣ, ба**ҳисоб**гирӣ* ва ғ.

Дар истилоҳоти таркибӣ (ибора-истилоҳот), ки аз ибораҳои исмии изофӣ сохта шудаанд, яке аз ҷузъҳо метавонад вожаи иқтибосии арабӣ бошад:

ATTR [N+-и] **+ N**: *арзиши **иттилоот**, **ахлоқи** рӯзноманигорӣ, **варақаи** бароориш, гурӯҳи **улфатон*** ва ғ.

N+-и + ATTR [A]: ***асари** намойишӣ, **аҳроми** вожгуна, барномасозии **қишрӣ**, **ҳуруфи** ғафс*, ***ҷомеаи** шаҳрвандӣ* ва ғ.

Ё худ як ё ҳар ду ҷузъи ибора исмӣ вожаи арабӣ бошанд ҳам, дар онҳо воситаҳои дастурӣ ва вожасозии тоҷикӣ истифода шудаанд:

ATTR [N+-и] **+ N**: ***истеъмол**гарони **иттилоот**, **маҳорати мусоҳиба**оройӣ, **тавлид**гарони **ҳаводис**, **ҷузв**дони **ровӣ*** ва ғ.

N+-и + ATTR [A]: ***ҳуруфи** сар**лавҳа**вӣ, **иттилои** бо**эътимод**, **маводи шавқ**овар, **матбуоти** бо**сифат**, **матни сурат**дор* ва ғ.

Истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ аз забони арабӣ бо истифодаи вожаҳои аслии тоҷикӣ 22,44 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд. Масалан: *намунасозӣ* (modelling) – **намуна** (А), **созӣ** (Т); *аниқгардонӣ* (verification) – **аниқ** (А), **гардонӣ** (Т); *аҳроми вожгуна* (upturned pyramid) – **аҳром** (А), **вожгуна** (Т); *ба мавод дохил кардан* (compose) – **ба** (Т), **мавод** (А), **дохил** (А), **кардан** (Т); *ба худ моил кардан* (manipulate) – **ба** (Т), **худ** (Т), **моил** (А), **кардан** (Т) ва ғ.

Чӣ хеле, ки мебинем, дар ин истилоҳот вожаҳои иқтибосии арабии **намуна**, **аниқ**, **аҳром**, **мавод**, **моил** корбурд шудаанд.

Мисолҳо: *Алгоритм дар соҳаи иртибот ҳангоми таҳлили усулҳои* ***намунасозии*** *матнҳои иттилоотӣ ва ё барномаҳои гуногун истифода мешавад* [Муродов, 2016, с. 11]. ***Аниқгардонии*** *хабарҳо дар шаклҳои гуногун: дақиқназарӣ, таҳқиқоти журналистӣ ва хабарҳои сиёсӣ сурат мегирад* [Муродов, 2016, с. 16]. ***Ба мавод дохил кардан*** *– ба* ***маводи саҳифабандишуда*** *дохил намудани матн, акс ё расми нав* [Муродов, 2016, с. 29].

Зимнан бояд таъкид кард, ки қисми зиёди истилоҳоти рӯзноманигорӣ, ки дар луғатҳо, аз он ҷумла дар фарҳанги М. Муродов оварда шудаанд, дар амалияи рӯзноманигории тоҷик истифода намешаванд. Агар бахше аз онҳо тарҷумаи таҳтуллафзии истилоҳот ва фразеологизмҳои барои муҳити Тоҷикистон бегона бошад, бахши дигараш истилоҳоти низоми махсуси рӯзноманигории кишварҳои хориҷӣ аст, ки дар кишвари мо амал намекунад. Ғайр аз ин муаллифон аз доираи матнҳои русӣ берун намераванд, барои айнияти тарҷума истилоҳоти душворталаффузу ноҳинҷори махлутзабонро ба кор мебаранд, бехабар аз он, ки дар забонамон чӣ қадар муродифҳои зебову равони худӣ ҳаст.

Таркибҳои Т+РБ ва РБ+Т

Вожаҳои русию байналмилалӣ (РБ) дар забони тоҷикӣ дар баробари алоҳида ҳамчун истилоҳи мустақил хизмат карданашон метавонанд ҷузъи истилоҳоти мураккаб ва ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ бошанд.

N+Vазҳ+-ӣ: ***тип****икунонӣ,* ***устура****шиносӣ* ва ғ.

ATTR [N+-и] **+ N**: *истгоҳи* ***радио***, ***оператори*** *овоз,* ***режиссёри*** *овоз*.

N+-и + ATTR [A]: *овози* ***телевизионӣ***, ***аудиторияи*** *зудбовар* ва ғ.

Истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ аз забонҳои русию байналмилалӣ бо истифодаи вожаҳои решагии тоҷикӣ 2,39 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд. Масалан: *режиссёри овоз* (sound producer) – **режиссёр** (РБ), **овоз** (Т); *овози телевизионӣ* (television sound) – **овоз** (Т), **телевизион** (РБ); *конфронс* (*конференсия)-и хонандагон* (readership conference) – **конфронс (конференсия)** (РБ), **хонандагон** (Т); *номгӯйи предметҳои яктипа* (catalogue) – **номгӯй** (Т), **предмет** (РБ), **як** (Т) **+ тип** (РБ) ва ғ.

Мисолҳо: ***Режиссёри овоз*** *сабти матнҳо, маҳал ва мусиқиро ба пленка омода намуда, маводи фонотекиро интихоб мекунад, ба сифатҳои техникиву бадеӣ диққат дода, барои сари вақт васлу фасл намудани овоз, таъмини омезиши садоҳо ҳини сабти фонограмма хизмат менамояд* [Муродов, 2016, с. 287]. ***Овоз ё садои телевизионӣ*** *– яке аз усулҳои таъсир ба аудитория. Садо на танҳо тасвири* ***барномаҳои телевизиониро*** *ҳамроҳӣ мекунад, балки тасвирро ҷиддан ғанӣ намуда, аз рӯйи имкон онро нисбатан воқеитар, боваринок ва пурқувваттар мегардонад* [Муродов, 2016, с. 297]. *Номгӯй (каталог) –* ***номгӯйи предметҳои яктипа*** *– китобҳо, молҳо, экспонатҳо ва ғайра, ки аз рӯйи тартиби муайян мураттаб гардидаанд* [Муродов, 2016, с. 233].

Таркибҳои Т+РБ+А

Дар забони тоҷикӣ дар истилоҳоти мураккаб ва ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ ҷузъҳо-вожаҳои тоҷикӣ дар як вақт бо вожаҳои русию байналмилалӣ (РБ) ва арабӣ (А) бо тартибҳои гуногун омаданашон мумкин аст.

Истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ аз забонҳои арабӣ ва русию байналмилалӣ бо истифодаи вожаҳои решагии тоҷикӣ 1,93 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд. Масалан: *қаблазжурналистӣ* (pre journalism) – **қабл** (А), **аз** (Т), **журналист**

(РБ); *хулосабарории дедуктивӣ* (deductive conclusion) – **хулоса** (А), **барорӣ** (Т), **дедуктив** (РБ); *ширкати телевизион ва радиошунавонӣ* (broadcast company) – **ширкат** (А), **телевизион** (РБ), **ва** (А), **радио** (РБ), **шунавонӣ** (Т); *саҳифаи чопи мошинӣ* (typewritten page) – **саҳифа** (А), **чоп** (Т), **мошин** (РБ); **Мисолҳо**: ***Қаблазжурналистӣ*** *– фаъолияти мақсадноки паҳн намудани ахбору маълумоти муайян миёни омма* [Муродов, 2016, с. 146]. ***Хулосабарории дедуктивӣ*** *– гузариш аз маърифати умумӣ ба ҷузъӣ* [Муродов, 2016, с. 146]. ***Ширкати телевизион ва радиошунавонӣ*** *–ташкилоте, ки пахши барномаи телевизионӣ ва ё радиоиро бо фаро гирифтани танзим, ҷобаҷогузории вақти пахшу интиқоли барнома бевосита барои аудитория амалӣ месозад* [Муродов, 2016, с. 146].

Таркибҳои РБ+А ва А+РБ

Дар забони тоҷикӣ истилоҳоти мураккаб ва ибора-истилоҳоти рӯзноманигорӣ бе иштироки вожаҳои аслии тоҷикӣ танҳо аз вожаҳои русию байналмилалӣ (РБ) ва арабӣ (А) таркиб ёфтанашон мумкин аст.

Истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ аз забони арабӣ бо истифодаи вожаҳои русию байналмилалӣ 4,21 дарсади истилоҳоти таҳлилшавандаро ташкил медиҳанд. Масалан: *агентӣ (ожонсӣ, оҷонсӣ)-и иттилоотӣ* (informational agency) – **агент** (РБ), **иттилоот** (А); *образи ҳаҷвӣ* (satiric mode) – **образ** (РБ), **ҳаҷв** (А); *нутқи телевизионӣ* (television speech) – **нутқ** (А), **телевизион** (РБ); *назарияи журналистика* (journalism theory) – **назария** (А), **журналистика** (РБ); *шартҳои иқтисодии менеҷменти иттилоотӣ* (economical principals of informational management) – **шарт** (А), **иқтисод** (А), **менеҷмент** (РБ), **иттилоот** (А) ва ғ.

Мисолҳо: ***Агентии Иттилоотии*** *Тоҷик ТА матолиби расмиро бо забони ӯзбекӣ низ паҳн мекард* [Усмонов, 2008, с. 265]. *Соли 2008 сармуҳаррири* ***Ожонсии иттилоотии*** *«Паём»-и вилояти Хатлон, солҳои 2008-2010 сармуҳаррири «Ҳамрози халқ», нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва аз августи соли 2011 мудири шуъбаи иттилоот ва омӯзиши афкори оммаи рӯзномаи вилоятии «Хатлон» мебошад* [Маъмурзода,

2013, с. 223]. *Пас аз соли 2000 ба шуъбаи тоҷикии Радиои «Озодӣ» аз Тоҷикистон Тоҳири Сафар, Хиромон Бақозода (ҳар ду аз* ***Оҷонсии иттилоотии*** *«Asia-Plus») Мирзои Салимпур ва Саидқосим Қиёмпур (Ҷалолов) даъват шуданд* [Муқим, 2021, с. 54].

Тарҷумаи ориятӣ ва калка

Тарҷумаи ориятӣ ё калка яке аз қисмҳои таркибии назарияи иқтибос мебошад. Калка аз иқтибос бо он фарқ мекунад, ки ҳангоми тарҷумаи истилоҳ на худи вожа, балки воситаҳои лексикӣ ва дастурии забони маъхаз иқтибос мешаванд. Яъне таҳвили шаклу мазмун аз забони бегона ба забони модарӣ сурат мепазирад ва истилоҳот дар қолаби забони бегона сохта мешаванд.

Калкаҳо бевосита аз забони англисӣ: *буриданамойиш* – videoclip.

Мисол: ***Буриданамоиш*** *(видеоклип) – шарҳи қисматҳои ҷолиб ва муассири мусиқиҳои эстрадии телевизионӣ (навори) тавассути созмондиҳии махсуси лаҳзаҳои ҷолиб.* ***Буриданамоиш*** *ба мақсади реклама низ истифода мешавад* [Муродов, 2016, с. 40].

Калкаҳо аз забони англисӣ тавассути забони русӣ: *озодии сухан* – (свобода слова) freedom of speech, *мизи мудавар* – (круглый стол) round table discussion, *паси дарҳои пӯшида* – (за закрытыми дверями) behind the closed doors, *моликияти зеҳнӣ* – (интеллектуальная собственность) intellectual property, *монеаи иттилоотӣ* – (информационный барьер) informational barrier, *нуқтаи назар* – (точка зрения) point of view, *маълумоти тарҷумаиҳолӣ* – (биографическая информация) biographical information ва ғ.

Мисолҳо: *Ва ниҳоят, соли 1905 сотсиал-демократҳо аз нашри манифести шоҳ дар хусуси* ***озодии сухан*** *истифода бурда, редаксияи «Русский Туркестан»-ро пурра ба даст гирифтанд* [Нуралиев, 1989, с. 16]. *Дар* ***мизи гирди*** *«Шоҳмот» масоили сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Эрон мавриди мубоҳисаи коршиносон қарор мегирад* [Муқим, 2021, с. 23]. ***Паси дарҳои***

пӯшида *– вохӯриву ҷаласа, гуфтугӯву мулоқот ва дигар чорабиниҳое, ки дар ҷараёни онҳо иштироки рӯзноманигорон ҳатмӣ нест* [Муродов, 2016, с. 258].

Калкаҳо аз забони русӣ: *навори унвонӣ* – адресная лента, *оинаи нилгун* – голубой экран, *бисёрнусха* – (многотиражка).

Мисолҳо: ***Навори унвонӣ*** *– навори видеоие, ки дорои иттилооти ҷуғрофии ҷойи сабт: номи мавзеи аҳолинишин, муассиса, аломати роҳ ва монанди ин мебошад* [Муродов, 2016, с. 215]. *Дар ин зимн хабарнигору наворбардори телевизиони ҷумҳурӣ шоҳиди маросими навхонадорон гардида, онро ба навор гирифта, ба воситаи* ***оинаи нилгун*** *намоиш доданд* [Маъмурзода, 2013, с. 456].

Шарҳи этимологӣ нишон дод, ки аксари истилоҳоти рӯзноманигорӣ пурра ё қисман (дар истилоҳоти мураккаб ё таркибӣ яке аз ҷузъҳо) аз вожаҳои иқтибосии арабӣ иборат мебошанд. Саҳми вожаҳои аслии тоҷикӣ ва русию байналмилалӣ дар истилоҳофарӣ ба андозаи баробар кам аст.

Хулосаи боби III

Пайдоиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ таърихи дуру дароз дошта, аз садаи XV оғоз мегардад. Ташаккули истилоҳоти рӯзноманигории забони тоҷикӣ ба интиҳои садаи XIX – ибтидои садаи XX рост меояд. Раванди истилоҳофарӣ қадам ба қадам баробари пешрафт ва такомули ВАО ва фановарии иттилоотӣ дар ҳоли идома аст.

Ташаккули вожаҳои аслии забони имрӯзаи англисӣ аз вожагони забонҳои англисии бостон ва миёна ибтидо мегирад. Истилоҳоти рӯзноманигории забони англисӣ, ки аз вожагони аслии ин забон сарчашма гирифтаанд, ниҳоят каманд. Таҳқиқ нишон дод, ки ин гуна истилоҳот ҳамагӣ 7,26 дарсади маводи шарҳёфтаро ташкил медиҳанд. Бахши бузурги истилоҳоти рӯзноманигории забони англисӣ, яъне 57,20 дарсади маводи шарҳёфта, аз вожаҳои иқтибосии лотинӣ (44,37 дарсад) ва юнонӣ (12,83 дарсад) ташаккул ёфтаанд. Вожаҳои иқтибосии забонҳои лотинӣ ва юнонӣ ба забони англисӣ ба таври бевосита ё асосан ба воситаи забони фаронсавӣ

(28,94 дарсад), инчунин тавассути забонҳои итолиёӣ ва олмонӣ роҳ ёфтаанд.

Вожаҳои аслии забони имрӯзаи тоҷикӣ дар асоси вожагони забонҳои авастоӣ, форсии бостон ва форсии миёна ташаккул ёфтаанд. Истилоҳоти рӯзноманигории забони тоҷикӣ, ки аз вожагони аслии ин забон сарчашма гирифтаанд, низ нисбатан камшуморанд. Дар натиҷаи таҳқиқи маводи интихобшуда ҳамагӣ 13,21 дарсад истилоҳоти аз вожагони аслӣ сохташуда ошкор гардиданд. Бештари истилоҳот, яъне 39,75 дарсади маводи шарҳёфта аз вожаҳои иқтибосии арабӣ ташаккул ёфтаанд. Ҳиссаи истилоҳоти иқтибосии русию байналмилалӣ низ назаррас аст, яъне 14,24 дарсади маводи шарҳёфта иқтибосоти русӣ, лотинӣ, юнонӣ, англисӣ, олмонӣ ва ғ. мебошанд, ки тавассути забони русӣ ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтаанд.

Ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ ҳодисаҳои ба тағйироти овоӣ ва дастурӣ (фонетикӣ ва грамматикӣ) дучор шудани вожаҳои иқтибосӣ мушоҳида мегардад.

Дар шумори истилоҳоти рӯзноманигории тоҷикӣ истилоҳоте вомехӯранд, ки нисбат ба муродифи англисиашон калка (гардабардорӣ) мебошанд. Ин калкаҳоро равандҳои тарҷумаи русӣ аз англисӣ ва тарҷумаи тоҷикӣ аз русӣ ба вуҷуд овардаанд.

Дар истилоҳоти мураккаб ва ибора-истилоҳоти ҳам англисӣ ва ҳам тоҷикӣ вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ, вожаҳои иқтибосии гуногунзабон байни худ ба тарзҳои мухталиф истилоҳ сохтаанд. Вале ба сифати воситаҳои алоқаи байни онҳо ҳамеша воситаҳои дастурии забони англисӣ ё тоҷикӣ (пешоянду пасояндҳо, пешванду пасванд, миёнванду бандакҳо) баромад мекунанд.

ХУЛОСА

Истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ ҳанӯз дар садаи XV бо истифодаи дастгоҳҳои чоп ва нашри китобҳои чопӣ рӯ ба ташаккул ниҳоданд ва дар садаҳои XVI-XVII такомул ёфта дар забон устувор гардиданд. Бо оғози чопи китоб дар садаи XV дар Англия нахустин истилоҳоти марбут ба чоп, саҳифабандӣ ва интишори маҳсулоти чопӣ пайдо мегарданд. Дар садаи XVI «*newletters*» (номаҳои навигарӣ) ва «*news*» (навид)-ҳои дар оғоз дастнавис ва сипас чопӣ маъмул мегарданд, ки ба кушода шудани бозорҳои мавсимӣ (ярмаркаҳо) бахшида мешуданд. Аммо истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ танҳо 500 сол баъд ба ташаккул оғоз намудаанд. Таҳлилҳои минбаъда нишон медиҳад, ки тоҷикон хеле пештар аз ин бо табъу нашр ва матбуоти даврӣ ошно буданд. Бо таъсиси матбааҳо нахуст дар Ҳиндустону Эрон (садаҳои XVIII-XIX), сипас дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд ва Когон дар забони тоҷикӣ истилоҳоти *матбаъ*, *матбаа* (типография), *табъ*, *чоп*, *чопи сангӣ* (литография) пайдо шуда буданд.

1. Бо вуҷуди солҳои охир чоп шудани китобҳои марбути фарҳангнигории истилоҳоти рӯзноманигорӣ масъалаи омӯзиши муқоисавии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то ҳол мавриди таҳқиқоти мустақил нагардидааст. Ин падида якчанд сабаб дорад:

а) Рӯзноманигории тоҷик нисбат ба дигар риштаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ хеле дертар ба вуҷуд омада умри каме бештар аз садсола дорад [11-М].

б). Солҳои дароз истилоҳоти соҳавии забони тоҷикӣ, ба ҷуз тавсифҳои кӯтоҳе, ки дар китобҳои илмӣ ва дарсӣ оварда мешуд, ба таври бояду шояд омӯхта намешуд. Танҳо аз солҳои 80-уми асри гузашта сар карда силсилаи маълумотномаҳо ва луғатҳои дузабонаи истилоҳоти соҳаҳои гуногун дар шакли даҳҳо китобҳои ҷудогона ба нашр расиданд ва ин раванд идома дорад [11-М; 10-М].

в). Омӯзиши истилоҳоти соҳавӣ дар забони тоҷикӣ дар оғози садаи нав – танҳо ду даҳсола пеш ба таври фарох ривоҷ ёфт. Зимни он омӯзиши истилоҳоти забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ дар оғози садаи нав суръати тоза пайдо карда даҳҳо рисолаҳои илмӣ оид ба истилоҳоти соҳавии забони тоҷикӣ, муқоисаи вожасозӣ ва вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти забонҳои тоҷикӣ ва бо забонҳои дигар ба миён омаданд [7-М].

2. Истилоҳот (терминология, терминологическая термлексика – terminology)-и рӯзноманигорӣ – маҷмуи истилоҳоти дар сатҳи мафҳумӣ, вожагӣ-маъноӣ, вожасозӣ ва дастурӣ (грамматикӣ) ба ҳам алоқаманд аст, ки бо назарияи рӯзноманигорӣ ва соҳаи фаъолияти касбии рӯзноманигорӣ муносибати бевосита дорад [3-М].

3. Майдони истилоҳӣ (терминологическое поле)-и рӯзноманигорӣ – ин ҳудуди махсуси мавҷудияти истилоҳ аст, ки дар дохили он истилоҳ ба тамоми нишонаҳои тавсифшавандааш доро аст, соҳаест маҳдудшуда, ки аз таъсироти бегона муҳофизат мешавад. Истилоҳоти рӯзноманигориро ба майдонҳои истилоҳии «Матбуот», «Радио», «Телевизион», «Интернет» ва ғ. ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо низ дар навбати худ ба микромайдонҳо тақсим мешаванд. Масалан, майдони «Матбуот» метавонад микромайдонҳои «Рӯзнома», «Маҷалла», «Нашриёт» ва ғ. дошта бошад. Мансубият ба майдони муайян нишонаи аз ҳама асосии истилоҳ аст, ки истилоҳ-вожаро аз вожаи муқаррарӣ фарқ мекунонад [2-М; 3-М].

